# Масъалаи ҳиҷоб

*Муртазо Мутаҳҳарӣ*

**Баргардон ва таҳия аз:**

*Сайидюнуси Истаравшанӣ*

# Фехрист


Фехрист ........ 2
Муқаддима ........ 4
Бахши аввал: Таърихчаи ҳиҷоб ........ 7
Бахши дуввум: Иллати пайдо шудани ҳиҷоб ........ 12
Риёзат ва руҳбоният ........ 13
Баррасӣ ........ 15
Адами амният ........ 19
Баррасӣ ........ 21
Истисмори зан ........ 23
Баррасӣ ........ 25
Ҳасодат ........ 27
Баррасӣ ........ 27
Одати занонагӣ ........ 30
Боло бурдани арзиш ........ 32
Бахши севвум: Фалсафаи пӯшиш дар ислом ........ 36
Вожаи “ҳиҷоб” ........ 36
Симои ҳақиқии масъалаи ҳиҷоб ........ 39
1) Оромиши равонӣ: ........ 40
2. Истеҳкоми пайванди хонаводагӣ: ........ 43
3. Устувории иҷтимоъ: ........ 45
4. Арзиш ва эҳтироми зан: ........ 47
Бахши чаҳорум: Эродҳо ва ишколҳо: Ҳиҷоб ва мантиқ ........ 48
Ҳиҷоб ва асли озодӣ ........ 48
Рукуди фаъолиятҳо ........ 51
Афзоиши илтиҳобҳо ........ 54
Бахши панҷум: Ҳиҷоби исломӣ ........ 61
Истизон (иҷоза гирифтан) ........ 63
Айн ва басар ........ 68
Ғазз ва ғамз ........ 68
Сатри аврат ........ 71
Зинат ........ 73
Истиснои аввал: ........ 74
Кайфияти пӯшиш ........ 78

Истисной дуввум: ....................................................................80
Оёти дигар ....................................................................84
Ҳамсарони пайғамбар....................................................................88
Ҳарими ифоф....................................................................90
Ҳудуди пӯшиш....................................................................95
Баррасӣ....................................................................95
Чеҳра ва ду даст (ваҷҳ ва каффайн) ....................................................................96
Далелҳои мувофиқ....................................................................99
Далелҳои мухолиф....................................................................108
1. Сираи мусалмонон:....................................................................108
2. Милок:....................................................................111
3. Ривоят:....................................................................114
4. Хостгорӣ: ....................................................................115
5. Ояти “Ҷилбоб”: ....................................................................117
Ширкати зан дар маҷомеъ....................................................................118
Тавсияҳои ахлоқӣ....................................................................127
На ҳабс ва на ихтилот....................................................................129
Фатвоҳо....................................................................130
Ҳисси эҳтиёт....................................................................135
Кетмон ё изҳор? ....................................................................136
Ду масъалаи дигар ....................................................................139

بسم الله الرحمن الرحيم

# Муқаддима

Решаи бештари инҳирофоти динӣ ва ахлоқии насли ҷавонро дар лобалои афкору ақоиди онон бояд ҷустуҷӯ кард. Фикри ин насл аз назари мазҳабӣ ончунонки бояд раҳнамоӣ нашудааст ва аз ин назар фавқулъода ниёзманд аст.

Агар мушкил дар раҳнамоии ин насл бошад, бештар дар фаҳмидани забон ва мантиқи ӯ ва рӯ ба рӯ шудан бо ӯ бо мантиқ ва забони худаш аст. Ва дар ин вақт аст, ки ҳар касе эҳсос мекунад ин насл, бар хилофи он чи ибтидо ба назар мерасад, лаҷуҷ нест, омодагии зиёде барои дарёфти ҳақоиқи динӣ дорад.

Ҳадафи нависанда ва ҳамчунин ҳадафи гурӯҳи равшанфикр ва мутадайини Анҷумани исломии пизишкон аз тарҳ ва баҳс ва нашри “Масъалаи ҳиҷоб” ин аст, ки эҳсос шуд гузашта аз инҳирофоти амалии фаровоне, ки дар заминаи ҳиҷоб ба вуҷуд омада, ин масъала ва соири масоили марбут ба зан василае шуда дар дасти як идда афроди нопок ва муздурсифат, ки аз ин пойгоҳ алайҳи дини муқаддаси ислом ҷору ҷанҷоли таблиғотӣ роҳ биандозанд. Бадеҳӣ аст дар шароити мавҷуд, ки насли ҷавон аз ҷанбаи мазҳабӣ ба қадри кофӣ роҳнамоӣ намешавад, ин таблиғот осори шуми худро мебахшад.

Ин банда Худоро сипосгузор аст, ки эҳсос мекунад фаъолиятҳои қаламии ноқобили ӯ дар ин майдон, чӣ ҷароид ва маҷаллот ва чӣ ба василаи ин китоб, асари неки маҳсусе доштааст. То он ҷо, ки иттилоъ дорад, нашри ин китоб таъсири фаровоне дар ислоҳи ақоид ва афкори ин насл доштааст, ҳатто баъзе аз бонувони ба истилоҳ мутаҷаддид амалан дар вазъи худ таҷдиди назар кардаанд.

Бидуни шак падидаи “бараҳнагӣ” бемории асри мост. Дер ё зуд ин падида ба унвони як “беморӣ” шинохта хоҳад шуд. Фаразан мо кӯр-кӯрона аз ғарб тақлид кунем, худи пештозони ғарбӣ моҳияти ин падидаро эълом хоҳанд кард. Вале мо агар ба интизори эъломи онҳо биншинем, метарсам хеле дер шуда бошад. Агар мехоҳед бибинед кори

бараҳнагӣ дар ғарб ба куҷо расида ва фарёди чӣ касонеро баланд кардааст, ин қисмат аз номаи яке аз ҳунарпешагони маъруфи ҷаҳонро ба духтараш, ки ба қавли худаш, 40 сол мардуми рӯйи заминро хандондааст бихонед. Ин нома масали маъруфи омиёнаи худамонро ба ёд меоварад:

"*Азо чӣ азоест, ки мурдашӯй ҳам гиря мекунад!*"

Ӯ пас аз он ки ба духтараш иҷоза медиҳад "фақат ба хотири ҳунар метавон лухт ва урён ба рӯйи саҳна рафт" ва таъкид мекунад, ки ин лухтӣ мунҳасиран дар рӯйи саҳна ва барои зарурати ҳунар бошад, менависад:

"*... Бараҳнагӣ бемории асри мост. Ман пирамардам ва шояд ҳарфҳое хандаовар бизанам. Аммо ба гумони ман, тани урёни ту бояд аз они касе бошад, ки руҳи урёнашро дӯст медорӣ. Бад нест агар андешаи ту дар ин бора моли даҳ сол пеш бошад, моли даврони пӯшидагӣ. Натарс ин даҳ сол туро пиртар нахоҳад кард. Ба ҳар ҳол умедворам ту охирин касе бошӣ, ки табаъаи ҷазираи лухтиҳо бишавӣ...*"

Нависандаи ин нома ба доштани баъзе афкори инсонӣ маъруф аст. Ин суханони вай нишонаи дигаре аст аз баҳраманд будани ӯ аз бархе афкори инсонӣ.

* * *

Лузуми пӯшидагии зан дар баробари марди бегона, яке аз масоили муҳимми исломӣ аст. Дар худи Қуръони Карим дар бораи ин матлаб тасреҳ шудааст. Бинобар ин дар асли матлаб аз ҷанбаи исломӣ наметавон тардид кард.

Пӯшидани зан худро аз марди бегона, яке аз мазоҳири лузуми ҳарим миёни мардон ва занони аҷнабӣ аст, ҳамчунон ки адами ҷавози хилват миёни аҷнабӣ ва аҷнабия, яке дигар аз мазоҳири он аст. Ин баҳсро дар панҷ бахш бояд расидагӣ кард:

1. Оё пӯшиш аз мухтассоти ислом аст ва пас аз зуҳури ислом, аз мусалмонон ба ғайри мусалмонон сироят кардааст? Ё аз мухтассоти ислом ва мусалмонон нест ва дар миёни милали дигар қабл аз ислом низ вуҷуд доштааст?

2. Иллати пӯшиш чист?

Чунонки медонем, дар миёни ҳайвонот ҳеч гуна ҳариме миёни ҷинси нар ва ҷинси мода вуҷуд надорад, онҳо озодона бо якдигар муошарат мекунанд.

Қоъидаи аввалии табиӣ ин аст, ки афроди инсон низ чунин бошанд. Чӣ мӯҷибе сабаб шуда, ки миёни ҷинси зану мард ҳарим ва ҳоиле ба сурати пӯшидагии зан ё ба сурати дигар ба вуҷуд ояд?

Ихтисос ба пӯшиш надорад, дар мутлақи ахлоқи ҷинсӣ ҷойи чунин суоле ҳаст. Дар бораи ҳаё ва ифоф низ ҳамин пурсиш ҳаст. Ҳайвонот дар масоили ҷинсӣ эҳсоси шарм намекунанд, вале дар инсон бахусус дар ҷинси мода, ҳаё ва шарм вуҷуд дорад.

3. Фалсафаи пӯшиш аз назари ислом.

4. Эродҳо ва ишколҳо.

5. Ҳудуди пӯшиши исломӣ чист?

Оё ислом тарафдори парданишинии зан аст ҳамчунон ки луғати “ҳиҷоб” бар ин маънӣ далолат мекунад, ё ислом тарафдори ин аст, ки зан дар ҳузури марди бегона бадани худро бипӯшонад бидуни он ки маҷбур бошад аз иҷтимоъ канорагирӣ кунад? Ва дар сурати дуввум, ҳудуди пӯшиш чӣ қадр аст? Оё чеҳра ва ду даст то муч низ бояд пӯшида шавад ё моварои чеҳра ва ду даст бояд пӯшида шавад, аммо чеҳра ва ду даст то муч пӯшиданаш лозим нест? Ва дар ҳар ҳол, оё дар ислом масъалае ба номи “ҳарими ифоф” вуҷуд дорад ё на? Яъне оё дар ислом масъалаи севвуме, ки на “парданишинӣ” ва “маҳбусият” ва на “ихтилот” бошад вуҷуд дорад ё хайр? Ва ба иборати дигар, оё ислом тарафдори ҷудо будани маҷомеъи занон ва мардон аст ё на?

Инҳо пурсишҳое аст, ки ин китоб бад-онҳо посух мегӯяд.

** Оё дар миёни милали дигар қабл аз ислом ҳиҷоб будааст?*

** Вазъи ҳиҷоб дар ҷоҳилияти араб.*

** Ҳиҷоб дар қавми яҳуд.*

** Ҳиҷоб дар Эрони бостон.*

** Ҳиҷоб дар Ҳинд.*

## Бахши аввал: Таърихчаи ҳиҷоб

Иттилоъи ман аз ҷанбаи таърихӣ комил нест. Иттилоъи таърихии мо он гоҳ комил аст, ки битавонем дар бораи ҳамаи милале, ки қабл аз ислом будаанд изҳори назар кунем. Қадри мусаллам ин аст, ки қабл аз ислом дар миёни баъзе милал ҳиҷоб вуҷуд доштааст. То он ҷо, ки ман дар китобҳои марбута хондаам, дар Эрони бостон ва дар миёни қавми яҳуд ва эҳтимолан дар Ҳинд ҳиҷоб вуҷуд дошта ва аз он чи дар қонуни ислом омада сахттар будааст, аммо дар ҷоҳилияти араб ҳиҷоб вуҷуд надоштааст ва ба василаи ислом дар араб пайдо шудааст.

Уилям Дюрант дар сафҳаи 30 ҷилди 12 “Таърихи тамаддун” (тарҷимаи форсӣ) роҷеъ ба қавми яҳуд ва қонуни Талмуд менависад:

“*Агар зане ба нақзи қонуни яҳуд мепардохт, чунонки масалан бе он ки чизе бар сар дошт, ба миёни мардум мерафт ва ё дар шореъи омм нах мерешт ё бо ҳар синхе аз мардон дарди дил мекард ё садояш он қадр баланд буд, ки чун дар хонааш такаллум менамуд ҳамсоягонаш метавонистанд суханони ӯро бишнаванд, дар он сурат мард ҳақ дошт бидуни пардохти маҳрия ӯро талоқ диҳад.*”

Бинобар ин ҳиҷобе, ки дар қавми яҳуд маъмул будааст, аз ҳиҷоби исломӣ — чунонки баъдан шарҳ хоҳем дод — басе сахттар ва мушкилтар будааст.

Дар ҷилди аввали “Таърихи тамаддун”, сафҳаи 552 роҷеъ ба эрониёни қадим мегӯяд:

“*Дар замони Зардушт занон манзилате олӣ доштанд, бо камоли озодӣ ва бо рӯйи кушода дар миёни мардум омаду шуд мекарданд…*“

Он гоҳ чунин мегӯяд:

“*Пас аз Дориюш, мақоми зан махсусан дар табақаи сарватмандон таназзул пайдо кард. Занони фақир чун барои кор кардан ночор аз омаду шуд дар миёни мардум буданд, озодии худро ҳифз карданд, вале дар мавриди занони дигар гӯшанишинии замони ҳайз, ки барояшон воҷиб буд рафта-рафта имтидод пайдо кард ва саросари зиндагии иҷтимоиашонро фаро гирифт ва ин амр худ мабнои пардапӯшӣ дар миёни мусалмонон ба шумор меравад. Занони табақоти болои иҷтимоъ ҷуръати онро надоштанд, ки ҷуз дар тахти равони рӯпӯшдор аз хона берун биёянд ва ҳаргиз ба онон иҷоза дода намешуд, ки ошкоро бо мардон омезиш кунанд. Занони шавҳардор ҳақ надоштанд ҳеч мардеро ҳарчанд падар ё бародарашон бошад бибинанд. Дар нақшҳое, ки аз Эрони бостон бар ҷой монда ҳеч сурати зан дида намешавад ва номе аз эшон ба назар намерасад…*“

Чунонки мулоҳиза мефармоед, ҳиҷоби сахт ва шадиде дар Эрони бостон ҳукмфармо буда, ҳатто падарон ва бародарон нисбат ба зани шавҳардор номаҳрам шумурда мешудаанд.
Ба ақидаи Уилям Дюрант, муқаррароти шадиде, ки тибқи русум ва ойини куҳани маҷусӣ дар бораи зани ҳоиз иҷро мешуда, ки дар утоқе маҳбус буда, ҳама аз ӯ дар муддати одат занонагӣ дурӣ меҷстаанд ва аз муошарат бо ӯ парҳез доштаанд, сабаби аслии пайдо шудани ҳиҷоб дар Эрони бостон будааст. Дар миёни яҳудиён низ чунин муқаррароте дар бораи зани ҳоиз иҷро мешудааст.
Аммо ин ки мегӯяд: "*Ва ин амр худ мабнои пардапӯшӣ дар миёни мусалмонон ба шумор меравад*" манзураш чист?
Оё мақсуд ин аст, ки иллати ривоҷи ҳиҷоб дар миёни мусалмонон низ муқаррароти хашине аст, ки дар бораи зани ҳоиз иҷро мешавад?! Ҳама медонем, ки дар ислом чунин муқаррароте ҳаргиз вуҷуд надоштааст ва надорад. Зани ҳоиз дар ислом фақат аз бархе ибодоти воҷиб назири намоз ва рӯза муоф аст ва ҳамхобагӣ бо ӯ низ дар муддати одати занонагӣ ҷоиз нест, вале зани ҳоиз аз назари муошарат бо дигарон ҳеч гуна мамнӯъияте надорад, ки амалан маҷбур ба гӯшанишинӣ шавад.
Ва агар мақсуд ин аст, ки ҳиҷоби роиҷ миёни мусалмонон одате аст, ки аз эрониён пас аз мусалмон шуданашон ба соири мусалмонон сироят кард, боз ҳам сухани нодурусте аст, зеро қабл аз ин ки эрониён мусалмон шаванд, оятҳои марбут ба ҳиҷоб нозил шудааст.
Аз суханони дигари Уилям Дюрант ҳар ду матлаб фаҳмида мешавад, яъне ҳам муддаӣ аст, ки ҳиҷоб ба василаи эрониён пас аз мусалмонон шуданашон дар миёни мусалмонон ривоҷ ёфт ва ҳам муддаӣ аст, ки тарки ҳамхобагӣ бо зани ҳоиз, дар ҳиҷоби занони мусалмон ва лоақал дар гӯшагирии онон муассир будааст.
Дар ҷилди 11 сафҳаи 112 (тарҷимаи форсӣ) мегӯяд:
"Иртиботи араб бо Эрон, аз мӯҷиботи ривоҷи ҳиҷоб ва ливот дар қаламрави ислом буд. Урбон (арабҳо) аз дилфиребии зан бим доштанд ва пайваста дилбохтаи он буданд ва нуфузи табиии вайро бо тардиди маъмулии мардон дар бораи ифоф ва фазилати зан талофӣ мекарданд. Умар ба қавми худ мегуфт, бо занон машварат кунанд ва хилофи раъйи эшон рафтор кунанд. Вале ба қарни аввали ҳиҷрӣ мусалмонон занро дар ҳиҷоб накарда буданд, мардону занон бо якдигар мулоқот мекарданд ва дар кӯчаҳо паҳлӯ ба паҳлӯ мерафтанд ва дар масҷид бо ҳам намоз мекарданд.
Ҳиҷоб ва хоҷадорӣ дар айёми Валиди дуввум (126-127 ҳиҷрӣ) маъмул шуд.

Гӯшагирии занон аз он ҷо падид омад, ки дар айёми ҳайзу нифос бар мардон ҳаром буданд.

Дар сафҳаи 111 мегӯяд:

"*Паямбар аз пӯшидани ҷомаи гушод наҳӣ карда буд, аммо баъзе урбон (арабҳо) ин дастурро надида мегирифтанд. Ҳамаи табақот зеварҳое доштанд. Занон пайкари худро ба нимтана ва камарбанди барроқ ва ҷомаи гушод ва рангоранг мероростанд, мӯйи худро ба зебоӣ даста мекарданд ё ба ду тарафи сар мерехтанд, ё ба дастаҳо бофта ба пушти сар меовехтанд ва гоҳе авқот бо риштаҳои сиёҳи абрешим намоиши онро бештар мекарданд. Ғолибан худро ба ҷавоҳир ва гул мероростанд. Пас аз соли 97 ҳиҷрӣ чеҳраи хешро аз зери чашм ба ниқоб мепӯшиданд. Аз он пас ин одат ҳамчунон ривоҷ буд*."

Уилям Дюрант дар ҷилди 10 "*Таърихи тамаддун*", сафҳаи 233 роҷеъ ба эрониёни бостон мегӯяд:

"*Доштани мутъа биломонеъ буд. Ин мутъаҳо монанди маъшуқаҳои юнонӣ озод буданд, ки дар миёни мардум зоҳир ва дар зиёфати мардон ҳозир шаванд, аммо занони қонунӣ маъмулан дар андаруни хона нигаҳдорӣ мешуданд. Ин расми дерини эронӣ ба ислом мунтақил шуд*."

Уилям Дюрант тавре сухан мегӯяд, ки гӯӣ дар замони пайғамбар кучактарин дастуре дар бораи пӯшидагии зан вуҷуд надоштааст ва пайғамбар фақат аз пӯшидани ҷомаи гушод наҳӣ карда будааст. Ва занони мусалмон то охирҳои қарни аввал ва аввалҳои қарни дуввуми ҳиҷрӣ бо беҳиҷобии комил рафту омад мекардаанд. Ва ҳол он ки қатъан чунин нест. Таърихи қатъӣ бар хилофи он шаҳодат медиҳад. Бидуни шак зани ҷоҳилият ҳамчунон буда, ки Уилям Дюрант тавсиф мекунад, вале ислом дар ин ҷиҳат таҳаввуле ба вуҷуд овард. Оиша ҳамвора занони ансорро инчунин ситоиш мекард:

"*Марҳабо ба занони ансор! Ҳамин ки оятҳои сураи Нур нозил шуд, як нафар аз онон дида нашуд, ки монанди собиқ берун биёбад. Сари худро бо рӯсариҳои мишкӣ мепӯшиданд. Гӯӣ кулоғ рӯйи сарашон нишастааст*." (*Кашшоф, зайли ояти 31 аз сураи Нур*)

Дар Сунани Абӯдовуд, ҷилди 2, сафҳа 382 ҳамин матлаброро аз Умми Салама нақл мекунад бо ин тафовут, ки Умми Салама мегӯяд:

"*Пас аз он ки ояти сураи Аҳзоб –*

يُدْنِينَ عَلَيْهِنَّ مِنْ جَلاَبِيبِهِنَّ

*— нозил шуд, занони ансор чунин карданд*."

Артюр де Гобино дар китоби “*Се сол дар Эрон*” низ мӯътақид аст, ки ҳиҷоби шадиди давраи сосонӣ, дар давраи ислом дар миёни эрониён боқӣ монд. Ӯ мӯътақид аст, ки он чи дар Эрони сосонӣ будааст, танҳо пӯшидагии зан набудааст, балки махфӣ нигаҳ доштани зан будааст.

Муддаӣ аст, ки худсарии мӯбадон ва шоҳзодагони он давра ба қадре буд, ки агар касе зани хушгиле дар хона дошт, намегузошт касе аз вуҷудаш огоҳ гардад ва ҳатталимкон ӯро пинҳон мекард, зеро агар маълум мешуд, ки чунин хонуми хушгиле дар хонааш ҳаст, дигар молики ӯ ва аҳёнан молики ҷони худаш ҳам набуд.

Ҷавоҳир Лаъл Неҳру, нахуствазири фақиди Ҳинд низ мӯътақид аст, ки ҳиҷоб аз милали ғайри мусалмони Рум ва Эрон ба ҷаҳони ислом ворид шуд. Дар китоби “*Нигоҳе ба таърихи ҷаҳон*”, ҷилди аввал, сафҳа 328, зимни ситоиш аз тамаддуни исломӣ, ба тағйироте, ки баъдҳо пайдо шуд ишора мекунад ва аз он ҷумла мегӯяд:

“*Як тағйири бузург ва таассуфовар низ тадриҷан рӯй намуд ва он, дар вазъи занон буд. Дар миёни занони араб расми ҳиҷоб ва парда вуҷуд надошт. Занони араб ҷудо аз мардон ва пинҳон аз эшон зиндагӣ намекарданд, балки дар амокини умумӣ ҳузур меёфтанд, ба масҷидҳо ва маҷолиси ваъз ва хитоба мерафтанд ва ҳатто худашон ба ваъз ва хитоба мепардохтанд. Аммо арабҳо низ бар асари муваффақиятҳо тадриҷан беш аз пеш расмеро, ки дар ду империатории муҷовиршон яъне империатории Руми шарқӣ ва империатории Эрон вуҷуд дошт, иқтибос карданд. Арабҳо империатории Румро шикаст доданд ва ба империатории Эрон поён бахшиданд. Аммо худашон ҳам гирифтори одот ва одоби announcing нописанд ин империаториҳо гаштанд. Ба қароре, ки нақл шудааст, махсусан бар асари нуфузи империатории Қустантания ва Эрон буд, ки расми ҷудоии занон аз мардон ва парданишинии эшон дар миёни арабҳо ривоҷ пайдо кард. Тадриҷан системаи “ҳарам” оғоз гардид ва мардҳо ва занҳо аз ҳам ҷудо гаштанд.*”

Сухани дурусте нест. Фақат баъдҳо бар асари муошарати аъроби мусалмон, бо тоза мусалмонони ғайри араб, ҳиҷоб аз он чи дар замони Расули Акрам вуҷуд дошт, шадидтар шуд, на ин ки ислом асосан ба пӯшиши зан ҳеч инояте надоштааст.

Аз суханони Неҳру бармеояд, ки румиён низ (шояд таҳти таъсири қавми яҳуд) ҳиҷоб доштаанд ва расми ҳарамсародорӣ низ аз Рум ва Эрон ба дарбори хулафои исломиӣроҳ ёфт.

Ин нуктаро дигарон низ таъйид кардаанд.

Дар Ҳинд низ ҳиҷоби сахту шадиде ҳукмфармо будааст, вале дуруст равшан нест, ки қабл аз нуфузи ислом дар Ҳинд вуҷуд доштааст ва ё баъдҳо пас аз нуфузи ислом дар

Ҳинд ривоҷ ёфтааст ва ҳиндувони ғайри мусалмон таҳти таъсири мусалмонон ва махсусан мусалмонони эронӣ ҳиҷоби занро пазируфтаанд.

Он чи мусаллам аст ин аст, ки ҳиҷоби ҳиндӣ низ назири ҳиҷоби Эрони бостон сахту шадид будааст. Аз гуфтори Уилям Дюрант дар ҷилди дуввуми "*Таърихи тамаддун*" бармеояд, ки ҳиҷоби ҳиндӣ ба василаи эрониёни мусалмон дар Ҳинд ривоҷ ёфтааст.

Неҳру пас аз суханоне, ки аз ӯ нақл кардем мегӯяд:

"*Мутаассифона ин расми нописанд кам-кам яке аз хусусиёти ҷомеаи исломӣ шуд ва Ҳинд низ вақте мусалмонон бад-ин ҷо омаданд онро омӯхт*."

Ба ақидаи Неҳру ҳиҷоби Ҳинд ба воситаи мусалмонон ба Ҳинд омадааст.

Вале агар тамоюл ба риёзат ва тарки лаззатро яке аз иллатҳои падид омадани ҳиҷоб бидонем бояд қабул кунем, ки Ҳинд аз қадимтарин айём ҳиҷобро пазируфтааст, зеро Ҳинд аз марокизи қадими риёзат ва палид шумурдани лаззоти моддӣ будааст.

"*Ахлоқи ҷинсӣ essay онҷунон, ки дар ҷомеаҳои мутамаддин дида мешавад, аз ду манбаъ сарчашма мегирад: яке, тамоюл ба итминони падарӣ ва дигаре эътиқод муртозона ба хабис будани ишқ. Ахлоқи ҷинсӣ дар асрҳои моқабли масеҳият ва дар мамолики Ховар дур то ба имрӯз фақат аз манбаъ аввал муншаъиб мешавад ва истисnои он Ҳинд ва Эрон аст, ки зоҳиран риёзатталабӣ дар он ҷо падид омада ва дар саросари ҷаҳон пароканда шудааст*."

Ба ҳар ҳол он чи мусаллам аст ин аст, ки қабл аз ислом ҳиҷоб дар ҷаҳон вуҷуд доштааст ва ислом мубтакири он нест, аммо ин ки ҳудуди ҳиҷоби исломӣ бо ҳиҷобе, ки дар милали бостонӣ буд яке аст ё на ва дигар ин ки иллат ва фалсафае, ки аз назари ислом ҳиҷобро лозим месозад ҳамон иллат ва фалсафа аст, ки дар ҷоҳои дигари ҷаҳон маншаъи падид омадани ҳиҷоб шудааст ё на, матолибе аст, ки дар қисматҳои баъдӣ ба тафсил дар бораи онҳо сухан хоҳем гуфт.

## Бахши дуввум: Иллати пайдо шудани ҳиҷоб

** Решаи фалсафи ҳиҷоб*

** Решаи иҷтимоӣ*

** Решаи иқтисодӣ*

** Решаи ахлоқӣ*

** Решаи равонӣ*

** Тадбири ғаризии шигифтангези зан*

Иллат ва фалсафаи пайдо шудан ҳиҷоб чист? Чӣ тавр шуд, ки дар миёни ҳама ё баъзе милали бостонӣ падид омад? Ислом, ки дине аст, ки дар ҳамаи дастурҳои хеш фалсафа ва манзуре дорад, чаро ва рӯйи чӣ маслиҳате ҳиҷобро таъйид ва ё таъсис кард?

Мухолифони ҳиҷоб саъй кардаанд, чараёноти золимонаеро ба унвони иллати пайдо шудани ҳиҷоб зикр кунанд ва дар ин ҷиҳат миёни ҳиҷоби исломӣ ва ғайриисломӣ фарқ намегузоранд; чунин вонамуд мекунанд, ки ҳиҷоби исломӣ низ аз ҳамин ҷараёноти золимона сарчашма мегирад.

Дар боби иллати пайдо шудани ҳиҷоб, назариёти гуногуне иброз шудааст ва ғолибан ин иллатҳо барои золимона ё ҷоҳилона ҷилва додани ҳиҷоб зикр шудааст. Мо маҷмӯъи онҳоро зикр мекунем. Назариёте, ки ба даст овардаем, баъзе фалсафӣ ва баъзе иҷтимоӣ ва баъзе ахлоқӣ ва баъзе иқтисодӣ ва баъзе равонӣ аст, ки зайлан зикр мешавад:

1. Майл ба риёзат ва руҳбоният (решаи фалсафӣ);

2. Адами амният ва адолати иҷтимоӣ (решаи иҷтимоӣ);

3. Падаршоҳӣ ва тасаллути мард бар зан ва истисмори нерӯи вай дар ҷиҳати манофеъи иқтисодии мард (решаи иқтисодӣ);

4. Ҳасодат ва худхоҳии мард (решаи ахлоқӣ);

5. Одати занонагии зан ва эҳсоси ӯ ба ин ки дар хилқат аз мард чизе кам дорад, ба иловаи муқаррароти хашине, ки дар заминаи палидии ӯ ва тарки муошарат бо ӯ дар айёми одат вазъ шудааст (решаи равонӣ).

Иллатҳои номбурда ё ба ҳеч ваҷҳ таъсире дар пайдо шудани ҳиҷоб дар ҳеч нуқта аз ҷаҳон надоштааст ва беҷиҳат онҳоро ба номи иллати ҳиҷоб зикр кардаанд ва ё фаразан дар падид омадани баъзе аз системҳои ғайри исломӣ таъсир доштааст, дар ҳиҷоби исломӣ таъсир надоштааст, яъне ҳикмат ва фалсафае, ки дар ислом сабаби ташреъи ҳиҷоб шуда, набудааст.

Ҳамон тавр, ки мулоҳиза мешавад, мухолифони ҳиҷоб гоҳе онро зоидаи як тарзи тафаккури фалсафии хосс дар бораи ҷаҳон ва лаззоти ҷаҳон муаррифӣ мекунанд ва гоҳе

решаи сиёсӣ ва иҷтимоӣ барои он зикр мекунанд ва гоҳе онро маълули иллатҳои иқтисодӣ медонанд ва гоҳе ҷанбаҳои хосси ахлоқӣ ё равониро дар падид омадани он дахолат медиҳанд.

Мо ҳар як аз ин илалро зикр ва сипас интиқод мекунем ва собит мекунем, ки ислом дар фалсафаи иҷтимоии худ ба ҳеч як аз ин ҷиҳот назар надоштааст ва ҳеч як аз онҳо бо мабонии мусаллам ва шинохташудаи ислом вифқ намедиҳад ва дар хотима ба як иллати асосӣ ишора мекунем, ки аз назари мо муваҷҷаҳтарини онҳо ба шумор меравад.

## Риёзат ва руҳбоният

Иртиботи масъалаи пӯшиш бо фалсафаи риёзат ва руҳбоният аз ин ҷиҳат аст, ки чун зан бузургтарин мавзӯъи хушӣ ва компронии башар аст, агар зану мард муошир ва маҳшур бо якдигар бошанд, хоҳ нохоҳ дунболи лаззатҷӯӣ ва комёбӣ мераванд. Пайравони фалсафаи руҳбоният ва тарки лаззат барои ин ки муҳитро комилан бо зуҳд ва риёзат созгор кунанд, байни зану мард ҳарим қоил шуда, пӯшишро вазъ кардаанд, ҳамон тавр, ки бо чизҳои дигаре ҳам, ки назири зан муҳаррики лаззат ва беҳҷат будааст мубориза кардаанд. Падид омадани пӯшиш тибқи ин назария, дунбола ва натиҷаи палид донистани издивоҷ ва муқаддас шумурдани узубат аст.

Идеяи риёзат ва тарки дунё ҳамон тавре, ки дар мавзӯъи мол, фалсафаи фақрталабӣ ва пушти по задан ба ҳамаи васоили моддиро ба вуҷуд овардааст, дар мавриди зан, фалсафаи таҷаррудталабӣ ва мухолифат бо ҷамолро эҷод кардааст. Баланд нигаҳ доштани мӯ, ки дар миёни сикххо, ҳиндуҳо ва баъзе дарвешҳо маъмул аст низ аз мазоҳир мухолифат бо ҷамол ва мубориза бо шаҳват ва аз самароти фалсафаи тарди лаззат ва майл ба риёзат аст. Мегӯянд, кӯтоҳ кардан ва сутурдани мӯ, сабаби фузунии рағбати ҷинсӣ мегардад ва баланд кардани он мӯҷиби тақлил ва коҳиши он аст.

Дар инҷо бад нест қисмате аз гуфтаи Бертран Расселро дар ин мавзӯъ биёварем. Вай дар китоби "Заношӯӣ ва ахлоқ", сафҳаи 30 мегӯяд:

"*Бахусус дар қуруни аввали масеҳият, ин тарзи фикри Сан Павел (Павлуси Муқаддас) аз тарафи калисо ишоъаи тамом ёфт ва таҷарруд мафҳуми тақаддус ба худ гирифт ва иддаи бешуморе роҳи биёбон пеш гирифтанд, то шайтонро манкуб созанд; шайтоне, ки ҳар он зеҳни ононро аз тахайюлоти шаҳавонӣ мамлув месохт. Калисо зимнан бо истеҳмом ба мубориза пардохт, зеро хутути бадан, инсонро ба тарафи гуноҳ меронд. Калисо чирки баданро таҳсин карда, роиҳаи бӯйи бадан сурати тақаддусро ба худ*

*гирифт, зеро боз ба назар Сан Павел назофати бадан ва ороиши он бо назофати руҳ мунофот дорад. Шупуш марвориди Худо шинохта шуд…*“

Инҷо ин пурсиш пеш меояд, ки асосан иллати тамоюли башар ба риёзат ва руҳбоният чист? Башар табъан бояд комҷӯ ва лаззатталаб бошад. Парҳез аз лаззат ва маҳрум кардани худ бояд далеле дошта бошад.

Чунонки медонем, руҳбоният ва душманӣ бо лаззат ҷараёне буда, ки дар бисёре аз нуқоти ҷаҳон вуҷуд доштааст. Аз ҷумлаи марокизи он дар Машриқзамин Ҳиндустон ва дар Мағрибзамин Юнон будааст. Ниҳлаи “калбӣ”, ки яке аз ниҳлаҳои фалсафӣ аст ва дар Юнонривоҷ доштааст, тарафдори фақр ва мухолифи лаззати моддӣ будааст.[1] Яке аз иллатҳои падид омадани ин гуна афкору ақоид, тамоюли башар барои вусул ба ҳақиқат аст. Ин тамоюл дар баъзе афрод фавқулъода шадид аст ва агар бо ин ақида замима гардад, ки кашфи ҳақиқат аз барои руҳ он гоҳ ҳосил мешавад, ки бадан ва тамоюлоти баданӣ ва ҷисмонӣ мақҳур гардад, қаҳран мунҷар ба риёзат ва руҳбоният мегардад. Ба иборати дигар, ин андеша, ки вусул ба ҳақ ҷуз аз роҳи фано ва нестӣ ва мухолифат бо ҳавои нафс муяссар нест, иллати аслии падид омадани риёзат ва руҳбоният аст.

Иллати дигари падидаи риёзат, омехта будани лаззоти моддӣ ба порае аз ранҷҳои маънавӣ аст. Башар дидааст, ки ҳамвора дар канори лаззатҳои моддӣ, як идда ранҷҳои руҳӣ вуҷуд дорад. Масалан, дидааст, ки ҳарчанд доштани сарват мӯҷиби як силсила хушиҳо ва комронҳост, аммо ҳазорон нороҳатиҳо ва изтиробҳо ва таҳаммули зиллатҳо дар таҳсил ва дар нигаҳдории он вуҷуд дорад. Башар дидааст, ки озодӣ ва истиғно ва

---

[1] *Сарсилсилаи калбийюн яке аз шогирдони Суқрот аст ба номи Антисфен. Ӯ монанди устоди худ ғояти вуҷудро дар касби фазилат донист, вале фазилатро дар тарки ҳамаи таматтӯъоти ҷисмонӣ ва руҳонӣ медонист. Гуфтаанд: “Аз ин ҷиҳат ӯ ва пайравонашро калбийун мегуфтанд, ки гуфтугӯҳои Антисфен дар маҳалле аз шаҳри Афина воқеъ мешуд, ки ба муносиботе онҷоро “саги сафед” мехонданд; ва низ ба сабаби ин ки пайравони ӯ дар шеваи инсироф аз дунё ва эъроз аз алоиқи дунявӣ, чунон муболиға карданд, ки аз одоб ва русуми муошарат ва лавозими зиндагонии мутамаддин низ даст бардошта, ҳолати дому дад ихтиёр намуданд, бо либоси кӯҳна ва пора ва сару пойи бараҳна ва мӯйи жӯлида миёни мардум мерафтанд ва дар гуфтугӯ ҳар чи бар забон мегузашт бемулоҳиза мегуфтанд, балки дар захми забон исрор доштанд ва ба фақр ва таҳаммули ранҷу дард сарфарозӣ мекарданд ва ҳамаи қайдҳо ва ҳудуде, ки мардум дар зиндагонии иҷтимоӣ бад-он муқайяд шудаанд, тарк карда, ҳолати табииро пешаи худ сохта буданд.” (Сайри ҳикмат дар Урупо, ҷилди аввал, сафҳаи 70*)

улувви табъи худро ба воситаи ин лаззоти моддӣ аз даст медиҳад, аз ин рӯ аз ҳамаи он лаззот чашм пӯшида, таҷарруд ва истиғноро пешаи худ сохтааст.

Шояд дар риёзати ҳиндӣ, омили аввал ва дар факрталабии калбии юнонӣ омили дуввум бештар муассир будааст.

Иллатҳои дигаре низ барои падид омадани риёзат ва гурез аз лаззат зикр кардаанд. Аз он ҷумла ин ки маҳрумият ва шикаст дар муваффақиятҳои моддӣ махсусан шикаст дар ишқ, сабаби таваҷҷӯҳ ба риёзат мегардад. Руҳи башар пас аз ин навъ шикастҳо интиқоми худро аз лаззатҳои моддӣ бад-ин сурат мегирад, ки онҳоро палид мешиносад ва фалсафае барои палидии онҳо месозад.

Ифрот дар хушгузаронӣ ва комҷӯӣ омили дигари таваҷҷӯҳ ба риёзат аст. Зарфияти ҷисмонии инсон барои лаззат маҳдуд аст. Ифрот дар комҷӯӣ ва лаззоти ҷисмонӣ ва таҳмили беш аз андозаи зарфият бар бадан мӯҷиби аксуламали шадиди руҳӣ махсусан дар синини пирӣ мегардад. Хастагӣ, сархӯрдагӣ ба вуҷуд меоварад.

Таъсири ин ду иллатро набояд инкор кард, вале мусалламан инҳо иллати мунҳасир намебошанд.

Таъсири ин ду иллат бад-ин наҳв аст, ки пас аз шикастҳо ва адами муваффақиятҳо ва ё хастагиҳо ва фарсудгиҳо андешаи вусул ба ҳақиқат дар руҳ бедор мегардад. Таваҷҷӯҳ ба моддиёт ва ғарқ шудан дар андешаҳои моддӣ, худ монеъе аст барои ин ки инсон дар бораи азалият ва абадият ва ҳақиқати ҷовидонӣ биандешад ва дар ин ҷиҳат фикру талош кунад, ки аз куҷо омадаам ва дар куҷо ҳастам ва ба куҷо меравам? Аммо ҳамин ки ба воситаи шикаст ва ё хастагӣ ҳолати гурез ва берағбатӣ нисбат ба моддият дар руҳ падид омад, андеша дар мутлақот биломузоҳим монда ҷон мегирад. Ин ду омил ҳамеша ба кӯмаки омили аввал сабаби таваҷҷӯҳ ба риёзат мешавад. Ва албатта баъзе аз афроде, ки ба сӯйи риёзат кашида мешаванд, таҳти таъсири ин ду омил мебошанд, на ҳамаи онҳо.

## Баррасӣ

Акнун бибинем аз назари ислом ва тарзи тафаккуре, ки ислом ба ҷаҳон арза доштааст, оё чунин таълил ва тавҷеҳе барои пӯшиш саҳеҳ аст?

Ислом хушбахтона як тарзи тафаккур ва ҷаҳонбинии равшан дорад, назараш дар бораи инсон ва ҷаҳон ва лаззат равшан аст ва ба хубӣ метавон фаҳмид, ки оё чунин андешае дар ҷаҳонбинии ислом вуҷуд дорад ё на?

Мо мункир нестем, ки руҳбоният ва тарки лаззат дар нуқоте аз ҷаҳон вуҷуд доштааст ва шояд битавон пӯшиши занро дар ҷоҳое, ки чунин фикре ҳукумат мекардааст, аз

самароти он донист, вале ислом, ки пӯшишро таъйин кард, на дар ҳеч ҷо ба чунин иллате истинод ҷустааст ва на чунин фалсафае бо руҳи ислом ва бо соири дастурҳои он қобили татбиқ аст.

Усулан ислом бо фикри риёзат ва руҳбоният сахт мубориза кардааст ва ин матлабро мусташриқини урупоӣ ҳам қабул доранд. Ислом ба назофат ташвиқ карда, ба ҷойи ин ки шупушро марвориди Худо бишносад, гуфтааст:

**النظافة من الإيمان**

Пайғамбари Акрам шахсеро дид, дар ҳоле, ки муҳояш жӯлида ва ҷомаҳояш чиркин буд ва бадҳол менамуд. Фармуд:

**من الدين المتعة**

[2] Яъне таматтӯъ ва баҳра бурдан, аз неъматҳои Худо, ҷузъи дин аст. Ва ҳам он ҳазрат фармуд:

**بئس العبد القاذورة**

[3] Яъне бадтарин банда шахси чиркин ва касиф аст. Амирулмӯъминин алайҳис салом фармуд:

**إن الله جميل يحب الجمال**

[4] Худованд зебост ва зебоиро дӯст медорад. Имом Содиқ фармуд:

“*Худованд зебост ва дӯст медорад, ки бандае худро биорояд ва зебо намояд ва баръакс фақрро ва тазоҳур ба фақрро душман медорад. Агар Худованд неъмате ба шумо иноят кард, бояд асари он неъмат дар зиндагии шумо намоён гардад.*” *Ба он ҳазрат гуфтанд: чӣ гуна асари неъмати Худо намоён гардад? Фармуд: ба ин ки ҷомаи шахс назиф бошад, бӯйи хуш истеъмол кунад, хонаи худро бо гаҷ сафед кунад, беруни хонаро ҷорӯб кунад, ҳатто пеш аз ғуруб чароғҳоро равшан кунад, ки бар вусъати ризқ меафзояд.*”[5]

Дар қадимитарин китобҳое, ки дар даст дорем, монанди “Кофӣ”, ки ёдгори ҳазор сол пеш аст, баҳсе таҳти унвони:

---

[2] *Васоил, ҷ.1, с.277.*

[3] *Ҳамон.*

[4] *Ҳамон.*

[5] *Васоил, ҷ.1, с.278.*

— вуҷуд дорад. Ислом ба кӯтоҳ кардан ва шона кардани мӯ ва ба кор бурдани бӯйи хуш ва равған задан ба сар, супоришҳои акид кардааст.

Иддае аз асҳоби Расули Акрам ба хотири ин ки беҳтар ва бештар ибодат кунанд ва аз лаззоти руҳонӣ баҳраманд шаванд, тарки зану фарзанд карданд, рӯзҳо рӯза мегирифтанд ва шабҳо ибодат мекарданд. Ҳамин ки Расули Худо огоҳ шуд, онҳоро манъ кард ва гуфт: ман, ки пешвои шумо ҳастам, чунин нестам; баъзе рӯзҳо рӯза мегирам, баъзе рӯзҳо ифтор мекунам; қисмате аз шабро ибодат мекунам ва қисмате дигар назди занҳои худ ҳастам. Ҳамин идда аз Расули Худо иҷоза хостанд, ки барои ин ки решаи таҳрикоти ҷинсиро аз вуҷуди худ биканананд, худро ахта кунанд. Расули Акрам иҷоза надод, фармуд: дар ислом ин корҳо ҳаром аст.

Рӯзе се зан ба ҳузури Расули Акрам омада, аз шавҳарони худ шикоят карданд. Яке гуфт: шавҳари ман гӯшт намехӯрад. Дигаре гуфт: шавҳари ман аз бӯйи хуш иҷтиноб мекунад. Севвуме гуфт: шавҳари ман аз занон дурӣ мекунад. Расули Худо бединранг дар ҳоле, ки ба аломати хашм ридояшро ба замин мекашид, аз хона ба масҷид рафт ва бар минбар омад ва фарёд кард: чӣ мешавад гурӯҳе аз ёрони маро, ки тарки гӯшт ва бӯйи хуш ва зан кардаанд?! Ҳамоно ман худам, ҳам гӯшт мехӯрам ва ҳам бӯйи хуш истеъмол мекунам ва ҳам аз занон баҳра мегирам. Ҳар кас аз равиши ман эъроз кунад, аз ман нест.[6] Дастури кӯтоҳ кардани либос — бар хилофи маъмули аъроб, ки либосҳояшон ба қадре баланд буд, ки заминро ҷорӯб мекард — ба хотири назофат аст, ки дар аввалин оятҳои нозила бар Расули Акрам баён шудааст:

وَثِيَابَكَ فَطَهِّرْ

[7]

Ҳамчунин истеҳбоби пӯшидани ҷомаи сафед яке ба хотири зебоӣ аст ва дигар ба хотири покизагӣ аст, зеро либоси сафед чиркро беҳтар намоён месозад ва ба ҳамин мавзӯъ дар ривоятҳо ишора шудааст:

---

[6] *“Кофӣ”, таълифи Муҳаммад ибни Яъқуби Кулайнӣ, ҷилди 5, сафҳаи 496 ва “Васоил”, ҷилди 3, сафҳаи 14. Барои ривоятҳои наҳӣ аз табаттул ва ихтисо (руҳбоният ва худро ахта кардан) руҷӯъ шавад ба Саҳеҳи Бухорӣ, ҷилди 7, сафаҳоти 4 ва 5 ва 40 ва Саҳеҳи Муслим, ҷилди 4 сафҳаи 129 ва Ҷомеъи Тирмизӣ, чопи Ҳинд, сафҳаи 173.*

[7] *Ҷомаҳои хешро покиза гардон: сураи Муддассир, ояти 4.*

البسوا البياض فإنه أطيب وأطهر

8

Расули Акрам ҳангоме, ки мехост назди асҳобаш биравад, ба ойина нигоҳ мекард, мӯҳои худро шона ва мураттаб месохт ва мегуфт: Худованд дӯст медорад бандаашро, ки вақте, ки ба ҳузури дӯстони худ меравад, худро омода ва зебо созад.[9] Яъне либоси сафед бипӯшуд, ки зеботар ва покизатар аст.

Қуръони Карим офариниши васоили таҷаммулро аз лутфҳои Худо нисбат ба бандагонаш қаламдод кардааст ва таҳрими зинатҳои дунё бар худ сахт мавриди интиқоди Қуръон қарор гирифтааст:

قُلْ مَنْ حَرَّمَ زِينَةَ اللَّهِ الَّتِي أَخْرَجَ لِعِبَادِهِ وَالطَّيِّبَاتِ مِنَ الرِّزْقِ

10

Дар аҳодиси исломӣ омадааст, ки имомони атҳор бо мутасаввифа каррораи мубоҳаса карда ва мароми ононро бо истинод ба ҳамин оят ботил нишон додаанд.[11] Ислом илтизоз ва комҷӯии зану шавҳар аз якдигарро на танҳо тақбеҳ накардааст, савобҳое ҳам барои он қоил шудааст. Шояд барои як нафар фарангӣ шигифтангез бошад агар бишнавад ислом мизоҳу мулоибаи зану шавҳар, ороиш кардани зан барои шавҳар, покиза кардани шавҳар худро барои зан мустаҳаб медонад. Дар қадим, ки ба пайравӣ аз калисо ҳамагуна илтизозоти шаҳавониро тақбеҳ мекарданд, ин ҳарфҳоро тахтиа карда, ҳатто масхара медонистанд.

Ислом илтизозоти ҷинсӣ дар ғайримаҳдудаи издивоҷи қонуниро ба шиддат манъ фармудааст ва он худ фалсафаи хоссе дорад, ки баъд тавзеҳ хоҳем дод, вале лаззати ҷинсӣ дар ҳудуди қонунро таҳсин кардааст, то ҷойе, ки фармуда, дӯст доштан зан аз сифоти пайғамбарон аст:

من أخلاق الأنبياء حب النساء

12

---

[8] *Васоилуш-шиъа, ҷ.1, с.280.*

[9] *Ҳамон, с.278.*

[10] *Бигӯ чӣ касе зинатҳое, ки Худо барои бандагони худ офарида ва рӯзиҳои покизаро ҳаром кардааст? (Сураи Аъроф, ояти 32)*

[11] *Руҷӯъ шавад ба "Васоилуш-шиъа", ҷ.1, с.279.*

[12] *Ҳамон, ҷ.3, с.3.*

Дар ислом зане, ки дар ороиш ва зинати худ барои шавҳар кӯтоҳӣ кунад, накӯҳиш шудааст, ҳамон тавр, ки мардоне, ки дар ирзои зани худ кӯтоҳӣ мекунанд низ накӯҳиш шудаанд.

Ҳасан ибни Ҷуҳм мегӯяд: бар ҳазрати Мӯсо ибни Ҷаъфар алайҳис салом ворид шудам, дидам, хизоб фармудааст. Гуфтам: ранги мишкӣ ба кор бурдаед? Фармуд: бале, хизоб ва ороиш дар мард мӯҷиби афзоиши покдоманӣ дар ҳамсари ӯст. Бархе аз занон ба ин ҷиҳат, ки шавҳаронашон худро намеороянд, ифофро аз даст медиҳанд.[13]

Ҳадиси дигаре аз Пайғамбари Акрам Саллаллоҳу алайҳи ва олиҳи нақл шуда, ки:

**تنظفوا ولا تشبهوا باليهود**

Яъне назиф бошед ва худатонро шабеҳ ба яҳуд накунед. Баъд фармуд, занони яҳуде, ки зинокор шуданд, бад-он ҷиҳат буд, ки шавҳаронашон касиф буданд ва мавриди рағбат воқеъ намешуданд. Худатонро покиза кунед, то занонатон ба шумо роғиб гарданд.[14]

Усмон ибни Мазъун яке аз акобири саҳобаи Расули Акрам аст, хост ба тақлид аз роҳибон, ба истилоҳ торики дунё шавад, тарки зан ва зиндагӣ кард ва лаззатҳоро бар хеш таҳрим сохт. Ҳамсараш назди Расули Худо омада, арз кард: ё Расулаллоҳ! Усмон рӯзҳоро рӯза мегирад ва шабҳо ба намоз бармехезад. Пайғамбари Акрам Саллаллоҳу алайҳи ва олиҳи хашмгин шуда, бархост, ба назди вай омад. Усмон машғули намоз буд. Сабр кард, то намозаш тамом шуд, фармуд: эй Усмон! Худо маро ба руҳбоният дастур нафармудааст. Дин ман равиши мунтабиқ бар воқеият ва дар айни ҳол содда ва осон аст:

**لم يرسلني الله تعالى بالرهبانية ولكن بعثني بالحنيفية السهلة السمحة**

[15] Яъне Худованд маро барои руҳбоният ва риёзат нафиристодааст, маро барои шариати фитрӣ ва осон ва богузашт фиристодааст. Ман намоз мехонам ва рӯза мегирам ва бо ҳамсаронам низ мубошарат дорам. Ҳар кас, ки дини мутобиқ бо фитрати маро дӯст медорад, бояд аз ман пайравӣ кунад. Издивоҷ яке аз суннатҳои ман аст.

## Адами амният

Решаи дигаре, ки барои ба вуҷуд омадани пӯшиш зикр кардаанд, ноамнӣ аст. Дар замонҳои қадим, беадолатӣ ва ноамнӣ бисёр будааст. Дасти таҷовузи зӯрмандон ва қулдурон ба мол ва номуси мардум бебокона дароз будааст. Мардум агар пулу сарвате

---

[13] *Кофӣ, ҷ.5, с.567.*

[14] *“Наҳҷул-фасоҳа”.*

[15] *Кофӣ, ҷ.5, с.494.*

доштанд, ночор буданд ба сурати дафина дар зери хок пинҳон кунанд. Иллати махфӣ мондани ганҷҳо ин аст, ки соҳибони тилло ва сарват ҷуръат намекарданд, ки ҳатто баччаҳои худро аз пинҳонгоҳи сарвати худ огоҳ созанд; метарсиданд, ки рози онҳо ба василаи баччаҳо фош шавад ва мавриди таҷовуз ва газанди қулдурон воқеъ шаванд. Бад-ин тартиб гоҳе иттифоқ меафтод, ки падар бо марги ногаҳонӣ аз дунё мерафт ва фурсат намекард асрори худро ба фарзандаш бисупорад. Қаҳран дороии ӯ дар зери хокҳо мадфун мемонд. Ҷумлаи маъруфи:

استر ذهبک وذهابک ومذهبک

“*Пул ва мусофират ва ақидаи худро ошкор накун*” ёдгори он замонҳост.

Ҳамон тавр, ки дар мавриди сарват амният набуд, роҷеъ ба зан ҳам амният вуҷуд надошт. Ҳар кас зани зебое дошт, ночор буд ӯро аз назари зӯрмандон махфӣ нигаҳ дорад, зеро агар онҳо иттилоъ пайдо мекарданд, ӯ дигар молики зани худ набуд.

Эрони давраи Сосонӣ нозири ҷиноятҳо ва фаҷойеъи аҷибе дар ин замина будааст.

Шоҳзодагон ва мӯбадон ва ҳатто кадхудоҳо ва арбобҳо ҳар гоҳ аз вуҷуди зани зебое дар як хона мутталеъ мешуданд, ба он хона мерехтанд ва занро аз хонаи шавҳараш берун мекашиданд. Дар он мавқеъ сухан аз пӯшиш ва ҳиҷоб набуд, сухан аз ба истилоҳ қоим кардан ва махфӣ доштани зан буд, ки аҳаде нафаҳмад. Уилям Дюрант дар китоби “Таърихи тамаддун” қазоёи шармоваре дар ин бора аз Эрони қадим нақл мекунад. Артюр де Гобино дар китоби “Се сол дар Эрон” мегӯяд:

“*Ҳиҷобе, ки ҳамакнун дар Эрон аст, беш аз он андоза, ки мустанад ба ислом бошад, мустанад ба Эрони қабл аз ислом аст.*” Ва менависад, ки дар Эрони қадим мардум ҳеч амнияте дар мавриди занҳо надоштанд.

Дар бораи Анӯшервон — ки ба ғалат ӯро “одил” хондаанд — нақл шуда, ки вақте яке аз сарҳангони артиши ӯ зане зебо дошт, Анӯшервон ба қасди таҷовуз ба зани ӯ дар ғиёби ӯ ба хонааш рафт. Зан ҷараёнро барои шавҳари худ нақл кард. Бечора шавҳар дид занашро, ки аз даст дода саҳл аст, ҷонаш низ дар хатар аст. Фавран зани хешро талоқ гуфт. Вақте Анӯшервон мутталеъ шуд, ки вай занашро талоқ додааст, ба ӯ гуфт: шунидам як бӯстони бисёр зебое доштаӣ ва охиран онро раҳо кардаӣ, чаро? Гуфт: ҷойи пойи шер дар он бӯстон дидам, тарсидам маро бидарад. Анӯшервон хандид ва гуфт: дигар он шер ба он бӯстон нахоҳад омад.

Ин ноамниҳо ихтисос ба Эрон ва ба замонҳои қадим надоштааст. Достони азони нимашаб, ки дар “Достони Ростон” овардаем, нишон медиҳад, ки чӣ гуна мушобеҳи ин ҷараёнҳо дар даврони тасаллути мардуми Мовароуннаҳр бар дастгоҳи хилофати Бағдод,

дар Бағдод ҳам ривоҷ доштааст. Дар ҳамин замонҳои наздики худамон яке аз шоҳзодагон дар Исфаҳон аз ин гуна таҷовузҳо зиёд доштааст ва мардуми Исфаҳон қиссаҳои зиёде аз замони ҳукумати ӯ нақл мекунанд.

## Баррасӣ

Мо вуҷуди ноамниҳо ва беадолатиҳои замони гузашта ва таъсири онҳоро дар махфӣ кардани зан мункир нестем.

Мусалламан ҳиҷобҳои ифротӣ ва ақоиди ифротӣ дар бораи пӯшидани зан, маълули ҳамин навъ ҷараёнҳои таърихӣ аст. Вале бояд бибинем, оё фалсафаи пӯшиши зан дар ислом ҳамин амр будааст?

Аввалан ин сухан дуруст нест, ки дар асри мо амнияти комил (барои) зан барқарор аст. Дар ҳамин дунёи санъатии Урупо ва Омрико, ки ба ғалат онро "дунёи мутамаддин" меномем, аҳёнан оморҳои ваҳшатоваре аз зинои ба ъунф мехонем, чӣ расад ба дунёи ба истилоҳ нимамутамаддин ва тамомваҳшӣ. То дар ҷаҳон ҳукумати шаҳват барқарор аст, ҳаргиз амнияти номусӣ вуҷуд нахоҳад дошт. Мунтаҳо шакли қазия тафовут мекунад. Як вақт касе монанди фалон Хон ва фалон қулдур маъмури мусаллаҳ мефиристад ва зани касеро аз хонааш берун мекашанд, як вақти дигар занеро дар як маҷлиси шабнишинӣ ва дар хилоли ракс мезананд ва ӯро аз шавҳар ва фарзанд овора мекунанд. Ин гуна ҳаводис ва ё ҳаводисе аз қабили рабудани занон ва духтарон ба василаи таксӣ ё василаи дигар зиёд иттифоқ меафтад ва дар рӯзномаҳо мехонем. Дар рӯзномаи "Иттилоот" (муаррихи 7/4/96) тахти унвони "Занони Омрико дар маърази хатари ҳамалоти ҷинсӣ" менависад:

"*Washington / Associated Press: Се пизишки муҳаққиқи омрикоӣ дар гузорише, ки барои давлати Омрико таҳия кардаанд, эълом намудаанд, ки дар миёни аёлоти Омрико Лос-Анҷелес аз лиҳози мизони "зинои ба ъунф" мақоми аввалро дорад ва Вашингтон мақоми 13-умро ҳоиз аст. Албатта ин бад-он маънӣ нест, ки занон ва духтарон дар Вашингтон аз ҳамалоти ҷинсӣ дар амонанд, аммо амнияти онҳо аз бисёре аз шаҳрҳои бузурги Омрико бештар аст. Дар ҳар сад ҳазор ҷамъияти Лос-Анҷелес 52 мавриди зинои ба ъунф вуҷуд дорад, дар ҳоле, ки дар Вашингтон ин рақам 7/17 мебошад. Дар Ню-йорк дар муддати шаш моҳ 3000 шикоят аз ҳатки номус ба зӯр ба идораи пулис расидааст. Синни ин идда шокиён байни шаш сол то ҳаштод ва ҳашт сол буда ва қисмати аъзами шокиён 14-сола будаанд.*"

Пас ин иддао, ки дар асри мо амнияти номусии комил барқарор аст ва соҳибони навомис бояд аз ин назар хотирашон ҷамъ бошад, ёвае беш нест.

Сониян, фарз кунем, амнияти номусии комил дар ҷаҳон барқарор шуда ва таҷовуз ба ъунф дигар вуҷуд надорад ва ҳар таҷовузе, ки ба навомиси мардум мешавад, аз рӯйи ризои тарафайн аст, решаи назари ислом дар бораи пӯшиш чист? Оё назари ислом ба адами амният буда, то гуфта шавад: акнун, ки амнияти комил барқарор шуда, далеле барои пӯшиш нест?

Мусалламан иллати дастури пӯшиш дар ислом адами амният набудааст. Лоақал иллати мунҳасир ва асосӣ адами амният набудааст, зеро ин амр на дар осори исломӣ ба унвони иллати пӯшиш муаррифӣ шудааст ва на чунин чизе бо таърих татбиқ мекунад. Дар миёни аъроби ҷоҳилият пӯшиш набуд ва дар айни ҳол амнияти фардӣ ба воситаи зиндагии хосси қабилаӣ ва бадавӣ вуҷуд дошт, яъне дар ҳамон вақт, ки дар Эрон ноамнии фардӣ ва таҷовуз ба номус ба ҳадди аъло вуҷуд дошт ва пӯшиш ҳам буд, дар Арабистон ин гуна таҷовуз байни афроди қабоил вуҷуд надошт.

Амнияте, ки дар зиндагии қабилаӣ вуҷуд надошт, амнияти иҷтимоӣ яъне амнияти гурӯҳӣ буд ва ингуна адами амниятҳоро пӯшиш наметавонад чора намояд. Ба ин маънӣ, ки қабилае ба қабилаи дигар шабихун мезад. Дар ин шабихунҳо, ки ба василаи қабилаи бегона анҷом мешуд, ҳама чиз дастхуши ғорат мегардид, ҳам мард асир мешуд ва ҳам зан, пӯшиши зан барои ӯ амният намеовард.

Зиндагии аъроби ҷоҳилият бо ҳамаи тафовути азим ва фоҳише, ки бо зиндагии санъатӣ ва мошинии асри мо дошта, аз ин ҷиҳат монанди асри мо буда яъне фаҳшо ва зино ҳатто дар мавриди занони шавҳардор фаровон будааст. Вале ба хотири як навъ демукросӣ ва набудани ҳукумати истибдодӣ, касе зани касеро ба зӯр аз хонааш берун намекашид. Бо ин тафовут, ки навъе адами амнияти фардӣ дар зиндагии мошинии имрӯз ҳаст, ки дар он аср набуд.

Пӯшиш барои ҷилавгирӣ аз таҷовузи касоне аст, ки дар як ҷо зиндагӣ мекунанд.

Бар ҳасби хӯй ва одати қабилаӣ, байни афроди як қабила ин ҷур таҷовузҳо вуҷуд надоштааст. Аз ин рӯ наметавонем бигӯем, ки ислом сирфан ба хотири барқарор сохтани амният дастури пӯшишро вазъ кард.

Фалсафаи асосии пӯшиш чизи дигар аст, ки тавзеҳ хоҳем дод. Дар айни ҳол намехоҳем бигӯем, ки масъалаи амнияти зан аз газанди таҷовузи мард ба ҳеч ваҷҳ мавриди таваҷҷӯҳ набудааст. Баъдан дар онҷо, ки ба тафсири ояти “ҷилбоб” мепардозем, хоҳем дид, ки Қуръони Карим бад-ин асл таваҷҷӯҳ доштааст. Муддаъии ин мавзӯъ низ нестем, ки дар асри мо ин фалсафа бемаврид аст ва амнияти комил барои зан аз ноҳияи таҷовузоти мардона барқарор аст.

Таҷовузот ба ъунф, ки дар кишварҳои ба истилоҳ пешрафта ҳамарӯза рух медиҳад, дар рӯзномаҳои мо ҳам мунъакис аст.

## Истисмори зан

Баъзеҳо барои пӯшиши зан решаи иқтисодӣ қоил шуда гуфтаанд: ҳарим ва пӯшиш ёдгори аҳди моликият ва тасаллути мард аст. Мардон ба хотири ин ки аз вуҷуди занон баҳраи иқтисодӣ бибаранд ва онҳоро монанди бардагон истисмор кунанд, онҳоро дар хонаҳо нигаҳ медоштанд ва барои ин ки фикри занро қонеъ кунанд, ки худ ба худ аз хона берун наравад ва берун рафтанро кори баде бидонад, фикри ҳиҷоб ва хонанишиниро халқ карданд.

Гӯяндагони ин сухан саъй кардаанд, масоили дигаре аз қабили нафақа ва маҳрро низ бар асоси моликияти мард нисбат ба зан тавҷеҳ кунанд.

Дар китоби "Интиқод бар қонунҳои асосӣ ва мадании Эрон" (сафҳаи 27) менависад:

"*Ҳангоме, ки қонуни мадании Эрон тадвин шуд, ҳанӯз аз бардафурӯшӣ дар баъзе аз нуқоти дунё асаре ба ҷо буд ва дар Эрон низ бо ин ки ин кор ъалаззоҳир аз миён рафта буд, вале боз дар мағзи қонунгузорон осоре аз бардафурӯшӣ ва озор ба зердастон вуҷуд дошт. Занро дар он давра чун "мустаъҷира" мепиндоштанд. Зан ҳақ надошт бо мардон нишасту бархост кунад ва дар иҷтимоъот роҳ ёбад ва ба мақомоти давлатӣ бирасад. Агар садои занро номаҳрам мешунид, он зан бар шӯйи худ ҳаром мешуд. Хулоса, мардони он давра занро чун абзоре медонистанд, ки кори ӯ мунҳасиран расидагӣ ба умури хона ва парвардани фарзанд буд ва ҳангоме, ки ин абзор мехост аз хона берун биравад, ӯро сар то по дар чодари сиёҳ мепечониданд ва равонаи бозор ё хиёбон мекарданд.*"

Алоим ва нишонаҳои ифтиро ва ғаразу мараз аз тамоми ин навишта пайдост. Кай ва куҷо чунин қоъидае вуҷуд дошт, ки агар садои занро номаҳрам мешунид, бар шӯйи худ ҳаром мешуд? Оё дар ҷомеае, ки доиман суханронони мазҳабиаш аз болои манобир хитобаи Заҳрои Марзияро дар Масҷиди Мадина ва хитобаҳои Зайнаби Кубророро дар Кӯфа ва Шом ба гӯши мардум мерасонанд, мумкин аст чунин фикре дар миёни мардуми он ҷомеа пайдо шавад?! Кай ва куҷо зан дар Эрони исломӣ бардаи мард будааст? Ҳама медонанд, ки дар хонаводаҳои мусалмон беш аз он ки зан дар хидмати мард бошад, мард ба ҳукми вазифаи исломӣ, дар хидмати зан буда, василаи осоиши ӯро фароҳам мекардааст. Зан дар хонаводаҳое мавриди иҳонат ва таҳқир ва зулм қарор гирифта, ки руҳи исломӣ дар он хонаводаҳо набуда ё заъиф будааст.

Аҷабо! Мегӯяд: “Зан ҳақ надошт, ки бо мардон нишасту бархост кунад.” Ман мегӯям: баръакс, дар муҳитҳои поки исломӣ ин мард буд, ки ҳақ надошт дар нишасту бархостҳо аз зани бегона баҳрабардорӣ кунад. Ин мард аст, ки ҳамвора ҳирс меварзад, ки занро василаи чашмчаронӣ ва комҷӯии худ қарор диҳад. Ҳеч гоҳ мард ба табъи худ моил набуда ҳоиле миёни ӯ ва зан вуҷуд дошта бошад ва ҳар вақт, ки ин ҳоил аз миён рафта, он ки баранда буда мард будааст ва он ки бохта ва васила шуда зан. Имрӯз, ки мардон муваффақ шудаанд бо номҳои фиребандаи “озодӣ” ва “тасовӣ” ва ғайра ин ҳоилро аз миён бибаранд, занро дар хидмати касифтарин мақосиди хеш гирифтаанд. Бардагии зан, имрӯз ба чашм мехӯрад, ки барои таъмини манофеъи моддии як мард дар як муассисаи тиҷоратӣ худро сад қалам барои ҷалби муштарии мард меорояд ва ба сурати “маникен” дармеояд ва шарафи худро дар изои чиндирғоз ҳуқуқ мефурӯшад.

Ин нишасту бархостҳо, ки амсоли ин нависанда орзуи онро мекунанд, ҷуз баҳракашии мард ва баҳрадиҳии зан мафҳуме надорад. Ҳама медонанд нишасту бархостҳо дар муҳитҳои пок, ки мавзӯъи баҳракашии мард аз зан дар миён набудааст, ҳеч гоҳ дар ҷомеаи исломӣ мамнӯъ набудааст.

Нависандаи ҳамин китоб, таърихи равобити зану мардро аз назари ҷомеашиносӣ ба чаҳор давра тақсим мекунад:

Давраи аввал, марҳилаи табиӣ ва иштирокии аввалия, ки зану мард бидуни ҳеч гуна қайду шарте бо ҳам омезиш доштаанд. Дар ин давра ба ақидаи ин нависанда асосан зиндагии хонаводагӣ вуҷуд надоштааст.

Давраи дуввум, давраи тасаллути мард аст. Дар ин давра мард бар зан ғалаба карда, худро молики ӯ дониста, ӯро ҳамчун абзоре дар хидмати худ даровардааст. Ҳиҷоб, ёдгори ин давра мебошад.

Давраи севвум, марҳилаи қиём ва эътирози зан аст. Дар ин марҳила занон аз носозгории мардон ба сутуҳ омаданд ва дар муқобили мазолими онҳо ибтидо муқовамат карданд ва чун дарёфтанд, ки табиати хашини мардон ба ин осонӣ ҳозир нест ҳаққи онҳоро риоят кунад, ба манзури эҳқоқи ҳаққи худ тадриҷан алайҳи мардон туғён карданд, иттиҳодияҳо ташкил доданд, ба василаи матбуот ва конфронсҳо бо мардон мубориза карданд. Зимнан чун дарёфтанд, ки зӯргӯии мардон натиҷаи тарбияти носолими аҳди кӯдакӣ ва махсусан табъиз байни писарон ва духтарон аст, дар рафъи нақоиси омӯзишу парвариши умуми кӯшиданд.

Давраи чаҳорум, марҳилаи тасовии ҳуқуқи зану мард аст ва ба давраи аввал шабоҳати комил дорад. Ин давра аз охирҳои қарни 19-ум шурӯъ шуда, ҳанӯз дар ҳама ҷо истиқрор наёфтааст.

Аз назари ин мантиқ, пӯшиши зан иборат аст аз зиндонӣ шудани зан ба дасти мард ва иллати ин ки мард занро инчунин асир мекарда ин аст, ки мехоста ҳар чи бештар аз вуҷуди ӯ баҳраи иқтисодӣ бибарад.

## Баррасӣ

Тақсими таърихи равобити зану мард ба чаҳор давра ба наҳве, ки зикр шуд, тақлиди норасое аст аз он чи пайравони коммунизм дар бораи адвори таърихии зиндагии башар аз назари омилҳои иқтисодӣ, ки ба ақидаи онҳо зербинои ҳамаи падидаҳои иҷтимоӣ аст зикр кардаанд. Онҳо мегӯянд, адвори таърихии башар иборат аст аз давраи иштироки аввалия, давраи мулукуттавоифӣ, давраи сармоядорӣ ва давраи коммунизм ва иштироки сонавӣ, ки шабоҳати комил ба давраи иштироки аввалия дорад.
Он чи дар бораи адвори зиндагии зан дар китоби собиқуззикр омада нусхае аст аз онҷо, вале нусхае, ки ба ҳеч ҳисобе дуруст дарнамеояд. Ба ақидаи мо, чунин давраҳое дар зиндагии зан ҳаргиз набудааст ва имкон надошта вуҷуд дошта бошад. Ҳамон давраи аввалӣ, ки ба унвони иштироки аввалия муаррифӣ мекунад, аз лиҳози таърихи ҷомеашиносӣ ба ҳеч ваҷҳ мавриди тасдиқ нест. Ҷомеашиносӣ то кунун натавонистааст қаринае ба даст биёварад, ки давраe бар башар гузашта, ки зиндагии хонаводагӣ вуҷуд надоштааст. Ба ақидаи муаррихон, давраи модаршоҳӣ будааст, вале давраи коммунизми ҷинсӣ набудааст. Мо дар бораи ин адвор намехоҳем ба тафсил баҳс кунем, кофӣ аст дар бораи худи ин муддао, ки мегӯянд, пӯшиши зан маълули моликияти мард нисбат ба зан аст, баҳс кунем ва онро мавриди баррасӣ қарор диҳем:
Мо ин ҷиҳатро, ки дар гузашта мард ба зан ба чашми як абзор менигарист ва аз ӯ баҳракашии иқтисодӣ мекард, ба сурати як асли куллии ҳоким бар ҳамаи иҷтимоъоти гузашта қабул надорем. Алоиқи отифии завҷият ҳаргиз иҷоза намедода, ки мардон ба сурати як “табақаи” забардаст бар занон ба сурати як “табақаи” зердаст ҳукумат кунанд, ононро истисмор намоянд; ҳамчунон ки маъқул нест фарз кунем дар давраҳои гузашта падарону модарон ба унвони як “табақа” бар фарзандон ба унвони як “табақаи” дигар ҳукумат ва онҳоро истисмор мекардаанд. Алоиқи отифии волидайн ва фарзандон ҳамвора монеъи чунин чизе будааст. Алоиқи завҷайн ба якдигар, ҳатто дар иҷтимоъоти гузашта, бештар отифӣ ва ишқӣ буда ва зан бо нерӯи ҷозиба ва ҷамоли худ бар қалби мард ҳукумат карда, ӯро дар хидмати худ гирифтааст. Мард ба майлу рағбати худ нонавари зан шуда ва розӣ шуда ӯ бо хаёли роҳат ба худ бирасад ва мояи таскини қалб ва ирзои отифаи ишқии ӯ бошад; ҳамчунон ки бо майлу рағбати худ, занро дар пушти

ҷабҳаи ҷанг бардаи худ ба вазифаи сарбозӣ ва фидокорӣ ва дифоъ аз зану фарзанд қиём кардааст.
Дар айни ҳол инкор намекунем, ки мард дар гузашта, ҳам ба зан зулм карда ва ҳам ба фарзанд ва аз ҳар дуи инҳо баҳракашии иқтисодӣ кардааст; ҳамчунон ки ба худ низ ситам кардааст.
Мард ба иллати ҷаҳолат ва таъассубҳои беҷо (на ба қасди истисмор ва баҳракашӣ), ҳам ба худ зулм карда, ҳам ба зану фарзанд. Мард дар гузашта аз лиҳози иқтисодӣ, ҳам дар хидмати зан буда, ҳам аз ӯ баҳракашии иқтисодӣ кардааст. Ҳар вақт табиати мард ба сӯйи хушунат гароида, ишқу отифа дар вуҷудаш заъиф шуда, аз зан ба сурати як абзори иқтисодӣ истифода кардааст. Вале инро ба сурати як асли куллии ҳоким бар тамоми ҷомеаҳои моқабл (-и қарни) 19-ум наметавон зикр кард.
Таҷовуз ба ҳуқуқи воқеии зан, истисмори зан, хушунат нисбат ба ӯ мунҳасир ба моқабли қарни 19 нест. Дар қарни 19-ум ва 20-ум ҳуқуқи воқеии зан камтар аз гузашта поймол нашудааст.
Мунтаҳо чунонки медонем аз мушаххасоти ин қарн (қарни 20-ум) ин аст, ки рӯйи мақосиди истисморгарона сарпӯше аз мафоҳими инсонӣ гузошта мешавад.
Сухани мо дар бораи ислом аст. Оё ислом дар дастуроти худ дар бораи пӯшиш ва ҳарим миёни зану мард чӣ ҳадаф ва манзуре доштааст? Оё хостааст занро аз лиҳози иқтисодӣ дар хидмати мард қарор диҳад?!
Қадри мусаллам ин аст, ки ҳиҷоб дар ислом бад-ин манзур нест. Ислом ҳаргиз нахоста мард аз зан баҳракашии иқтисодӣ кунад, балки сахт бо он мубориза кардааст. Ислом бо қатъияти томме, ки ба ҳеч ваҷҳ қобили муноқиша нест, эълом кардааст, ки мард ҳеч гуна ҳаққи истифодаи иқтисодӣ аз зан надорад. Ин масъала, ки зан истиқлоли иқтисодӣ дорад, аз мусалламоти қатъии ислом аст. Кори зан аз назари ислом мутаъаллиқ ба худи ӯст. Зан агар моил бошад, коре, ки дар хона ба вай вогузор мешавад, маҷҷонан ва табаррӯъан анҷом медиҳад ва агар нахоҳад, мард ҳақ надорад ӯро маҷбур кунад. Ҳатто дар шир додан ба тифл бо ин ки зан авлавият дорад, авлавияти ӯ мӯҷиби суқути ҳаққи учрати ӯ нест, яъне агар зан бихоҳад фарзанди худро дар муқобили маблағи фаразан як ҳазор риёл дар моҳ шир бидиҳад ва зани бегонае ҳам ба ҳамин маблағ ҳозир аст шир бидиҳад, падар бояд авлавияти занро риоят кунад. Фақат дар сурате, ки зан маблағи бештаре мутолаба мекунад, мард ҳақ дорад тифлро ба дояе, ки уҷрати камтаре мегирад бисупорад. Зан метавонад ҳар навъ коре ҳамин қадр, ки фосидкунандаи хонавода ва музоҳими ҳуқуқи издивоҷ набошад, барои худ интихоб кунад ва даромадаш ҳам мунҳасиран мутаъаллиқ ба худи ӯст.

Агар ислом дар ҳиҷоб, назар ба истисмори иқтисодии зан дошт, бигории занро барои мард таҷвиз мекард; маъқул нест, ки аз як тараф барои зан истиқлоли иқтисодӣ қоил шавад ва аз тарафи дигар ҳиҷобро ба манзури истиқлол ва истисмори зан вазъ кунад.
Пас ислом чунин манзуре надоштааст.

## Ҳасодат

Решаи дигаре, ки барои пайдо шудани ҳиҷоб зикр кардаанд, ҷанбаи ахлоқӣ дорад. Дар инҷо низ монанди назарияи собиқ иллати падид омадани ҳиҷобро тасаллути мард ва асорати зан муаррифӣ кардаанд, бо ин фарқ, ки дар инҷо барои тасаллутҷӯии мард ба ҷойи решаи иқтисодӣ решаи ахлоқӣ зикр шудааст; гуфтаанд: иллати ин ки мард занро бад-ин шакл асир нигаҳ медорад, ҳисси худпарастӣ ва ҳасодати вай нисбат ба мардони дигар аст. Мард намехоҳад ва рашк мебарад, ки мардони дигар ҳарчанд бо нигоҳ кардан ё ҳамсухан шудан аз зане, ки таҳти ихтиёри ӯст истифода кунанд.
Ба ақидаи ин даста, қонунҳои динӣ ва мазҳабӣ бо ин ки дар ҷоҳои дигар бо худхоҳиҳо ва худпарастиҳо мубориза кардааст, дар инҷо баръакс амал карда, рӯйи ин худхоҳии мардон сиҳҳа гузошта, манзури онҳоро таъмин кардааст.
Бертран Рассел мегӯяд: “*Башар тавонистааст, то ҳадде дар мавриди молу сарват бар худхоҳӣ ва бухл ғолиб гардад, вале дар мавриди зан натавонистааст бар ин худхоҳӣ тасаллут пайдо кунад*.”
Аз назари Рассел, “ғайрат” сифати мамдуҳе нест ва решаи он навъе бухл ва имсок аст.
Мафҳуми сухани Рассел ин аст, ки агар базлу бахшиш дар мавриди сарват хуб аст, дар мавриди зан ҳам хуб аст. Чаро бухлу имсок ва ҳасодат дар мавриди мол накӯҳида ва дар мавриди зан сутудааст? Чаро нон ва суфра доштан ва намаки худро хӯронидан, аз лиҳози ахлоқи иқтисодӣ мавриди тамҷиду ситоиш аст ва ҳамин баззолӣ ва гузашт ва ком дигаронро ширин кардан, дар ахлоқи ҷинсӣ мазмум аст?
Ба ақидаи амсоли Рассел, ин тафовут иллати маъқуле надорад, ахлоқ натавонистааст дар мавриди умури ҷинсӣ бар худхоҳӣ ва тасаллутҷӯии башар ғалаба кунад, баръакс таслими худпарастӣ шуда, ҳамон разиларо ба номи “ғайрат” аз тарафи мард ва ба номи “ифоф” ва “ҳиҷоб” аз тарафи зан, таҳти унвони “ахлоқи ҳасана” пазируфтааст.

## Баррасӣ

Аз назари мо, дар мард тамоюл ба ифоф ва покии зан вуҷуд дорад, яъне мард рағбати хоссе дорад, ки ҳамсараш пок ва дастнахӯрда бошад, ҳамчунон ки дар худи зан низ

тамоюли хоссе ба ифоф вуҷуд дорад. Албатта дар зан тамоюл ба ин ки шавҳар бо зани дигар робита ва омезиш надошта бошад низ вуҷуд дорад, вале ин тамоюл ба ақидаи мо, решаи дигаре дорад муғойир бо решаи тамоюли мушобеҳе, ки дар мард аст. Он чи дар мард вуҷуд дорад, ғайрат аст ва ё омехтае аст аз ҳасодат ва ғайрат, вале он чи дар зан вуҷуд дорад, сирфан ҳасодат аст.

Мо феълан дар бораи лузуми ифофи мард ва арзишаш аз назари худаш ва аз назари зан баҳс намекунем.

Сухани мо феълан дар бораи ҳиссе аст, ки дар мард вуҷуд дорад ва ба номи “ғайрат” номида мешавад, ки: аввалан оё ғайрат ҳамон ҳасодат аст, ки тағйири исм додааст ё чизи дигаре аст? Сониян, оё решаи пӯшиш ва ҳиҷоби исломӣ эҳтиром ба ҳисси ғайрати мард аст ё ҷиҳоти дигаре манзур аст?

Аммо қисмати аввал: мо мӯътақидем, ки ҳасодат ва ғайрат ду сифати комилан мутафовитанд ва ҳар кадом решае ҷудогона дорад. Решаи ҳасодат худхоҳӣ ва аз ғароиз ва эҳсосоти шахсӣ мебошад, вале ғайрат як ҳисси иҷтимоӣ ва навъӣ аст ва фоида ва ҳадафаш мутаваҷҷеҳи дигарон аст.

Ғайрат, навъе посбонӣ аст, ки офариниш барои мушаххас будан ва мухталит нашудани наслҳо дар вуҷуди башар ниҳодааст. Сирри ин ки мард ҳассосияти фавқулъода дар ҷилавгирӣ аз омезиши ҳамсараш бо дигарон дорад ин аст, ки хилқат маъмурияте ба ӯ додааст, то насабро дар насли оянда ҳифз кунад. Ин эҳсос монанди эҳсоси алоқа ба фарзанд аст. Ҳама кас медонад, ки фарзанд чӣ қадр ранҷу заҳмат ва ҳазина барои падару модар дорад. Агар алоқаи муфрити башар ба фарзанд набуд, аҳаде иқдом ба таносул ва ҳифзи насл намекард. Агар ҳисси ғайрат ҳам дар мард намебуд, ки маҳалли базрро ҳамеша ҳифозат ва посбонӣ кунад, робитаи наслҳо бо якдигар ба куллӣ қатъ мешуд, ҳеч падаре фарзанди худро намешинохт ва ҳеч фарзанде падари худро намедонист кист. Қатъи ин робита, асоси иҷтимоӣ будани башарро мутазалзил месозад.

Пешниҳоди ин ки инсон ба унвони мубориза бо худхоҳӣ ғайратро канор бигузорад, дуруст мисли ин аст, ки пешниҳод шавад ғаризаи алоқа ба фарзандро, балки ба таври куллӣ мутлақи ҳисси тараҳҳум ва отифаи инсониро ба унвони ин ки як майли нафсонӣ аст решакан кунем; дар сурате, ки ин як майли нафсонӣ дар дараҷоти пойини ҳайвонӣ нест, балки як эҳсоси олии башарӣ аст.

Алоқа ба ҳифзи насл дар зан ҳам вуҷуд дорад, вале дар онҷо эҳтиёҷ ба посбон нест, зеро интисоби фарзанд ба модар ҳамеша маҳфуз аст ва иштибоҳпазир нест. Аз инҷо метавон фаҳмид, ки ҳассосияти зан дар манъи омезиши шавҳар бо дигарон, решае ғайр аз ҳассосияти мард дар ин масъала дорад. Эҳсоси занро метавон ношӣ аз худхоҳӣ ва

инҳисорталабӣ донист, вале эҳсоси мард чунонки гуфтем ҷанбаи навъӣ ва иҷтимоӣ дорад. Мо мункири ҳисси ҳасодат ва инҳисорталабии мард нестем. Мо муддаъӣ ҳастем, ки фаразан мард ҳасодати худро бо нерӯи ахлоқӣ аз миён бибарад, як навъ ҳисси иҷтимоӣ дар ӯ вуҷуд дорад, ки иҷоза намедиҳад бо омезиши ҳамсараш бо мардони дигар мувофиқат кунад. Мо муддаъӣ ҳастем, мунҳасир шинохтани иллати ҳассосияти мард ба ҳисси ҳасодат, ки як инҳирофи ахлоқии фардӣ аст иштибоҳ аст.

Дар бархе аз ривоятҳо низ бад-ин мавзӯъ ишора шудааст, ки он чи дар мардон аст, ғайрат аст ва он чи дар занон аст, ҳасодат.

Барои тавзеҳи ин матлаб метавон як нуктаро афзуд ва он ин аст, ки зан ҳамеша мехоҳад матлуб ва маъшуқи мард бошад. Ҷилвагариҳо, дилбариҳо ва худнамоиҳои зан ҳама барои ҷалби назари мард аст. Зан он қадр, ки мехоҳад мардро ошиқи дилхастаи хеш кунад, толиби висол ва лаззати ҷинсӣ нест. Агар зан намехоҳад, ки шавҳараш бо занони дигар омезиш дошта бошад, ба ин ҷиҳат аст, ки мехоҳад мақоми маъшуқ будан ва матлуб буданро хосси худ кунад. Вале дар мард чунин эҳсосе вуҷуд надорад. Ин гуна инҳисорталабӣ дар сиришти мард нест. Аз ин рӯ агар монеъи омезиши занаш бо мардони дигар аст, решааш ҳамон ҳиросат ва нигаҳбонии насл аст.

Занро бо сарват ҳам набояд қиёс кард. Сарват бо масраф кардан аз байн меравад ва аз ин рӯ мавриди танозӯъ ва кашмакаш воқеъ мешавад ва ҳисси инҳисорталабии башар ҷилави истифодаи дигаронро мегирад. Вале комҷӯии ҷинсии як нафар монеъи истифодаи дигарон нест. Дар инҷо масъалаи анбор кардан ва эҳтикор матраҳ нест.

Инсон ин ҳолатро дорад, ки ҳар чи бештар дар гирдоби шаҳавоти шахсӣ фурӯ равад ва ифоф ва тақво ва иродаи ахлоқиро аз каф бидиҳад, эҳсоси “ғайрат” дар вуҷудаш нотавон мегардад. Шаҳватпарастон аз ин ки ҳамсарони онҳо мавриди истифодаҳои дигарон қарор бигиранд, ранҷ намебаранд ва аҳёнан лаззат мебаранд ва аз чунин корҳое дифоъ мекунанд. Баръакс, афроде, ки бо худхоҳиҳо ва шаҳавоти нафсонӣ мубориза мекунанд ва решаҳои ҳирсу оз ва тамаъ ва моддапарастиро дар вуҷуди худ нобуд мекунанд ва ба тамоми маънӣ “инсон” ва “инсондӯст” мегарданд ва худро вақфи хидмат ба халқ мекунанд ва ҳисси хидмат ба навъ дар онон бедор мешавад, чунин ашхосе ғаюртар ва нисбат ба ҳамсарони худ ҳассостар мегарданд. Ин гуна афрод ҳатто нисбат ба номуси дигарон низ ҳассос мегарданд, яъне виҷдонашон иҷоза намедиҳад, ки номуси иҷтимоъ мавриди таҷовуз қарор гирад. Номуси иҷтимоъ номуси худашон мешавад.

Алӣ алайҳис салом ҷумлаи аҷибе дорад. Мефармояд:

ما زنى غيور قط

(*“Наҳҷул-балоға”, ҳикмати 305*) Яъне ҳаргиз як инсони шариф ва ғаюр зино намекунад. Нафармудааст: инсони ҳасуд зино намекунад, балки фармуд, инсони ғаюр зино намекунад, чаро? Барои ин ки ғайрат як шарофати инсонӣ ва як ҳассосияти инсонӣ аст нисбат ба покӣ ва таҳорати ҷомеа. Инсони ғаюр ҳамон тавр, ки розӣ намешавад домани номуси худаш олуда гардад, розӣ намешавад домани номуси иҷтимоъ ҳам олуда шавад, зеро ғайрат ғайр аз ҳасодат аст; ҳасодат як амри шахсӣ ва фардӣ ва ношӣ аз як силсила укдаҳои руҳӣ аст, аммо ғайрат як эҳсос ва отифаи навъи башарӣ аст.

Ин худ далел аст, ки “ғайрат” аз худпарастӣ ношӣ намешавад, эҳсоси хоссе аст, ки қонуни хилқат барои таҳкими асоси зиндагии хонаводагӣ, ки як зиндагии табиӣ аст, на карордодӣ, эҷод кардааст.

Ва аммо ин ки оё назари ислом дар бораи ҳиҷоб ва пӯшиш эҳтиром гузордан ба ҳисси ғайрати мард аст ё на?

Ҷавоб ин аст, ки бидуни шак, ислом ҳамон фалсафае, ки дар ҳисси ғайрат ҳаст, яъне ҳифозати покии насл ва адами ихтилоти ансобро манзури назар дорад, вале иллати ҳиҷоби исломӣ мунҳасир ба ин нест. Дар бахши баъд, ки таҳти унвони “Фалсафаи пӯшиш ва ҳиҷоб дар ислом” баҳс хоҳем кард, ин матлабро тавзеҳ хоҳем дод.

## Одати занонагӣ

Ба ақидаи баъзе, ҳиҷоб ва хонанишинии зан, решаи равонӣ дорад. Зан аз ибтидо дар худ нисбат ба мард эҳсоси ҳақорат мекардааст аз ду ҷиҳат: яке эҳсоси нақси узвӣ нисбат ба мард, дигаре хунравии моҳона ва ҳини зоймон ва ҳини изолаи бакорат.

Ин ки одати моҳона навъе палидӣ ва накс аст, фикре аст, ки аз қадим дар миёни башар вуҷуд доштааст ва ба ҳамин далел занон дар айёми одат монанди як шайъи палид дар гӯшае маҳбус будаанд ва аз онҳо дурӣ ва иҷтиноб мешудааст.

Шояд ба ҳамин иллат аст, ки аз Пайғамбари Акрам дар бораи ин одат суол шуд. Вале ояте, ки дар посухи ин суол нозил шуд ин набуд, ки ҳайз, палидӣ аст ва зани ҳоиз палид аст ва бо ӯ муошарат накунед; посух расид, ки навъе бемории тан аст ва дар ҳини он беморӣ, аз ҳамхобагӣ эҳтироз кунед (на аз муошарат):

وَيَسْأَلُونَكَ عَنِ الْمَحِيضِ قُلْ هُوَ أَذًى فَاعْتَزِلُوا النِّسَاءَ فِي الْمَحِيضِ

(*Бақара/222*) Аз ту дар бораи ҳайз суол мекунанд, бигӯ: навъе беморӣ аст, дар ҳоли ин беморӣ бо занон наздикӣ накунед.

Қуръон ин ҳолро фақат навъе беморӣ монанди соири бемориҳо хонд ва ҳар гуна палидиро аз он салб кард.

Дар Сунани Абӯдовуд, ҷилди аввал, сафҳаи 499 дар шаъни нузули ин оят менависад:

“*Анас ибни Молик гуфт: одати яҳуд ин буд, ки ҳамин ки зане аз онҳо ҳоиз мешуд, ӯро аз хона берун мекарданд, на бо ӯ ғизо мехӯрданд ва на аз зарфи ӯ об меошомиданд ва на бо ӯ дар як утоқ мезистанд. Аз ин рӯ, аз Расули Худо дар ин бора суол шуд ва ин оят нозил гашт. Расули Худо аз дурӣ гузидан аз онҳо манъ кард ва фармуд: ҷуз ҳамбистарӣ ҳеч мамнӯъияти дигаре надоранд*.“

Аз назари ислом, зани ҳоиз ҳукми як инсони ба истилоҳ “муҳдис”-ро яъне инсони фоқид вузӯ ва ғуслро дорад, ки дар он ҳол аз намозу рӯза маҳрум аст.

Ҳар мӯҷиби “ҳадас” навъе палидӣ аст, ки бо “таҳорат” яъне вузӯ ё ғусл муртафеъ мегардад. Бад-ин маънӣ ҳайзро низ метавонем монанди ҷанобат, хоб, бавл ва ғайра палидӣ бидонем. Вале ин навъ палидӣ аввалан ихтисос ба зан надорад ва сониян бо ғусл ё вузӯ муртафеъ мегардад.

Дар миёни яҳудиён ва зардуштиён, бо зани ҳоиз монанди як шайъи палид рафтор мешудааст ва ин ҷиҳат, ҳам дар зан ва ҳам дар мард ин фикрро ба вуҷуд оварда, ки зан мавҷуди паст ва палиде аст ва махсусан худи зан дар он ҳолат эҳсоси шарм ва нақс мекарда, худро махфӣ месохтааст.

Қаблан аз Уилям Дюрант нақл кардаем, ки гуфт:

“*Пас аз Дориюш мақоми зан махсусан дар миёни табақаи сарватмандон таназзул пайдо кард. Занони фақир чун барои кор кардан ночор аз омаду шуд дар миёни мардум буданд, озодии худро ҳифз карданд. Вале дар мавриди занони дигар гӯшанишинӣ замон ҳайз, ки барояшон воҷиб буд, рафта-рафта имтидод пайдо кард ва саросари зиндагонии иҷтимоии эшонро фаро гирифт.*”

Ва ҳам ӯ мегӯяд:

“*Нахустин мартиба, ки зан ҳаё ва шармро эҳсос кард, он вақт буд, ки фаҳмид дар ҳангоми ҳайз наздик шудани ӯ бо мард мамнӯъ аст.*“

Дар бораи ин ки зан ибтидо дар худ эҳсоси нақс мекардааст ва сабаб шуда, ки ҳам худи ӯ ва ҳам мард ӯро мавҷуди паст бишуморад, суханони зиёде гуфта шудааст. Хоҳ он суханон дуруст бошад ва хоҳ нодуруст, бо фалсафаи ислом дар бораи зан ва пӯшидагии зан робитае надорад. Ислом на ҳайзро мӯҷиби пастӣ ва ҳақорати зан медонад ва на пӯшидагиро ба хотири пастӣ ва ҳақорати зан унвон кардааст, балки манзурҳои дигаре доштааст, чунонки баъдан хоҳем гуфт.

## Боло бурдани арзиш

Иллатҳое, ки қаблан зикр кардем, каму беш мавриди истифодаи мухолифони пӯшидагии зан қарор гирифтааст. Ба ақидаи мо, як иллати асосӣ дар кор аст, ки мавриди ғафлат воқеъ шудааст. Ба ақидаи мо, решаи иҷтимоии падид омадани ҳарим ва ҳоил миёни зану мардро дар майл ба риёзат, ё майли мард ба истисмори зан, ё ҳасодати мард, ё адами амнияти иҷтимоӣ, ё одати занонагӣ набояд ҷустуҷӯ кард ва лоақал бояд камтар дар инҳо ҷустуҷӯ кард. Решаи ин падидаро дар як тадбири моҳиронаи ғаризии худи зан бояд ҷустуҷӯ кард.

Ба таври куллӣ, баҳсе аст дар бораи решаи ахлоқи ҷинсии зан аз қабили ҳаё ва ифоф ва аз он ҷумла аст тамоюл ба сатру пӯшиши худ аз мард. Дар инҷо назариёте иброз шудааст. Дақиқтарини онҳо ин аст, ки ҳаё ва ифоф ва сатру пӯшиш тадбире аст, ки худи зан бо як навъ илҳом барои гаронбаҳо кардани худ ва ҳифзи мавқеияти худ дар баробари мард ба кор бурдааст. Зан, бо ҳуши фитрӣ ва бо як ҳисси махсус ба худ, дарёфтааст, ки аз лиҳози ҷисмӣ наметавонад бо мард баробарӣ кунад ва агар бихоҳад дар майдони зиндагӣ бо мард панҷа нарм кунад, аз ӯҳдаи зӯри бозуи мард барнамеояд ва аз тарафи дигар нуқтаи заъфи мардро дар ҳамон ниёзе ёфтааст, ки хилқат дар вуҷуди мард ниҳодааст, ки ӯро мазҳари ишқ ва талаб ва занро мазҳари маъшуқият ва матлубият қарор додааст. Дар табиат, ҷинси нар гиранда ва дунболкунанда офарида шудааст. Ба қавли Уилям Дюрант: "*Одоби ҷуфтҷӯӣ иборат аст аз ҳамла барои тасарруф дар мардон ва ақибнишинӣ барои дилбарӣ ва фиребандагӣ дар занон… Мард табъан ҷангӣ ва ҳайвони шикорӣ аст, амалаш мусбат ва таҳоҷумӣ аст. Зан барои мард ҳамчун ҷоизае аст, ки бояд онро бирубояд*."

Вақте, ки зан, мақом ва мавқеъи худро дар баробари мард ёфт ва нуқтаи заъфи мардро дар баробари худ донист, ҳамон тавр, ки мутавассил ба зевар ва худоройӣ ва таҷаммул шуд, ки аз он роҳ қалби мардро тасоҳуб кунад, мутавассил ба дур нигаҳ доштани худ аз дастраси мард низ шуд. Донист, ки набояд худро ройгон кунад, балки боист оташи ишқ ва талаби ӯро тезтар кунад ва дар натиҷа мақом ва мавқеъи худро боло барад.

Уилям Дюрант мегӯяд:

"*Ҳаё, амри ғаризӣ нест, балки иктисобӣ аст. Занон дарёфтанд, ки дасту дилбозӣ мояи таъну таҳқир аст ва ин амрро ба духтарони худ ёд доданд.*"

Уилям Дюрант мегӯяд:

"*Худдорӣ аз инбисот ва имсок дар базлу бахшиш, беҳтарин силоҳ барои шикори мардон аст. Агар аъзои ниҳонии инсонро дар маъразӣ омм ташреҳ мекарданд, таваҷҷӯҳи мо ба*

*он ҷалб мешуд, вале рағбат ва қасд ба нудрат таҳрик мегардид. Марди ҷавон ба дунболи чашмони пур аз ҳаёст ва бе он ки бидонад, ҳисс мекунад, ки ин худдории зарифона аз як лутф ва риққати олӣ хабар медиҳад.*"

Мавлавӣ, орифи нозукандеш ва дурбини худамон, масале бисёр олӣ дар ин замина меоварад. Аввал дар бораи тасаллути маънавии зан бар мард мегӯяд:

*"Зуййина лин-нос", Ҳақ оростаст,*
*З-он чи Ҳақ ором, чун донанд ҷаст?*
*Чун пайи "яскун илайҳо"-ш офарид,*
*Кай тавонад Одам аз Ҳавво бурид?*
*Рустами Зол ар бувад в-аз Ҳамза беш,*
*Ҳаст дар фармон асири золи хеш.*
*Он ки олам масти гуфташ омадӣ,*
*"Каллиминӣ ё Ҳумайро" мезадӣ.*

Он гоҳ роҷеъ ба таъсири ҳарим ва ҳоил миёни зану мард дар афзоиши қудрат ва маҳбубияти зан ва дар боло бурдани мақоми ӯ ва дар гудохтани мард дар оташи ишқу сӯз, масале латиф меоварад:

Онҳоро ба обу оташ ташбеҳ мекунад, мегӯяд: масали мард масали об аст ва масали зан масали оташ, агар ҳоил аз миёни обу оташ бардошта шавад, об бар оташ ғалаба мекунад ва онро хомӯш месозад, аммо агар ҳоил ва ҳоҷибе миён он ду барқарор гардад, мисли ин ки обро дар деге қарор диҳанд ва оташ дар зери он дег равшан кунанд, он вақт аст, ки оташ обро таҳти таъсири худ қарор медиҳад, андак-андак ӯро гарм мекунад ва аҳёнан ҷӯшиш ва ғалаён дар ӯ ба вуҷуд меоварад, то он ҷо, ки саросари вуҷуди ӯро табдил ба бухор месозад. Мегӯяд:

*Об ғолиб шуд бар оташ аз ниҳеб,*
*З-оташ ӯ ҷӯшад, чу бошад дар ҳиҷеб.*
*Чунки деге ҳойил омад ҳар дуро,*
*Нест кард он обро, кардаш ҳаво.*

Мард, бар хилофи он чи ибтидо тасаввур меравад, дар умқи руҳи хеш аз ибтизоли зан ва аз таслим ва ройгонии ӯ мутанаффир аст. Мард ҳамеша иззат ва истиғно ва беэътиноии занро нисбат ба худ сутудааст.

Ибни ал-Ъафиф мегӯяд:

**تبدي النفار دلالاً وهي آنسة**

**يا حسن معنى الرضا في صورة الغضب**

Низомӣ мегӯяд:

*Чӣ хуш нозест нози хубрӯён,*

*Зи дида рондаро аз дида ҷӯён.*

Ба таври куллӣ робитае аст миёни дастнорасӣ ва фироқ аз як тараф ва ишқу сӯз ва гаронбаҳоӣ аз тарафи дигар, ҳамчунон ки робитае аст миёни ишқу сӯз аз як тараф ва миёни ҳунар ва зебоӣ аз тарафи дигар, яъне ишқ дар заминаи фироқҳо ва дастнорасиҳо мешукуфад ва ҳунар ва зебоӣ дар заминаи ишқ рушду нумӯ меёбад.

Бертран Рассел мегӯяд:

"*Аз лиҳози ҳунар мояи таассуф аст, ки ба осонӣ ба занон битавон даст ёфт ва хеле беҳтар аст, ки висоли занон душвор бошад, бидуни он ки ғайримумкин гардад*."

Ҳам ӯ мегӯяд:

"*Дар ҷойе, ки ахлоқиёт комилан озод бошад, инсоне, ки билқувва мумкин аст ишқи шоиронае дошта бошад, амалан бар асари муваффақиятҳои пай дар пай ба воситаи ҷозибаи шахсии худ, нудратан ниёзе ба тавассул ба олитарин тахайюлоти худ хоҳад дошт.*"

Уилям Дюрант дар "Лаззоти фалсафа" мегӯяд:

"*Он чи бичӯем ва наёбем, азиз ва гаронбаҳо мегардад. Зебоӣ ба қудрати майл бастагӣ дорад ва майл бо иқноъ ва ирзоъ, заъиф ва бо манъ ва ҷилавгирӣ қавӣ мегардад.*"

Аз ҳама аҷибтар сухане аст, ки яке аз маҷаллоти занона, аз Алфред Хичкок — ки ба қавли он маҷалла, ба ҳасби фанн ва шуғли филмсозии худ дар бораи занон таҷриби фаровон дорад — нақл мекунад. Ӯ мегӯяд:

"*Ман мӯътақидам, ки зан ҳам бояд мисли филми пурҳаяҷон бошад, бад-ин маънӣ, ки моҳияти худро камтар нишон диҳад ва барои кашфи худ мардро ба нерӯи тахайюл ва тасаввури зиёдтаре водорад. Бояд занон пайваста бар ҳамин шева рафтор кунанд, яъне камтар моҳияти худро нишон диҳанд ва бигузоранд мард барои кашфи онҳо бештар ба худ заҳмат диҳад.*"

Ҳамчунин ҳамон маҷалла дар шумораи дигаре аз ҳамин шахс чунин нақл мекунад:

"*Занони шарқӣ то чанд сол пеш ба хотири ҳиҷоб ва ниқоб ва рӯйбанде, ки ба кор мебурданд, худ ба худ ҷаззоб менамуданд ва ҳамин масъала ҷозибаи нерӯманде бад-онҳо медод, аммо ба тадриҷ бо талоше, ки занони ин кишварҳо барои баробарӣ бо занони*

*ғарбӣ аз худ нишон медиҳанд, ҳиҷоб ва пӯшише, ки дирӯз бар зани шарқӣ кашида шуда буд, аз миён меравад ва ҳамроҳи он аз ҷозибаи ҷинсии ӯ ҳам коста мешавад*.”

Мегӯянд: “Муштоқӣ аст мояи маҳҷурӣ.” Ин саҳеҳ аст, аммо акси он ҳам саҳеҳ аст, ки: “Маҳҷурӣ аст мояи муштоқӣ.“

Имрӯз яке аз халаъҳое, ки дар дунёи Урупо ва Омрико вуҷуд дорад, халаъи ишқ аст. Дар калимоти донишмандони урупоӣ зиёд ин нукта ба чашм мехӯрад, ки аввалин қурбонии озодӣ ва бебанду бории имрӯзи занон ва мардон, ишқу шӯр ва эҳсосоти бисёр шадид ва олӣ аст. Дар ҷаҳони имрӯз ҳаргиз ишқҳое аз навъи ишқҳои шарқӣ аз қабили ишқҳои Маҷнун ва Лайлӣ ва Хусрав ва Ширин рушду нумӯ намекунад.

Намехоҳам ба ҷанбаи таърихии қиссаи Маҷнун ва Лайлӣ ва Хусрав ва Ширин такя карда бошам, вале ин қиссаҳо баёнкунандаи воқеиёте аст, ки дар иҷтимоъоти шарқӣ вуҷуд доштааст.

Аз ин достонҳо метавон фаҳмид, ки зан бар асари дур нигаҳ доштани худ аз дастрасии мард, то кучо пояи худро боло бурдааст ва то чӣ ҳадд сари ниёзи мардро ба остони худ фуруд овардааст!

Қатъан дарки зан ин ҳақиқатро дар тамоюли ӯ ба пӯшиши бадании худ ва махфӣ кардани худ ба сурати як роз, таъсири фаровон доштааст.

# Бахши севвум: Фалсафаи пӯшиш дар ислом

** Вожаи ҳиҷоб*

** Симои ҳақиқии масъалаи ҳиҷоб*

** Муошарати озод аз ҷанбаи равонӣ*

** Баҳсе дар ҳисси тағаззул*

** Муошарати озод аз назари зиндагии хонаводагӣ*

** Муошарати озод аз назари зиндагии иҷтимоӣ*

Фалсафаҳое, ки қаблан барои пӯшиш зикр кардем, ғолибан тавҷеҳоте буд, ки мухолифони пӯшиш тарошидаанд ва хостаанд онро ҳатто дар сурати исломиаш амре ғайримантиқӣ ва номаъқул муаррифӣ кунанд. Равшан аст, ки агар инсон масъалаеро аз аввал хурофа фарз кунад, тавҷеҳе ҳам, ки барои он зикр мекунад, мутаносиб бо хурофа хоҳад буд. Агар баҳскунандагон масъаларо бо бетарафӣ мавриди ковиш қарор медоданд, дармеёфтанд, ки фалсафаи пӯшиш ва ҳиҷоби исломӣ ҳеч як аз суханони пуч ва беасоси онҳо нест.

Мо барои пӯшиши зан аз назари ислом фалсафаи хоссе қоил ҳастем, ки назари ақлии онро муваҷҷаҳ месозад ва аз назари таҳлил метавон онро мабнои ҳиҷоб дар ислом донист.

## Вожаи “ҳиҷоб”

Пеш аз ин ки истинботи худро дар ин бора зикр кунем, лозим аст як нуктаро ёдоварӣ кунем. Он нукта ин аст, ки маънои луғавии “ҳиҷоб”, ки дар асри мо ин калима барои пӯшиши зан маъруф шудааст, чист? Калимаи “ҳиҷоб”, ҳам ба маънии пӯшидан аст ва ҳам ба маънии парда ва ҳоҷиб. Бештар, истеъмолаш ба маънии парда аст. Ин калима аз он ҷиҳат мафҳуми пӯшиш медиҳад, ки парда василаи пӯшиш аст ва шояд битавон гуфт, ки ба ҳасби асли луғат, ҳар пӯшише ҳиҷоб нест, он пӯшиш “ҳиҷоб” номида мешавад, ки аз тариқи пушти парда воқеъ шудан сурат гирад. Дар Қуръони Карим дар достони Сулаймон ғуруби хуршедро ин тавр тавсиф мекунад:

حَتَّىٰ تَوَارَتْ بِالْحِجَابِ

(*Сод/32*) Яъне то он вақте, ки хуршед дар пушти парда махфӣ шуд. Пардаи ҳоҷиз миёни қалб ва шикамро “ҳиҷоб” меноманд.

Дар дастуре, ки Амирулмӯъминин алайҳис салом ба Молики Аштар навиштааст, мефармояд:

فَلاَ تُطَوِّلَنَّ احْتِجَابَكَ عَنْ رَعِيَّتِكَ

(*"Наҳҷул-балоға", номаи 53*) Яъне дар миёни мардум бош, камтар худро дар андаруни хонаи худ аз мардум пинҳон кун; ҳоҷиб ва дарбон туро аз мардум ҷудо накунад, балки худатро дар маърази мулоқот ва тамоси мардум қарор бидеҳ, то заъифон ва бечораагон битавонанд ниёзмандиҳо ва шикоёти худро ба гӯши ту бирасонанд ва ту низ аз ҷараёни умур беиттилоъ намонӣ.

Ибни Халдун дар "Муқаддима"-и хеш фасле дорад таҳти унвони:

فصل في الحجاب كيف يقع في الدول وأنه يعظم عند الهرم

Дар ин фасл баён мекунад, ки ҳукуматҳо дар ибтидои ташкил, миёни худ ва мардум ҳоил ва фосилае қарор намедиҳанд, вале тадриҷан ҳоил ва парда миёни ҳоким ва мардум захимтар мешавад, то билохира авоқиби ногуворе ба вуҷуд меоварад. Ибни Халдун калимаи "ҳиҷоб"-ро ба маънии парда ва ҳоил (на пӯшиш) ба кор бурдааст.

Истеъмоли калимаи "ҳиҷоб" дар мавриди пӯшиши зан, як истилоҳи нисбатан ҷадид аст. Дар қадим ва махсусан дар истилоҳи фуқаҳо, калимаи "сатр", ки ба маънии пӯшиш аст, ба кор рафтааст. Фуқаҳо чӣ дар китоби ассалот (китоби намоз) ва чӣ дар китоб ан-никоҳ (китоби никоҳ), ки мутаъарризи ин матлаб шудаанд, калимаи "сатр"-ро ба кор бурдаанд, на калимаи "ҳиҷоб"-ро.

Беҳтар ин буд, ки ин калима иваз намешуд ва мо ҳамеша ҳамон калимаи "пӯшиш"-ро ба кор мебурдем, зеро чунонки гуфтем, маънии шойеъи луғати "ҳиҷоб" парда аст ва агар дар мавриди пӯшиш ба кор бурда мешавад, ба эътибори пушти парда воқеъ шудани зан аст ва ҳамин амр мӯҷиб шуда, ки иддаи зиёде гумон кунанд, ки ислом хостааст зан ҳамеша пушти парда ва дар хона маҳбус бошад ва берун наравад.

Вазифаи пӯшиш, ки ислом барои занон муқаррар кардааст, бад-ин маънӣ нест, ки аз хона берун наравад. Зиндонӣ кардан ва ҳабси зан дар ислом матраҳ нест. Дар бархе аз кишварҳои қадим мисли Эрони қадим ва Ҳинд чунин чизҳое вуҷуд доштааст, вале дар ислом вуҷуд надорад.

Пӯшиши зан дар ислом ин аст, ки зан дар муошарати худ бо мардон, бадани худро бипӯшонад ва ба ҷилвагарӣ ва худнамоӣ напардозад. Оятҳои марбута ҳамин маъниро зикр мекунад ва фатвои фуқаҳо ҳам таъйидкунандаи ҳамин матлаб аст ва мо ҳудуди ин пӯшишро бо истифода аз Қуръон ва манобеъи суннат зикр хоҳем кард. Дар оятҳои марбута луғати "ҳиҷоб" ба кор нарафтааст. Оятҳое, ки дар ин бора ҳаст, чӣ дар сураи муборакаи Нур ва чӣ дар сураи муборакаи Аҳзоб, ҳудуди пӯшиш ва тамосҳои зану

мардро зикр кардааст бидуни он ки калимаи “ҳиҷоб”-ро ба кор бурда бошад. Ояте, ки дар он калимаи “ҳиҷоб” ба кор рафтааст, марбут аст ба занони пайғамбари ислом.

Медонем, ки дар Қуръони Карим дар бораи занони пайғамбар дастурҳои хоссе ворид шудааст. Аввалин оят хитоб ба занони пайғамбар бо ин ҷумла оғоз мешавад:

**يا نِسَاءَ النَّبِيِّ لَسْتُنَّ كَأَحَدٍ مِّنَ النِّسَاءِ**

Яъне шумо бо соири занон фарқ доред. Ислом инояти хоссе доштааст, ки занони пайғамбар, чӣ дар замони ҳаёти он ҳазрат ва чӣ баъд аз вафоти эшон, дар хонаҳои худ бимонанд ва дар ин ҷиҳат бештар манзурҳои иҷтимоӣ ва сиёсӣ дар кор будааст. Қуръони Карим сареҳан ба занони пайғамбар мегӯяд:

**وَقَرْنَ فِي بُيُوتِكُنَّ**

Яъне дар хонаҳои худ бимонед. Ислом мехостааст –

**أمهات المؤمنين**

(уммаҳотул-муъминин), ки хоҳ нохоҳ эҳтироми зиёде дар миёни мусалмонон доштанд, аз эҳтироми худ суистифода накунанд ва аҳёнан абзори аносури худхоҳ ва моҷароҷӯ дар масоили сиёсӣ ва иҷтимоӣ воқеъ нашаванд. Ва чунонки медонем, яке аз уммаҳотул-муъминин (Оиша), ки аз ин дастур тахаллуф кард, моҷароҳои сиёсии ногуворе барои ҷаҳони ислом ба вуҷуд овард. Худи ӯ ҳамеша изҳори таъассуф мекард ва мегуфт: дӯст доштам фарзандони зиёде аз пайғамбар медоштам ва мемурданд, аммо ба чунин моҷарое даст намезадам.

Сирри ин ки занони пайғамбар мамнӯъ шуданд аз ин ки баъд аз он ҳазрат бо шахси дигаре издивоҷ кунанд, ба назари ман ҳамин аст, яъне шавҳари баъдӣ аз шӯҳрат ва эҳтироми занаш суистифода мекард ва моҷароҳо меофарид. Бинобар ин, агар дар бораи занони пайғамбар дастури акидтар ва шадидтаре вуҷуд дошта бошад, бад-ин ҷиҳат аст.

Ба ҳар ҳол, ояте, ки дар он оят калимаи “ҳиҷоб” ба кор рафта, ояти 53 аз сураи Аҳзоб аст, ки мефармояд:

**وَإِذَا سَأَلْتُمُوهُنَّ مَتَاعًا فَاسْأَلُوهُنَّ مِن وَرَاءِ حِجَابٍ**

Яъне агар аз онҳо матоъ ва колои мавриди ниёзе мутолаба мекунед, аз пушти парда аз онҳо бихоҳед. Дар истилоҳи таърих ва ҳадиси исломӣ, ҳар ҷо номи “ояти ҳиҷоб” омадааст, масалан гуфта шуда қабл аз нузули ояти ҳиҷоб чунон буд ва баъд аз нузули

ояти ҳиҷоб чунин шуд, мақсуд ин оят аст, ки марбут ба занони пайғамбар аст[16], на оятҳои сураи Нур, ки мефармояд:

قُل لِّلْمُؤْمِنِينَ يَغُضُّوا مِنْ أَبْصَارِهِمْ

— то:

وَقُل لِّلْمُؤْمِنَاتِ يَغْضُضْنَ مِنْ أَبْصَارِهِنَّ

Ё ояти сураи Аҳзоб, ки мефармояд:

يُدْنِينَ عَلَيْهِنَّ مِنْ جَلَابِيبِهِنَّ

— то охир.

Аммо ин ки чӣ тавр дар асри ахир ба ҷойи истилоҳи роиҷи фуқаҳо яъне сатр ва пӯшиш, калимаи ҳиҷоб ва парда ва пардагӣ шойеъ шудааст, барои ман маҷҳул аст ва шояд аз ноҳияи иштибоҳ кардани ҳиҷоби исломӣ ба ҳиҷобҳое, ки дар соири милал марсум будааст бошад. Мо дар ин бора баъдан тавзеҳи бештаре хоҳем дод.

## Симои ҳақиқии масъалаи ҳиҷоб

Ҳақиқати амр ин аст, ки дар масъалаи пӯшиш — ва ба истилоҳи асри ахир, ҳиҷоб — сухан дар ин нест, ки оё зан хуб аст пӯшида дар иҷтимоъ зоҳир шавад ё урён? (Балки) руҳи сухан ин аст, ки оё зан ва таматтӯъоти (комҷӯиҳои) мард аз зан, бояд ройгон бошад? Оё мард бояд ҳақ дошта бошад, ки аз ҳар зане дар ҳар маҳфиле ҳаддиаксари таматтӯъотро ба истиснои зино бибарад ё на?

Ислом, ки ба руҳи масоил менигарад, ҷавоб медиҳад: хайр, мардон фақат дар муҳити хонаводагӣ ва дар кодри қонуни издивоҷ ва ҳамроҳ бо як силсила таъаҳҳудоти сангин метавонанд аз занон ба унвони ҳамсарони қонунӣ комҷӯӣ кунанд, аммо дар муҳити иҷтимоъ истифода аз занони бегона мамнӯъ аст. Ва занон низ аз ин ки мардонро дар хориҷ аз конуни хонаводагӣ комёб созанд, ба ҳар сурат ва ба ҳар шакл мамнӯъ мебошанд.

Дуруст аст, ки сурати зоҳири масъала ин аст, ки зан чӣ бикунад? Пӯшида берун биёяд ё урён? Яъне он кас, ки масъала ба номи ӯ унвон мешавад зан аст ва аҳёнан масъала бо лаҳни дилсӯзонае тарҳ мешавад, ки оё беҳтар аст зан озод бошад ё маҳкум ва асир ва дар ҳиҷоб? Аммо руҳи масъала ва ботини матлаб чизи дигар аст. Ва он ин ки: оё мард бояд дар баҳракашии ҷинсӣ аз зан, ҷуз аз ҷиҳати зино, озодии мутлақ дошта бошад ё на? Яъне

[16] *Руҷӯъ шавад ба Саҳеҳ Муслим, ҷ.4, с.148-151.*

он ки дар ин масъала зинафъ аст мард аст, на зан ва лоақал мард аз зан дар ин масъала зинафътар аст. Ба қавли Уилям Дюрант: “*Доманҳои кӯтоҳ барои ҳамаи ҷаҳониён ба ҷуз хайётон неъмате аст*.“

Пас руҳи масъала, маҳдудияти комёбиҳо ба муҳити хонаводагӣ ва ҳамсарони машрӯъ, ё озод будани комёбиҳо ва кашида шудани онҳо ба муҳити иҷтимоъ аст. Ислом тарафдори фарзияи аввал аст.

Аз назари ислом, маҳдудияти комёбиҳои ҷинсӣ ба муҳити хонаводагӣ ва ҳамсарони машрӯъ, аз ҷанбаи равонӣ ба беҳдошти равонии иҷтимоъ кӯмак мекунад ва аз ҷанбаи хонаводагӣ сабаби таҳкими равобити афроди хонавода ва барқарории самимияти комил байни завҷайн мегардад ва аз ҷанбаи иҷтимоӣ мӯҷиби ҳифз ва истифои нерӯи кор ва фаъолияти иҷтимоъ мегардад ва аз назари вазъи зан дар баробари мард, сабаб мегардад, ки арзиши зан дар баробари мард боло равад.

Фалсафаи пӯшиши исломӣ ба назари мо, чанд чиз аст. Баъзе аз онҳо ҷанбаи равонӣ дорад ва баъзе ҷанбаи хона ва хонаводагӣ ва баъзе дигар ҷанбаи иҷтимоӣ ва баъзе марбут аст ба боло бурдани эҳтироми зан ва ҷилавгирӣ аз ибтизоли ӯ.

Ҳиҷоб дар ислом аз як масъалаи куллитар ва асоситаре реша мегирад ва он ин аст, ки ислом мехоҳад анвоъи илтизозҳои ҷинсӣ, чӣ басарӣ ва ламсӣ ва чӣ навъи дигар, ба муҳити хонаводагӣ ва дар кодри издивоҷи қонунӣ ихтисос ёбад, иҷтимоъ мунҳасиран барои кор ва фаъолият бошад. Бар хилофи системаи ғарбии асри ҳозир, ки кор ва фаъолиятро бо лаззатҷӯиҳои ҷинсӣ ба ҳам меомезад. Ислом мехоҳад ин ду муҳитро комилан аз якдигар тафкик кунад.

Акнун ба шарҳи чаҳор қисмати фавқ мепардозем:

## 1) Оромиши равонӣ:

Набудани ҳарим миёни зану мард ва озодии муошаратҳои бебанду бор ҳаяҷонҳо ва илтиҳобҳои ҷинсиро фузунӣ мебахшад ва тақозои равобити ҷинсиро ба сурати як аташи руҳӣ ва як хости ишбоънашуданӣ дармеоварад. Ғаризаи ҷинсӣ ғаризае нерӯманд, амиқ ва “дарёсифат” аст, ҳар чи бештар итоъат шавад, саркаштар мегардад, ҳамчун оташ, ки ҳар чи ба он бештар хӯрок бидиҳанд, шӯълавартар мешавад. Барои дарки ин матлаб ба ду чиз бояд таваҷҷӯҳ дошт:

1. Таърих ҳамон тавре, ки аз озмандони сарват ёд мекунад, ки бо ҳирсу ози ҳайратовар дар пайи гирд овардани пулу сарват будаанд ва ҳар чи бештар ҷамъ мекардаанд, ҳаристар мешудаанд, ҳамчунин аз озмандоне дар заминаи масоили ҷинсӣ ёд мекунад.

Инҳо низ ба ҳеч ваҷҳ аз назари ҳисси тасарруф ва тамаллуки зеборӯён дар як ҳадде мутаваққиф нашудаанд.
Соҳибони ҳарамсароҳо ва дар воқеъ ҳамаи касоне, ки қудрати истифода доштаанд, чунин будаанд.
Кристенсен, нависандаи китоби “Эрон дар замони Сосониён” дар фасли нӯҳуми китоби хеш менависад:
“*Дар нақши шикори тоқи бӯстон фақат чанд тан аз се ҳазор зане, ки Хусрав (-и Парвиз) дар ҳарам дошт мебинем. Ин шаҳриёр ҳеч гоҳ аз ин майл сер намешуд. Дӯшизагон ва бевагон ва занони соҳиби авлодро дар ҳар ҷо нишон медоданд, ба ҳарами худ меовард. Ҳар замон, ки майли таҷдиди ҳарам мекард, номае чанд ба фармонравоёни атроф мефиристод ва дар он васфи зани комилаёрро дарҷ мекард. Пас уммол ӯ ҳар ҷо занеро бо васфи нома муносиб медиданд, ба хидмат мебурданд*.“
Аз ин гуна ҷараёнҳо дар таърихи қадим бисёр метавон ёфт. Дар ҷадид ин ҷараёнҳо ба шакли ҳарамсаро нест, ба шакли дигар аст, бо ин тафовут, ки дар ҷадид лузуме надорад касе ба андозаи Хусрави Парвиз ва Ҳорунуррашид имконот дошта бошад. Дар ҷадид ба баракати таҷаддуди фарангӣ, барои марде, ки як садҳазоруми Парвиз ва Ҳорун имконот дошта бошад, муяссар аст, ки ба андозаи онҳо аз ҷинси зан баҳракашӣ кунад.
2. Ҳеч фикр кардаед, ки ҳисси “тағаззул” дар башар чӣ ҳиссе аст? Қисмате аз адабиёти ҷаҳон ишқ ва ғазал аст. Дар ин бахш аз адабиёт, мард, маҳбуб ва маъшуқи худро ситоиш мекунад, ба пешгоҳи ӯ ниёз мебарад, ӯро бузург ва худро кучак ҷилва медиҳад, худро ниёзманди кучактарин инояти ӯ медонад, муддаӣ мешавад, ки маҳбуб ва маъшуқ “сад мулки ҷон ба нимназар метавонад бихарад, пас чаро дар ин муомила тақсир мекунад”, аз фироқи ӯ дардмандона менолад.
Ин чист? Чаро башар дар мавриди соири ниёзҳои худ чунин намекунад? Оё то кунун дидаед, ки як одами пулпараст барои пул, як одами ҷоҳпараст барои ҷоҳу мақом ғазалсароӣ кунад?! Оё то кунун касе барои нон ғазалсароӣ кардааст? Чаро ҳар касе аз шеъру ғазали дигаре хушаш меояд? Чаро ҳама аз Девони Ҳофиз ин қадр лаззат мебаранд? Оё ҷуз ин аст, ки ҳама кас онро бо забони як ғаризаи амиқ, ки саропои вуҷудашро гирифтааст мунтабиқ мебинад? Чӣ қадр иштибоҳ мекунанд касоне, ки мегӯянд, ягона омили асосии фаъолиятҳои башар омили иқтисод аст!
Башар барои ишқҳои ҷинсии худ мусиқии хоссе дорад, ҳамчунон ки барои маънавиёт низ мусиқии хосс дорад, дар сурате, ки барои ҳоҷатҳои сирфан моддӣ аз қабили обу нон мусиқӣ надорад.

Ман намехоҳам иддао кунам, ки тамоми ишқҳо ҷинсӣ аст ва ҳам ҳаргиз намегӯям, ки Ҳофиз ва Саъдӣ ва соири ғазалсароён сирфан аз забони ғаризаи ҷинсӣ сухан гуфтаанд. Ин мабҳас, мабҳаси дигаре аст, ки ҷудогона бояд баҳс шавад.

Вале қадри мусаллам ин аст, ки бисёре аз ишқҳо ва ғазалҳо ишқ ва ғазалҳое аст, ки мард барои зан доштааст. Ҳамин қадр кофӣ аст, ки бидонем таваҷҷӯҳи мард ба зан аз навъи таваҷҷӯҳ ба нону об нест, ки бо сер шудани шикам иқноъ шавад, балки ё ба сурати ҳирсу оз ва танаввӯъпарастӣ дармеояд ва ё ба сурати ишқу ғазал. Мо баъдан дар ин бора баҳс хоҳем кард, ки дар чӣ шароите ҳолати ҳирсу ози ҷинсӣ тақвият мешавад ва дар чӣ шароите шакли ишқу ғазал пайдо мекунад ва ранги маънавӣ ба худ мегирад.

Ба ҳар ҳол ислом ба қудрати шигарфи ин ғаризаи оташин таваҷҷӯҳи комил кардааст.

Ривоятҳои зиёде дар бораи хатарнок будани “нигоҳ”, хатарнок будани хилват бо зан ва билохира хатарнок будани ғаризае, ки марду занро ба якдигар пайванд медиҳад ворид шудааст.

Ислом тадобире барои таъдил ва ром кардани ин ғариза андешидааст ва дар ин замина, ҳам барои занон ва ҳам барои мардон таклиф муайян кардааст. Як вазифаи муштарак, ки барои зану мард ҳар ду муқаррар фармуда, марбут ба нигоҳ кардан аст:

قُلْ لِلْمُؤْمِنِينَ يَغُضُّوا مِنْ أَبْصارِهِمْ وَيَحْفَظُوا فُرُوجَهُمْ

وَقُلْ لِلْمُؤْمِناتِ يَغْضُضْنَ مِنْ أَبْصارِهِنَّ وَيَحْفَظْنَ فُرُوجَهُنَّ

Хулосаи ин дастур ин аст, ки зану мард набояд ба якдигар хира шаванд, набояд чашмчаронӣ кунанд, набояд нигоҳҳои мамлув аз шаҳват ба якдигар бидӯзанд, набояд ба қасди лаззат бурдан ба якдигар нигоҳ кунанд. Як вазифа ҳам хосси занон муқаррар фармудааст. Ва он ин аст, ки: бадани худро аз мардони бегона пӯшида доранд ва дар иҷтимоъ ба ҷилвагарӣ ва дилрубоӣ напардозанд, ба ҳеч ваҷҳ ва ҳеч сурат ва бо ҳеч шаклу ранг ва баҳонае коре накунанд, ки мӯҷиботи таҳрики мардони бегонаро фароҳам кунанд.

Руҳи башар фавқулъода таҳрикпазир аст. Иштибоҳ аст, ки гумон кунем таҳрикпазирии руҳи башар маҳдуд ба ҳадди хоссе аст ва аз он пас ором мегирад.

Ҳамон тавр, ки башар — аъамм аз марду зан — дар ноҳияи сарват ва мақом аз тасоҳуби сарват ва аз тамаллуки ҷоҳу мақом сер намешавад ва ишбоъ намегардад, дар ноҳияи ҷинсӣ низ чунин аст.

Ҳеч марде аз тасоҳуби зеборӯён ва ҳеч зане аз мутаваҷҷеҳ кардани мардон ва тасоҳуби қалби онон ва билохира ҳеч диле аз ҳавас сер намешавад.

Ва аз тарафе тақозои номаҳдуд хоҳ нохоҳ анҷом ношуданӣ аст ва ҳамеша мақрун аст ба навъе эҳсоси маҳрумият. Даст наёфтан ба орзуҳо ба навбаи худ мунҷар ба ихтилолоти руҳӣ ва бемориҳои равонӣ мегардад.

Чаро дар дунёи ғарб ин ҳама бемории равонӣ зиёд шудааст? Иллаташ озодии ахлоқи ҷинсӣ ва таҳрикоти фаровони сексӣ аст, ки ба василаи ҷароид ва маҷаллот ва синамоҳо ва театрҳо ва маҳофил ва маҷолиси расмӣ ва ғайрирасмӣ ва ҳатто хиёбонҳо ва кӯчаҳо анҷом мешавад.

Аммо иллати ин ки дар ислом дастури пӯшиш ихтисос ба занон ёфтааст ин аст, ки майл ба худнамоӣ ва худороӣ махсуси занон аст. Аз назари тасоҳуби қалбҳо ва дилҳо, мард шикор аст ва зан шикорчӣ, ҳамчунон ки аз назари тасоҳуби ҷисму тан, зан шикор аст ва мард шикорчӣ. Майли зан ба худороӣ аз ин навъ ҳисси шикорчигарии ӯ ношӣ мешавад. Дар ҳеч ҷойи дунё собиқа надорад, ки мардон либосҳои badаннамо ва ороишҳои таҳриккунанда ба кор баранд. Ин зан аст, ки ба ҳукми табиати хосси худ мехоҳад дилбарӣ кунад ва мардро дилбохта ва дар доми алоқаи ба худ асир созад. Аз ин рӯ инҳирофи табарруҷ ва бараҳнагӣ аз инҳирофҳои махсуси занон аст ва дастури пӯшиши ҳам барои онон муқаррар гардидааст.

Мо дар бораи туғёнпазирии ғаризаи ҷинсӣ ва ин ки бар хилофи иддаъои афроде монанди Рассел ғаризаи ҷинсӣ бо озод гузоштани комил ва хусусан бо фароҳам кардани васоили таҳрик ҳаргиз сер намешавад ва ишбоъ намегардад ва ҳамчунин дар бораи инҳирофи “чашмчаронӣ” дар мардон ва инҳирофи “табарруҷ” дар занон, боз ҳам баҳс хоҳем кард.

## 2. Истеҳкоми пайванди хонаводагӣ:

Шак нест, ки ҳар чизе, ки мӯҷиби таҳкими пайванди хонаводагӣ ва сабаби самимияти робитаи завҷайн гардад, барои конуни хонавода муфид аст ва дар эҷоди он бояд ҳадди аксари кӯшиш мабзул шавад ва билъакс ҳар чизе, ки боиси сустии равобити завҷайн ва дилсардии онон гардад, ба ҳоли зиндагии хонаводагӣ зиёнманд аст ва бояд бо он мубориза кард.

Ихтисос ёфтани истимтоъот (комҷӯиҳо) ва илтизозҳои ҷинсӣ ба муҳити хонаводагӣ ва дар кодри издивоҷи машрӯъ, пайванди зану шавҳариро муҳкам месозад ва мӯҷиби иттисоли бештари завҷайн ба якдигар мешавад.

Фалсафаи пӯшиш ва манъи комёбии ҷинсӣ аз ғайри ҳамсари машрӯъ, аз назари иҷтимоъи хонаводагӣ ин аст, ки ҳамсари қонунии шахс аз лиҳози равонӣ омили хушбахт кардани ӯ ба шумор биравад; дар ҳоле, ки дар системаи озодии комёбӣ, ҳамсари қонунӣ

аз лиҳози равонӣ як нафари рақиб ва музоҳим ва зиндонбон ба шумор меравад ва дар натиҷа конуни хонаводагӣ бар асоси душманӣ ва нафрат поягузорӣ мешавад.

Иллати ин ки ҷавонони имрӯз аз издивоҷ гурезонанд ва ҳар вақт ба онон пешниҳод мешавад, ҷавоб медиҳанд, ки ҳоло зуд аст, мо ҳанӯз баччаем ва ё ба ановини дигар аз зери бори он шона холӣ мекунанд, ҳамин аст; ва ҳол он ки дар қадим яке аз ширинтарини орзуҳои ҷавонон издивоҷ буд. Ҷавонон пеш аз он ки ба баракати дунёи Урупо колои зан ин ҳама арзон ва фаровон гардад, "шаби зифофро кам аз тахти подшоҳӣ" намедонистанд. Издивоҷ дар қадим пас аз як даврони интизор ва орзумандӣ анҷом мегирифт ва ба ҳамин далел завҷайн якдигарро омили некбахтӣ ва саодати худ медонистанд, вале имрӯз комҷӯиҳои ҷинсӣ дар ғайри кодри издивоҷ ба ҳадди аъло фароҳам аст ва далеле барои он иштиёқҳо вуҷуд надорад.

Муошаратҳои озод ва бебанду бори писарон ва духтарон издивоҷро ба сурати як вазифа ва таклиф ва маҳдудият даровардааст, ки бояд онро бо тавсияҳои ахлоқӣ ва ё аҳёнан — чунонки бархе аз ҷароид пешниҳод мекунанд — бо эъмоли зӯр бар ҷавонон таҳмил кард. Тафовути он ҷомеа, ки равобити ҷинсиро маҳдуд мекунад ба муҳити хонаводагӣ ва кодри издивоҷи қонунӣ, бо иҷтимое, ки равобити озод дар он иҷоза дода мешавад ин аст, ки издивоҷ дар иҷтимоъи аввал поёни интизор ва маҳрумият ва дар иҷтимоъ дуввум оғози маҳрумият ва маҳдудият аст. Дар системаи равобити озоди ҷинсӣ паймони издивоҷ ба даврони озодии духтару писар хотима медиҳад ва онҳоро мулзам месозад, ки ба якдигар вафодор бошанд ва дар системаи исломӣ ба маҳрумият ва интизори онон поён мебахшад.

Системаи равобити озод аввалан мӯҷиб мешавад, ки писарон то ҷойе, ки мумкин аст, аз издивоҷ ва ташкили хонавода сар боз зананд ва фақат ҳангоме, ки нерӯҳои ҷавонӣ ва шӯру нишоти онҳо рӯ ба заъф ва сустӣ мениҳад иқдом ба издивоҷ кунанд ва дар ин мавқеъ занро фақат барои фарзанд зодан ва аҳёнан барои хидматкорӣ ва кулуфтӣ бихоҳанд ва сонияи пайванди издивоҷҳои мавҷудро суст мекунад ва сабаб мегардад ба ҷойи ин ки хонавода бар пояи як ишқи холис ва муҳаббати амиқ устувор бошад ва ҳар як аз зану шавҳар ҳамсари худро омили саодати худ бидонад, баръакс ба чашми рақиб ва омили салби озодӣ ва маҳдудият бибинад ва чунонки истилоҳ шудааст, якдигарро "зиндонбон" биноманд.

Вақте писар ё духтаре мехоҳад бигӯяд, издивоҷ кардаам, мегӯяд, барои худам зиндонбон гирифтаам. Ин таъбир барои чист? Барои ин ки қабл аз издивоҷ озод буд ҳар куҷо бихоҳад биравад, бо ҳар кас бихоҳад барқасд, било садд, ҳеч кас набуд, ки бигӯяд, болои чашмат абрӯст. Вале пас аз издивоҷ ин озодиҳо маҳдуд шудааст, агар як шаб дер ба хона

биёяд, мавриди муохазаи ҳамсараш қарор мегирад, ки куҷо будӣ? Ва агар дар маҳфиле бо илтиҳоб бо духтаре барқасд ҳамсараш ба ӯ эътироз мекунад. Возеҳ аст, ки равобити хонавода дар чунин системе, то чӣ андоза сард ва суст ва ғайриқобили итминон аст.

Баъзеҳо монанди Бертран Рассел пиндоштаанд, ки ҷилавгирӣ аз муошаратҳои озод сирфан ба хотири итминони мард нисбат ба насл аст; барои ҳалли ишкол, истифода аз васоили зидди обистаниро пешниҳод кардаанд; дар сурате, ки масъала, танҳо покии насл нест; масъалаи муҳимми дигар, эҷоди поктарин ва самимитарин авотиф байн завҷайн ва барқарор сохтани ягонагӣ ва иттиҳоди комил дар конуни хонавода аст. Таъмини ин ҳадаф вақте мумкин аст, ки завҷайн аз ҳар гуна истимтоъ аз ғайри ҳамсар ё ҳамсарони қонунӣ чашм бипӯшанд, мард чашм ба зани дигар надошта бошад ва зан низ дар садади таҳрик ва ҷалби таваҷҷӯҳи касе ҷуз шавҳари худ набошад ва асли мамнӯъияти ҳар навъ комёбии ҷинсӣ дар ғайри кодри хонавода ҳатто қабл аз издивоҷ ҳам, риоят гардад.

Ба илова, зане, ки то инҷо пеш рафтааст, ки ба пайравӣ аз амсоли Рассел ва тақлид аз соҳибони мактаби "ахлоқи навини ҷинсӣ" бо доштани ҳамсари қонунӣ ишқи худро дар ҷойи дигар ҷустуҷӯ мекунад ва бо марди мавриди ишқу алоқаи худ ҳамбистар мешавад, чӣ итминоне ҳаст, ки ба хотири ҳамсари қонунӣ, ки чандон мавриди алоқааш нест васоили зидди обистанӣ ба кор барад ва аз марди мавриди ишқу алоқаи худ обистан нашавад ва фарзандро ба риши ҳамсари қонунӣ набандад? Қатъан чунин зане моил аст, ки фарзанде, ки ба дунё меоварад, аз марди мавриди алоқааш бошад, на аз марде, ки фақат ба ҳукми қонун ҳамсари ӯст ва илзоман ба ҳукми қонун набояд аз ғайри ӯ обистан шавад. Ҳамчунон мард низ табъан алоқаманд аст, ки аз зани мавриди ишқу алоқааш фарзанд дошта бошад, на аз зане, ки бо зӯри қонун ба ӯ пайванд кардаанд. Дунёи Урупо амалан нишон додааст, ки бо вуҷуди васоили зидди оибстанӣ омори фарзандони ғайримашрӯъ ваҳшатовар аст.

## 3. Устувории иҷтимоъ:

Кашонидани таматтӯъоти ҷинсӣ аз муҳити хона ба иҷтимоъ, нерӯи кор ва фаъолияти иҷтимоъро заъиф мекунад. Баръакси он чи ки мухолифони ҳиҷоб хӯрдагирӣ кардаанд ва гуфтаанд: "*Ҳиҷоб мӯҷиби фалаҷ кардани нерӯи ниме аз афроди иҷтимоъ аст*", беҳиҷобӣ ва тарвиҷи равобити озоди ҷинсӣ мӯҷиби фалаҷ кардани нерӯи иҷтимоъ аст.

Он чи мӯҷиби фалаҷ кардани нерӯи зан ва ҳабси истеъдодҳои ӯст, ҳиҷоб ба сурати зиндонӣ кардани зан ва маҳрум сохтани ӯ аз фаъолиятҳои фарҳангӣ ва иҷтимоӣ ва иқтисодӣ аст ва дар ислом чунин чизе вуҷуд надорад. Ислом на мегӯяд, ки зан аз хона

берун наравад ва на мегӯяд, ҳаққи таҳсили илму дониш надорад — балки илму донишро фаризаи муштараки зану мард донистааст — ва на фаъолияти иқтисодии хоссеро барои зан таҳрим мекунад. Ислом ҳаргиз намехоҳад зан бе кор биншинад ва вуҷуди отилу ботил бор ояд. Пӯшонидани бадан ба истисноИ ваҷҳ ва каффайн монеъи ҳеч гуна фаъолияти фарҳангӣ ё иҷтимоӣ ё иқтисодӣ нест.

Он чи мӯҷиби фалаҷ кардани нерӯи иҷтимоъ аст, олуда кардани муҳити кор ба лаззатҷӯиҳои шаҳавонӣ аст.

Оё агар писару духтаре дар муҳити ҷудогонае таҳсил кунанд ва фаразан дар як муҳит дарс мехонанд, духтарон бадани худро бипӯшонанд ва ҳеч гуна ороише надошта бошанд беҳтар дарс мехонанд ва фикр мекунанд ва ба сухани устод гӯш мекунанд ё вақте, ки канори ҳар писаре як духтари ороишкарда бо домани кӯтоҳ то як ваҷаб болои зону нишаста бошад? Оё агар марде дар хиёбон ва бозор ва идора ва корхона ва ғайра бо қиёфаҳои муҳаррик ва муҳайиҷи занони ороишкарда доиман мувоҷеҳ бошад беҳтар саргарми кору фаъолият мешавад ё дар муҳите, ки бо чунин манозире рӯ ба рӯ нашавад? Агар бовар надоред, аз касоне, ки дар ин муҳитҳо кор мекунанд, бипурсед. Ҳар муассиса ё ширкат ё идорае, ки сахт моил аст корҳо ба хубӣ ҷараён ёбад, аз ин навъ омезишҳо ҷилавгирӣ мекунад. Агар бовар надоред, таҳқиқ кунед.

Ҳақиқат ин аст, ки ин вазъи беҳичобии расво, ки дар миёни мост ва аз Урупо ва Омрико ҳам дорем ҷилав меафтем, аз мухтассоти ҷомеаҳои палиди сармоядории ғарбӣ аст ва яке аз натоиҷи зишти пулпарастиҳо ва шаҳватрониҳои сармоядорони ғарб аст, балки яке аз туруқ ва васоиле аст, ки онҳо барои тахдир ва бе ҳисс кардани иҷтимоъоти инсонӣ ва даровардани онҳо ба сурати масрафкунандаи иҷбории колоҳои худашон ба кор мебаранд.

“Иттилоот” 47/9/5 гузорише аз идораи кулли назорат бар маводди хӯрданӣ, ошомиданӣ, ороишӣ нақл кардааст. Дар бораи лавозими ороиш чунин менависад:

“*Танҳо дар зарфи як сол 210 ҳазор кило маводд ва лавозими ороиш аз қабили мотик, сурхоб, крем, пудр, сояи чашм барои масрафи хонумҳо ворид шудааст. Аз ин миқдор 181 ҳазор килограмми он анвоъи крем будааст. Дар ин муддат ба 1650 қуттӣ ва 2500 дуҷин пудри сурат ва 4604 адад рӯжи лаб, 2280 адад собуни лоғарӣ, 2280 сӯзандоруи ороишӣ иҷозаи вуруд дода шудааст. Албатта бояд 3100 адад сояи чашм ва 2400 хатти чашмро низ ба он изофа кард.*“

Оре, бояд зани эронӣ ба баҳонаи “таҷаддуд” ва “тақаддум” ва “муқтазаёти замон” ҳар рӯз ва ҳар соат бо васоиле, ки дар дунёи сармоядорӣ таҳия мешавад, худро дар маърази намоиш бигузорад, то битавонад чунин масрафкунандаи лоиқе барои корхонаҳои

урупоӣ бошад. Агар зани эронӣ бихоҳад худро фақат барои ҳамсари қонунӣ ва ё барои ҳузур дар маҷолиси ихтисосии занон биорояд, на масрафкунандаи лоиқе барои сармоядорони ғарбӣ хоҳад буд ва на вазифа ва маъмурияти дигарашро, ки иборат аст аз инҳитоти ахлоқи ҷавонон ва заъфи иродаи онон ва эҷоди рукуд дар фаъолияти иҷтимоӣ, ба нафъи истеъмори ғарб анҷом хоҳад дод.

Дар ҷомеаҳои ғайри сармоядорӣ бо ҳамаи эҳсосоти зидди мазҳабӣ, ки дар онҷо вуҷуд дорад, камтар шунида мешавад, ки чунин расвоиҳо ба номи озодии зан вуҷуд дошта бошад.

## 4. Арзиш ва эҳтироми зан:

Қаблан гуфтем, ки мард ба таври қатъ аз назари ҷисмонӣ бар зан тафаввуқ дорад. Аз назари мағз ва фикр низ тафаввуқи мард лоақал қобили баҳс аст. Зан дар ин ду ҷабҳа дар баробари мард қудрати муқовамат надорад, вале зан аз тариқи отифӣ ва қалбӣ ҳамеша тафаввуқи худро бар мард собит кардааст.

Ҳарим нигаҳ доштани зан миёни худ ва мард яке аз васоили мармузе будааст, ки зан барои ҳифзи мақом ва мавқеъи худ дар баробари мард аз он истифода кардааст.

Ислом занро ташвиқ кардааст, ки аз ин васила истифода кунад. Ислом махсусан таъкид кардааст, ки зан ҳар андоза матинтар ва бовиқортар ва афифтар ҳаракат кунад ва худро дар маърази намоиш барои мард нагузорад, бар эҳтиромаш афзуда мешавад.

Баъдан дар тафсири оятҳои сураи Аҳзоб хоҳем дид, ки Қуръони Карим пас аз он ки тавсия мекунад занони худро бипӯшонанд, мефармояд:

ذَٰلِكَ أَدْنَىٰ أَنْ يُعْرَفْنَ فَلَا يُؤْذَيْنَ

Яъне ин кор барои ин ки ба ифоф шинохта шаванд ва маълум шавад худро дар ихтиёри мардон қарор намедиҳанд беҳтар аст ва дар натиҷа ҳишмати онҳо монеъи музоҳимати афроди сабуксар мегардад.

## Бахши чаҳорум: Эродҳо ва ишколҳо: Ҳиҷоб ва мантиқ

** Кор бемантиқ*

** Салби ҳаққи озодӣ*

** Рукуди фаъолият*

** Афзоиши илтиҳобҳо*

Аввалин эроде, ки бар пӯшидагии зан мегиранд ин аст, ки далели маъқуле надорад ва чизе, ки мантиқӣ нест, набояд аз он дифоъ кард. Мегӯянд: маншаъи ҳиҷоб ё ғоратгарӣ ва ноамнӣ будааст, ки имрӯз вуҷуд надорад ва ё фикри руҳбоният ва тарки лаззат будааст, ки фикри ботил ва нодурусте аст ва ё худхоҳӣ ва султаҷӯии мард буда, ки разилае аст ноҳинҷор ва бояд бо он мубориза кард ва ё эътиқод ба палидии зан дар айёми ҳайз будааст, ки ин ҳам хурофае беш нест.

Посухи ин эрод аз баҳсе, ки дар бахши гузашта кардем равшан шуд. Аз мабоҳиси он бахш маълум гашт, ки ҳиҷоб — албатта ба мафҳуми исломии он — аз ҷанбаҳои мухталиф (равонӣ, хонаводагӣ, иҷтимоӣ ва ҳатто аз ҷанбаи боло рафтани арзиши зан) мантиқи маъқул дорад; ва чун дар он бахш ба тафсил баҳс кардем, дар ин бахш такрор намекунем.

## Ҳиҷоб ва асли озодӣ

Эроди дигаре, ки бар ҳиҷоб гирифтаанд ин аст, ки мӯҷиби салби ҳаққи озодӣ, ки як ҳаққи табиии башарӣ аст мегардад ва навъе тавҳин ба ҳайсияти инсонии зан ба шумор меравад. Мегӯянд: эҳтиром ба ҳайсият ва шарафи инсонӣ яке аз маводди Эъломияи ҳуқуқи башар аст.

Ҳар инсоне шариф ва озод аст, мард бошад ё зан, сафед бошад ё сиёҳ, тобеъи ҳар кишвар ё мазҳабе бошад. Маҷбур сохтани зан ба ин ки ҳиҷоб дошта бошад, беэътиноӣ ба ҳаққи озодии ӯ ва иҳонат ба ҳайсияти инсонии ӯст ва ба иборати дигар, зулми фоҳиш аст ба зан. Иззат ва кароматӣ инсонӣ ва ҳаққи озодии зан ва ҳамчунин ҳукми мутатобиқи ақлу шаръ ба ин ки ҳеч кас бидуни мӯҷиб набояд асир ва зиндонӣ гардад ва зулм ба ҳеч шакл ва ба ҳеч сурат ва ба ҳеч баҳона набояд воқеъ шавад, эҷоб мекунад, ки ин амр аз миён биравад.

Посух: як бори дигар лозим аст тазаккур диҳем, ки фарқ аст байни зиндонӣ кардани зан дар хона ва байни мувазза́ф донистани ӯ ба ин ки вақте мехоҳад бо марди бегона мувоҷеҳ шавад, пӯшида бошад. Дар ислом маҳбус сохтан ва асир кардани зан вуҷуд надорад. Ҳиҷоб дар ислом як вазифае аст бар ӯҳдаи зан ниҳода шуда, ки дар муошарат ва бархӯрд

бо мард бояд кайфияти хоссеро дар либос пӯшидан муроъот кунад. Ин вазифа на аз ноҳияи мард бар ӯ таҳмил шудааст ва на чизе аст, ки бо ҳайсият ва каромати ӯ мунофот дошта бошад ва ё таҷовуз ба ҳуқуқи табиии ӯ, ки Худованд барояш халқ кардааст маҳсуб шавад.

Агар риояти порае масолеҳи иҷтимоӣ, зан ё мардро муқайяд созад, ки дар муошарат равиши хоссеро иттихоз кунанд ва тавре роҳ биравад, ки оромиши дигаронро бар ҳам назананд ва таъодули ахлоқиро аз байн набаранд, чунин матлаберо “зиндонӣ кардан” ё “бардагӣ” нометавон номид ва онро мунофии ҳайсияти инсонӣ ва асли “озодӣ”-и фард наметавон донист.

Дар кишварҳои мутамаддини ҷаҳон дар ҳоли ҳозир чунин маҳдудиятҳое барои мард вуҷуд дорад. Агар марде бараҳна ё дар либоси хоб аз хона хориҷ шавад ва ё ҳатто бо пижама берун ояд, пулис мумонаъат карда, ба унвони ин ки ин амал бар хилофи ҳайсияти иҷтимоъ аст, ӯро ҷалб мекунад. Ҳангоме, ки масолеҳи ахлоқӣ ва иҷтимоӣ, афроди иҷтимоъро мулзам кунад, ки дар муошарат услуби хоссеро риоят кунанд, масалан бо либоси комил берун биёянд, чунин чизе на бардагӣ ном дорад ва на зиндон ва на зидди озодӣ ва ҳайсияти инсонӣ аст ва на зулм ва зидди ҳукми ақл ба шумор меравад.

Баръакс, пӯшида будани зан — дар ҳамон ҳудуде, ки ислом таъйин кардааст — мӯҷиби каромат ва эҳтироми бештари ӯст, зеро ӯро аз таъаррузи афроди фоқиди ахлоқ масун медорад.

Шарофати зан иқтизо мекунад, ки ҳангоме, ки аз хона берун меравад, матин ва сангин ва бовиқор бошад, дар тарзи рафтор ва либос пӯшиданаш ҳеч гуна амде, ки боиси таҳрик ва таҳйиҷ шавад ба кор набард, амалан мардро ба сӯйи худ даъват накунад, забондор либос напӯшад, забондор роҳ наравад, забондор ва маънидор ба сухани худ оҳанг надиҳад, чӣ он ки гоҳе авқот жестҳо сухан мегӯянд, роҳ рафтани инсон сухан мегӯяд, тарз ҳарф заданаш як ҳарфи дигаре мезанад.

Аввал аз типи худам, ки руҳонӣ ҳастам мисол мезанам: агар як руҳонӣ барои худаш қиёфа ва ҳайкале бар хилофи он чи одат ва маъмул аст бисозад, аммомаро бузург ва ришро дароз кунад, асо ва ридои боҳайманаву шукӯҳи хосс ба дасту дӯш бигирад, ин жесту қиёфа худаш ҳарф мезанад, мегӯяд, барои ман эҳтиром қоил шавед, роҳ бароям боз кунед, муаддаб биистед, дасти маро бибӯсед.

Ҳамчунин аст ҳолати як афсар бо нишонаҳои олии афсарӣ, ки гардан меафрозад, қадамҳоро муҳкам ба замин мекӯбад, садои худро мавқеъи ҳарф задан кулуфт мекунад.

Ӯ ҳам забондор амал мекунад, ба забони безабонӣ мегӯяд: аз ман битарсед, руъби манро дар дилҳои худ ҷо диҳед.

Ҳамин тавр мумкин аст зан як тарзе либос бипӯшад ё роҳ биравад, ки атвору афъолаш ҳарф бизанад, фарёд бизанад, ки ба дунболи ман биё, сар ба сари ман бигузор, маталак бигӯ, дар муқобили ман зону бизан, изҳори ишқ ва парастиш кун.

Оё ҳайсияти зан эҷоб мекунад, ки инчунин бошад? Оё агар содда ва ором биёяд ва биравад, ҳавосспарткун набошад ва нигоҳҳои шаҳватолуди мардонро ба сӯйи худ ҷалб накунад, бар хилофи ҳайсияти зан ё бар хилофи ҳайсияти мард ё бар хилофи масолеҳи иҷтимоъ ё бар хилофи асли озодии фард аст?

Оре, агар касе бигӯяд занро бояд дар хона ҳабс ва дарро ба рӯяш қуфл кард ва ба ҳеч ваҷҳ иҷозаи берун рафтан аз хона ба ӯ надод, албатта ин бо озодии табиӣ ва ҳайсияти инсонӣ ва ҳуқуқии худододии зан мунофот дорад. Чунин чизе дар ҳиҷобҳои ғайриисломӣ будааст, вале дар ислом набуда ва нест.

Шумо агар аз фуқаҳо бипурсед, оё сирфи берун рафтани зан аз хона ҳаром аст, ҷавоб медиҳанд, на. Агар бипурсед, оё харид кардани зан ҳарчанд ин ки фурӯшанда мард бошад ҳаром аст, яъне нафси амали байъу широи зан агар тараф мард бошад ҳаром аст, посух медиҳанд, ҳаром нест. Оё ширкат кардани зан дар маҷолис ва иҷтимоъот мамнӯъ аст? Боз ҳам ҷавоб манфӣ аст, чунонки дар масоҷид ва маҷолиси мазҳабӣ ва пойи минбарҳо ширкат мекунанд ва касе нагуфтааст, ки сирфи ширкат кардани зан дар ҷоҳое, ки мард ҳам вуҷуд дорад ҳаром аст. Оё таҳсили зан, фанну ҳунар омӯхтани зан ва билохира такмили истеъдодҳое, ки Худованд дар вуҷуди ӯ ниҳодааст ҳаром аст? Боз ҷавоб манфӣ аст.

Фақат ду масъала вуҷуд дорад: яке ин ки бояд пӯшида бошад ва берун рафтан ба сурати худнамоӣ ва таҳрикомез набошад.

Ва дигар ин ки маслиҳати хонаводагӣ эҷоб мекунад, ки хориҷ шудани зан аз хона тавъам бо ҷалби ризояти шавҳар ва маслиҳатандешии ӯ бошад. Албатта мард ҳам бояд дар ҳудуди масолеҳи хонаводагӣ назар бидиҳад, на бештар. Гоҳе мумкин аст рафтани зан ба хонаи ақвом ва фомили худаш ҳам маслиҳат набошад. Фарз кунем зан мехоҳад ба хонаи хоҳари худ биравад ва филмасал хоҳараш фарди муфсид ва фитнаангезе аст, ки занро алайҳи масолеҳи хонаводагӣ таҳрик мекунад. Таҷриба ҳам нишон медиҳад, ки ин гуна қазоё камназир нест. Гоҳе ҳаст, ки рафтани зан ҳатто ба хонаи модараш низ бар хилофи маслиҳати хонаводагӣ аст, ҳамин ки нафаси модар ба ӯ бирасад, то як ҳафта дар хона нороҳатӣ мекунад, баҳона мегирад, зиндагиро талх ва ғайриқобили таҳаммул месозад. Дар чунин мавориде шавҳар ҳақ дорад, ки аз ин муошаратҳои зиёнбахш — ки зиёнш на

танҳо мутаваҷҷеҳи мард аст, мутаваҷҷеҳи худи зану фарзандони эшон низ мебошад — ҷилавгирӣ кунад. Вале дар масоиле, ки марбут ба масолеҳи хонавода нест, дахолати мард маврид надорад.

## Рукуди фаъолиятҳо

Севвумин эроде, ки бар ҳиҷоб мегиранд ин аст, ки сабаби рукуд ва таътили фаъолиятҳое аст, ки хилқат дар истеъдоди зан қарор додааст.

Зан низ монанди мард дорои завқ, фикр, фаҳм, ҳуш ва истеъдоди кор аст. Ин истеъдодҳоро Худо ба ӯ додааст ва беҳуда нест ва бояд ба самар бирасад.

Асосан ҳар истеъдоди табиӣ далели як ҳаққи табиӣ аст. Вақте дар офариниш ба як мавҷуд истеъдод ва лиёқати коре дода шуд, ин ба манзилаи санад ва мадрак аст, ки вай ҳақ дорад истеъдоди худро ба феълият бирасонад, манъ кардани он зулм аст.

Чаро мегӯем, ҳамаи афроди башар аъамм аз зану мард ҳақ доранд дарс бихонанд ва ин ҳақро барои ҳайвонот қоил нестем? Барои ин ки истеъдоди дарс хондан дар башар вуҷуд дорад ва дар ҳайвонот вуҷуд надорад. Дар ҳайвон истеъдоди тағзия ва тавлиди мисл вуҷуд дорад ва маҳрум сохтани ӯ аз ин корҳо бар хилофи адолат аст.

Боздоштани зан аз кӯшишҳое, ки офариниш ба ӯ имкон додааст, на танҳо ситам ба зан аст, хиёнат ба иҷтимоъ низ мебошад. Ҳар чизе, ки сабаб шавад қувваҳои табиӣ ва Худододии инсон муъаттал ва беасар бимонад, ба зиёни иҷтимоъ аст. Омили инсонӣ бузургтарин сармояи иҷтимоъ аст. Зан низ инсон аст ва иҷтимоъ бояд аз кор ва фаъолияти ин омил ва нерӯи тавлиди ӯ баҳраманд гардад. Фалаҷ кардани ин омил ва тазйеъи нерӯи ниме аз афроди иҷтимоъ, ҳам бар хилофи ҳаққи табиии фардии зан аст ва ҳам бар хилофи ҳаққи иҷтимоъ ва сабаб мешавад, ки зан ҳамеша ба сурати сарбор ва калл бар мард зиндагӣ кунад.

Ҷавоби ин ишкол он аст, ки ҳиҷоби исломӣ, ки ҳудуди онро ба зудӣ баён хоҳем кард, мӯҷиби ҳадар рафтани нерӯи зан ва зойеъ сохтани истеъдодҳои фитрии ӯ нест. Эроди мазкур бар он шакле аз ҳиҷоб, ки дар миёни ҳиндиҳо ё эрониёни қадим ё яҳудиён мутадовил будааст ворид аст. Вале ҳиҷоби ислом намегӯяд, ки бояд занро дар хона маҳбус кард ва ҷилави бурузи истеъдодҳои ӯро гирифт. Мабнои ҳиҷоб дар ислом чунонки гуфтем ин аст, ки илтизозоти ҷинсӣ бояд ба муҳити хонаводагӣ ва ба ҳамсари машрӯъ ихтисос ёбад ва муҳити иҷтимоъ, холис барои кору фаъолият бошад. Ба ҳамин ҷиҳат, ба зан иҷоза намедиҳад, ки вақте аз хона берун меравад, мӯҷиботи таҳрики мардонро фароҳам кунад ва ба мард ҳам иҷоза намедиҳад, ки чашмчаронӣ кунад. Чунин

ҳиҷобе на танҳо нерӯи кори занро фалаҷ намекунад, мӯҷиби тақвияти нерӯи кори иҷтимоъ низ мебошад.

Агар мард таматтӯъоти ҷинсиро мунҳасир ба ҳамсари қонунии худ кунад ва тасмим бигирад ҳамин ки аз канори ҳамсари худ берун омад ва по ба дарун иҷтимоъ гузошт, дигар дар бораи ин масоил наандешад, қатъан дар ин сурат беҳтар метавонад фаъол бошад, то ин ки ҳамаи фикраш мутаваҷҷеҳи ин зан ва он духтар ва ин қаду боло ва ин таннозӣ ва он ишвагарӣ бошад ва доиман нақша тарҳ кунад, ки чӣ гуна бо фалон хонум ошно шавад.

Оё агар зан, содда ва сангин ба дунболи кори худ биравад, барои иҷтимоъ беҳтар аст ё он ки барои як берун рафтан чанд соат пойи ойина ва миз вақти худро талаф кунад ва замоне ҳам, ки берун рафт, тамоми саъяш ин бошад, ки афкори мардонро мутаваҷҷеҳи худ созад ва ҷавононро, ки бояд мазҳари ирода ва фаъолият ва тасмими иҷтимоъ бошанд, ба мавҷудоте ҳавасбоз ва чашмчарон ва беирода табдил кунад?

Аҷабо! Ба баҳонаи ин ки ҳиҷоб, ниме аз афроди иҷтимоъро фалаҷ кардааст, бо беҳиҷобӣ ва бебанду борӣ нерӯи тамоми афроди зану мардро фалаҷ кардаанд. Кори зан пардохтан ба худоройӣ ва сарфи вақт дар пойи мизи ороиш барои берун рафтан ва кори мард чашмчаронӣ ва шикорчигарӣ шудааст.

Дар инҷо бад нест матни шикояти мардеро аз занаш, ки дар яке аз маҷаллоти занона дарҷ шуда буд зикр кунам, то маълум шавад авзоъи ҳозир, занонро ба сурати чӣ мавҷудоте даровардааст.

Дар он нома чунин навиштааст:

“*Занам дар мавқеъи хоб ба як далқаки дурусту ҳисобӣ мубаддал мегардад. Мавқеъи хоб барои ин ки мӯҳояш хароб нашавад, як кулоҳи тӯрии бузург ба сараш мебандад. Баъд либоси хоб мепӯшад. Дар ин мавқеъ аст, ки ҷилави ойинаи ороиш менишинад ва грими сураташро бо ширпоккун мешӯяд. Вақте рӯяшро бармегардонад, эҳсос мекунам ӯ зани ман нест, зеро аслан шакли собиқро надорад. Абрӯҳояшро тарошида ва чун мидод абрӯро пок карда, бе абрӯ мешавад. Аз сураташ бӯйи номатбӯъе ба машоми ман мерасад, зеро креме, ки барои чину чурук ба сураташ мемолад, бӯйи кофур медиҳад ва маро ба ёди қабристон меандозад. Кош кор ба ҳамин ҷо хатм мешуд, вале ин тоза муқаддимаи кор аст. Чанд дақиқае дар утоқ роҳ меравад ва ҷамъу ҷур мекунад, он гоҳ кулфати хонаро садо мекунад ва мегӯяд, кисаҳоро биёвар. Кулфат бо чаҳор киса боло меояд. Хонум рӯйи тахт мехобад ва кулфат кисаҳоро ба дасту пойи ӯ мекунад ва бехи онро бо нах мебандад. Чун нохунҳои дасту пояш моникур шуда ва дароз аст, барои ин*

*ки ба лиҳоф нагирад ва аҳёнан нашиканад, дасту пойи худро дар киса мекунад ва ба ҳамин тартиб мехобад.*“

Оре, ин аст зане, ки бар асари ба истилоҳ беҳичобӣ “озод” шуда, ба сурати нерӯи фаъоли иқтисодӣ ва ичтимоӣ ва фарҳангӣ даромадааст! Он ки ислом намехоҳад ин аст, ки зан ба сурати чунин мавчуди мӯҳмале дарояд, ки кораш фақат истеҳлоки сарват ва фосид кардани ахлоқи ичтимоъ ва хароб кардани бунёни хонавода бошад. Ислом бо фаъолияти воқеии ичтимоӣ ва иқтисодӣ ва фарҳангӣ ҳаргиз мухолиф нест. Мутуни ислом ва таърихи ислом гувоҳи ин матлаб аст.

Дар авзоъу аҳволи тачаддудмаобии бемантиқи ҳозир чуз дар деҳот ва дар миёни афроди сахт мутадайин, ки усули исломиро риоят мекунанд, зане пайдо намекунед, ки нерӯи ӯ воқеан сарфи фаъолиятҳои муфиди ичтимоӣ ё фарҳангӣ ё иқтисодӣ бишавад.

Оре, як навъ фаъолияти иқтисодӣ роич шудааст, ки бояд онро самараи беҳичобӣ донист ва он ин аст, ки соҳиби мағоза ба чойи ин ки бикӯшад чинси беҳтар ва марғубтар барои муштариён худ таҳия кунад, як маникенро ба унвони фурӯшанда меоварад, нерӯи занонагӣ ва сармояи исмат ва ифофи ӯро истихдом мекунад ва василаи пул даровардан ва холӣ кардани чайбҳо қарор медиҳад. Як фурӯшанда бояд колоро ҳамон тавре, ки ҳаст ба муштарӣ ироа диҳад, вале як духтари хушгили фурӯшанда бо адо ва атвор ва жестҳои занона ва дар маъраз қарор додани чозибаи чинсии худ, муштариро чалб мекунад. Бисёре аз афрод, ки аслан муштарӣ нестанд, барои ин ки чанд дақиқа бо ӯ ҳарф бизананд, як чизе ҳам мехаранд.

Оё ин фаъолияти ичтимоӣ аст? Оё ин тичорат аст ё кулоҳбардорӣ ва разолат?

Мегӯянд, занро туи кисаи сиёҳ напечед.

Мо намегӯем, зани худро дар кисаи сиёҳ бипечед, вале оё бояд тавре либос бипӯшад ва дар ичтимоъи умумӣ зоҳир шавад, ки барчастагии пистонҳояшро ҳам ба мардони шаҳватрон ва чашмчарон нишон бидиҳад ва аз он тавр, ки ҳаст беҳтар ва чозибтар барои онҳо чилва диҳад? Аз васоили маснуъӣ дар зери либос истифода кунад, то чоқӣ ва зебоии маснуъиро ҳам барои фирефтан ва дил рубудани мардони бегона ба мадад бигирад? Ин мӯдҳо ва либосҳои таҳрикомез барои чӣ ба вучуд омадааст? Оё барои ин аст, ки бонувон он либосҳоро барои ҳамсаронашон бипӯшанд?! Ин кафшҳои пошнабаланд барои чист? Чуз барои ин аст, ки ҳаракоти моҳичаҳоро ба дигарон нишон диҳад? Оё либосҳое, ки нозуккориҳо ва барчастагиҳои баданро нишон медиҳад, чуз барои таҳйичи мардон ва барои сайёдӣ аст? Амалан ғолиби хонумҳое, ки аз ин навъ кафшҳо ва либосҳо ва ороишҳо истифода мекунанд, танҳо мардеро, ки дар назар намегиранд, шавҳарони худашон аст.

Зан метавонад дар миёни занон ва дар миёни маҳорими худ аз ҳар навъ либос ва ороише истифода кунад, аммо мутаассифона тақлид аз занони ғарбӣ барои ҳадаф ва манзури дигаре аст.

Ғаризаи худороӣ ва шикорчигарӣ дар зан ғаризаи аҷибе аст. Вой агар мардон ҳам ба он доман бизананд ва мӯдсозон ва тарроҳон навоқиси кори ононро бартараф кунанд ва муслеҳини иҷтимоъ ҳам ташвиқ кунанд.

Агар духтарон дар иҷтимоъоти умумӣ либоси содда бипӯшанд, кафши содда ба по кунанд, бо чодар ё бо полту ва рӯсарии комил ба мадраса ва донишгоҳ бираванд, оё дар чунин шароите беҳтар дарс мехонанд ё бо вазъе, ки мушоҳида мекунем? Усулан агар илтизозҳои ҷинсӣ ва манзурҳои шаҳавонӣ дар кор нест, чӣ исроре аст, ки берун рафтани зан ба ин шакл бошад? Чаро исрор меварзанд, ки дабиристонҳои мухталит ба вуҷуд оваранд?

Ман шунидаам дар Покистон маъмул будааст — намедонам алъон ҳам маъмул ҳаст ё на — ки дар килосҳои донишгоҳ бахши писарон ва духтарон ба василаи пардае аз якдигар ҷудо бошад ва фақат устоде, ки пушти трибун қарор мегирад мушриф бар ҳар ду бошад. Оё бад-ин тариқ дарс хондан чӣ ишколе дорад?

## Афзоиши илтиҳобҳо

Як эроди дигар, ки бар ҳиҷоб гирифтаанд ин аст, ки эҷоди ҳарим миёни зану мард, бар иштиёқҳо ва илтиҳобҳо меафзояд ва тибқи асли:

الانسان حريص على ما منع منه

— ҳирсу валаъ нисбат ба аъмоли ҷинсиро дар зану мард бештар мекунад. Ба илова, саркӯб кардани ғароиз мӯҷиби анвоъи ихтилолҳои равонӣ ва бемориҳои руҳӣ мегардад. Дар равоншиносии ҷадид ва махсусан дар мактаби равонковии Фрейд, рӯйи маҳрумиятҳо ва нокомиҳо бисёр такя шудааст. Фрейд мегӯяд, нокомиҳо маълули қайду бандҳои иҷтимоӣ аст ва пешниҳод мекунад, ки то мумкин аст, бояд ғаризаро озод гузошт, то нокомӣ ва аворизи ношӣ аз он пеш наёяд.

Бертран Рассел дар сафҳаи 69 ва 70 (тарҷимаи форсӣ)-и китоби “Ҷаҳоне, ки ман мешиносам” мегӯяд:

“*Асари маъмулии таҳрим иборат аз таҳрики ҳисси кунҷковии умумӣ аст. Ва ин таъсир, ҳам дар мавриди адабиёти мустаҳҷан ва ҳам дар мавориди дигар мисдоқе пайдо мекунад… Акнун барои асари таҳрим мисоле мезанам: файласуфи юнонӣ Эмпедокл ҷавидани баргҳои шаҷараи ғор (барги бӯ = лавр благородный)-ро хеле шармовар ва зишт*

*мепиндошт. Ӯ ҳамеша ҷазаъу фазаъ мекард аз ин ки бояд даҳ ҳазор сол ба иллати ҷавидани барги дарахти ғор дар зулумоти хориҷӣ (дӯзах) ба сар бурд. Ҳеч вақт маро аз ҷавидани барги ғор наҳӣ накардаанд ва ман ҳам то кунун барги чунин дарахтеро наҷавидаам, вале ба Эмпедокл талқин шуда буд, ки набояд ин корро бикунад ва ӯ ҳам барги дарахт ғорро ҷавид.*“

Сипас дар ҷавоби ин суол, ки “оё шумо ақида доред интишори мавзӯъҳои мунофии иффат алоқаи мардумро ба онҳо зиёд намекунад?” ҷавоб медиҳад: “*Алоқаи мардум нисбат бад-онҳо нуқсон меёбад. Фарз кунед чопу интишори корти почтаии мунофии иффат муҷоз ва озод гардад. Агар чунин чизе бишавад, ин авроқ барои муддати як сол ё ду сол мавриди истиқбол воқеъ шуда сипас мардум аз он хаста мешаванд ва дигар касе ҳатто ба онҳо нигоҳ ҳам нахоҳад кард.*“

Посухи ин эрод ин аст, ки дуруст аст, ки нокомӣ, бахусус нокомии ҷинсӣ, авоhризи вахим ва ногуворе дорад ва мубориза бо иқтизои ғароиз дар ҳудуде, ки мавриди ниёзи табиат аст ғалат аст, вале бардоштани қайдҳои иҷтимоӣ мушкилро ҳал намекунад, балки бар он меафзояд.

Дар мавриди ғаризаи ҷинсӣ ва бархе ғароизи дигар бардоштани қайдҳо, ишқ ба мафҳуми воқеиро мемиронад, вале табиатро ҳарза ва бебанду бор мекунад. Дар ин маврид ҳар чи арза бештар гардад, ҳавасу майл ба танаввӯъ афзоиш меёбад.

Ин ки Рассел мегӯяд: “*Агар пахши аксҳои мунофии иффат муҷоз бишавад, пас аз муддате мардум хаста хоҳанд шуд ва нигоҳ нахоҳанд кард*”, дар бораи як акси бахусус ва як навъ беиффатии бахусус содиқ аст, вале дар мавриди мутлақи беиффатиҳо содиқ нест, яъне аз як навъи хосси беиффатӣ хастагӣ пайдо мешавад, вале на бад-ин маънӣ, ки тамоюл ба ифоф ҷонишини он шавад, балки бад-ин маънӣ, ки оташ ва аташи руҳӣ забона мекашад ва навъе дигарро тақозо мекунад; ва ин тақозоҳо ҳаргиз тамомшуданӣ нест.

Худи Рассел дар китоби “Заношӯӣ ва ахлоқ” эътироф мекунад, ки аташи руҳӣ дар масоили ҷинсӣ ғайр аз ҳарорати ҷисмӣ аст. Он чи бо ирзоъ таскин меёбад, ҳарорати ҷисмӣ аст, на аташи руҳӣ.

Бад-ин нукта бояд таваҷҷӯҳ кард, ки озодӣ дар масоили ҷинсӣ сабаби шӯълавар шудани шаҳавот ба сурати ҳирсу оз мегардад, аз навъи ҳирсу озҳое, ки дар соҳибони ҳарамсароҳои румӣ ва эронӣ ва араб суроғ дорем. Вале мамнӯъият ва ҳарим, нерӯи ишқ ва тағаззул ва тахайюлро ба сурати як эҳсоси олӣ ва рақиқ ва латиф ва инсонӣ таҳрик мекунад ва рушд медиҳад ва танҳо дар ин ҳангом аст, ки мабдаъ ва маншаъи халқи ҳунарҳо ва ибдоъҳо ва фалсафаҳо мегардад.

Миёни он чи “ишқ” номида мешавад ва ба қавли Ибни Сино “ишқи афиф” ва он чи ба сурати ҳавас ва ҳирсу оз ва ҳисси тамаллук дармеояд — бо ин ки ҳар ду руҳӣ ва поённопазир аст — тафовут бисёр аст. Ишқ, амиқ ва мутамаркизкунандаи нерӯҳо ва ягонапараст аст ва аммо ҳавас, сатҳӣ ва пахшкунандаи нерӯ ва мутамоил ба танаввӯъ ва ҳарзасифат аст.

Ҳоҷатҳои табиӣ бар ду қисм аст: як навъ ҳоҷатҳои маҳдуд ва сатҳӣ аст, мисли хӯрдан, хобидан. Дар ин навъ аз ҳоҷатҳо ҳамин ки зарфияти ғариза ишбоъ ва ҳоҷати ҷисмонӣ муртафеъ гардад, рағбати инсон ҳам аз байн меравад ва ҳатто мумкин аст ба танаффур ва инзиҷор мубаддал гардад. Вале як навъи дигар аз ниёзҳои табиӣ, амиқ ва дарёсифат ва ҳаяҷонпазир аст, монанди пулпарастӣ ва ҷоҳталабӣ.

Ғаризаи ҷинсӣ дорои ду ҷанба аст. Аз назари ҳарорати ҷисмӣ аз навъи аввал аст, вале аз назари тамоюли руҳии ду ҷинс ба якдигар чунин нест. Барои равшан шудан, муқоисае ба амал меоварем:

Ҳар ҷомеае аз лиҳози хӯрок як миқдори муайян тақозо дорад, яъне агар кишваре масалан 20 миллион ҷамъият дошта бошад, масрафи хӯрокии онҳо муайян аст, ки камтар аз он набояд бошад ва зиёдтар ҳам агар бошад, наметавонанд масраф кунанд. Фаразан агар гандум зиёд дошта бошанд, ба дарё мерезанд. Дар бораи ин ҷомеа агар бипурсем, масрафи хӯроки он дар сол чӣ қадр аст, ҷавоб миқдори мушаххасе хоҳад буд. Вале агар дар бораи як ҷомеа бипурсем, ки аз назари алоқаи афрод ба пул чӣ қадр эҳтиёҷ ба сарват ҳаст? Яъне чӣ қадр пул лозим дорад, то ҳисси пулпарастии ҳамаи афрод онро ишбоъ кунад ба тавре, ки агар боз ҳам бихоҳем ба онҳо пул бидиҳем, бигӯянд, дигар сер шудаем, майл надорем ва наметавонем бигирем, ҷавоб ин аст, ки ин хост ҳадде нахоҳад дошт.

Илмдӯстӣ ҳам ҳамин ҳолатро дорад. Дар ҳадисе аз Пайғамбари Акрам Саллаллоҳу алайҳи ва олиҳи омадааст:

منهومان لا يشبعان طالب علم وطالب مال

Яъне ду гурусна ҳаргиз сер намешаванд: яке ҷӯяндаи илм ва дигар толиби сарват, ҳар чи бештар ба онҳо дода шавад, иштиҳояшон тезтар мегардад.

Ҷоҳталабии башар ҳам аз ҳамин қабил аст. Зарфияти башар аз назари ҷоҳталабӣ поённопазир аст. Ҳар фарде ҳар мақоми иҷтимоӣ ва ҳар пости олиро, ки ба даст овард, боз ҳам толиби мақоми болотар аст; ва асосан ҳар ҷо, ки пойи ҳисси тамаллук ба миён биёяд, аз поёнпазирӣ хабаре нест.

Ғаризаи ҷинсӣ ду ҷанба дорад: ҷанбаи ҷисмонӣ ва ҷанбаи руҳӣ. Аз ҷанбаи ҷисмӣ маҳдуд аст. Аз ин назар як зан ё ду зан барои ишбоъи мард кофӣ аст, вале аз назари танаввӯъталабӣ ва аташи руҳие, ки дар ин ноҳия мумкин аст ба вуҷуд ояд, шакли дигаре дорад.

Қаблан ишора кардем, ки ҳолати руҳӣ марбут ба ин мавзӯъ ду навъ аст: яке он аст, ки ба истилоҳ "ишқ" номида мешавад ва ҳамон чизе аст, ки дар миёни фалосифа ва махсусан фалосифаи илоҳӣ матраҳ аст, ки оё реша ва ҳадафи ишқи воқеӣ, ҷисмӣ ва ҷинсӣ аст ва ё реша ва ҳадафи дигаре дорад, ки сад дар сад руҳӣ аст ва ё шиққи саввуме дар кор аст ва он ин ки аз лиҳози реша ҷинсӣ аст, вале баъд ҳолати маънавӣ пайдо мекунад ва мутаваҷҷеҳи ҳадафҳои ғайриҷинсӣ мегардад?

Ин аташи руҳӣ феълан маҳалли баҳси мо нест. Ин навъ аз аташ ҳамеша ҷанбаи фардӣ ва шахсӣ дорад, яъне ба мавзӯъи хосс ва шахси хосс таъаллуқ мегирад ва робитаи ӯро бо ғайри ӯ қатъ мекунад. Ин навъ аз аташ дар заминаи маҳдудиятҳо ва маҳрумиятҳо ба вуҷуд меояд.

Навъи дигари аташи руҳӣ он аст, ки ба сурати ҳирсу оз дармеояд, ки аз шуъуни ҳисси тамаллук аст ва ё омехтае аст аз ду ғаризаи поённопазир: шаҳвати ҷинсӣ ва ҳисси тамаллук. Он ҳамон аст, ки дар соҳибони ҳарамсароҳои қадим ва дар ағлаби пулдорон ва ғайри пулдорони асри мо вуҷуд дорад. Ин навъ аз аташ тамоюл ба танаввӯъ дорад. Аз яке сер мешавад ва мутаваҷҷеҳи дигаре мегардад. Дар айни ин ки даҳҳо нафар дар ихтиёр дорад, дар банди даҳҳо нафари дигар аст ва ҳамин навъ аз аташ аст, ки дар заминаи бебанду бориҳо ва муошаратҳои ба истилоҳ озод ба вуҷуд меояд. Ин навъ аз аташ аст, ки "ҳавас" номида мешавад.

Ҳамон тавр, ки дар гузашта гуфтем, ишқ, амиқ ва мутамаркизкунандаи нерӯҳо ва тақвияткунандаи нерӯи тахайюл ва ягонапараст аст ва аммо ҳавас, сатҳӣ ва пахшкунандаи нерӯҳо ва мутамоил ба танаввӯъ ва тафаннун ва ҳарзасифат аст.

Ин навъ аз аташ, ки "ҳавас" номида мешавад, ирзоъшуданӣ нест. Агар марде дар ин маҷро биафтад, фаразан ҳарамсарое назири ҳарамсарои Ҳорунуррашид ва Хусрави Парвиз дошта бошад, пур аз зеборӯён, ки соле як бор ба ҳар як навбат нарасад, боз агар бишнавад, ки дар ақсо нуқоти ҷаҳон як зеборӯйи дигар ҳаст, толиби он хоҳад шуд. Намегӯяд бас аст, дигар сер шудаам. Ҳолати ҷаҳаннамро дорад, ки ҳар чи ба он дода шавад, боз ҳам ба дунболи зиёдтар аст. Худо дар Қуръон мефармояд:

يَوْمَ نَقُولُ لِجَهَنَّمَ هَلِ امْتَلَأْتِ وَتَقُولُ هَلْ مِنْ مَزِيدٍ

(*Қоф/30*) (*Ба ҷаҳаннам мегӯем: пур шудӣ? Сер шудӣ? Мегӯяд: оё боз ҳам ҳаст?*) Чашм ҳаргиз аз дидани зеборӯён сер намешавад ва дил ҳам ба дунболи чашм меравад…

Дар ин гуна ҳолот, сер кардан ва ирзоъ аз роҳи фаровоне имкон надорад ва агар касе бихоҳад аз ин роҳ ворид шавад, дуруст мисли он аст, ки бихоҳад оташро бо ҳезум сер кунад.

Ба таври куллӣ дар табиати инсони аз назари хостаҳои руҳӣ маҳдудият дар кор нест.

Инсон руҳан толиби бениҳоят офарида шудааст. Вақте ҳам, ки хостаҳои руҳӣ дар масири моддиёт қарор гирифт, ба ҳеч ҳадде мутаваққиф намешавад, расидан ба ҳар марҳилае, майл ва талаби марҳилаи дигарро дар ӯ ба вуҷуд меоварад.

Иштибоҳ кардаанд касоне, ки туғёни нафси аммора ва эҳсосоти шаҳавониро танҳо маълули маҳрумиятҳо ва укдаҳои ношӣ аз маҳрумиятҳо донистаанд. Ҳамон тавр, ки маҳрумиятҳо сабаби туғён ва шӯълавар шудани шаҳавот мегардад, пайравӣ ва итоъат ва таслими мутлақ низ сабаби туғён ва шӯълавар шудани оташи шаҳавот мегардад. Амсоли Фрейд он тарафи сиккаро хондаанд ва аз ин тарафи сикка ғофил мондаанд.

Носеҳон ва орифони мо комилан бад-ин нукта пай бурда буданд. Дар адабиёти форсӣ ва арабӣ зиёд бад-ин нукта ишора шудааст.

Саъдӣ мегӯяд:

*Фариштахӯй шавад одамӣ зи кам хӯрдан,*

*В-агар хӯрад чу баҳоим, бияфтад ӯ чу ҷамод.*

*Муроди ҳар кӣ барорӣ, мутеъи амри ту гашт,*

*Хилофи нафс, ки фармон диҳад, чу ёфт мурод.*

Бӯсирии Мисрӣ дар қасидаи маъруф “Бурда”, ки аз шоҳкорҳои адабиёти исломӣ аст ва дар мадҳи Расули Акрам Саллаллоҳу алайҳи ва олиҳи аст ва зимнан панду андарзҳое ҳам дорад мегӯяд:

النفس كالطفل إن تهمله شب على

حب الرضاع وإن تفطمه ينفطم

Яъне нафс ҳамчун тифле аст, ки ба пистон алоқаманд аст. Агар ӯро ба ҳоли худ бигузорӣ, бо ҳамин майл боқӣ мемонад ва рӯз ба рӯз решадортар мешавад. Ва агар ӯро аз шир бигирӣ, ба тарки пистон хӯ мегирад. Дигаре мегӯяд:

وَالنَفسُ راغِبِةٌ إِذا رَغَّبتَها

فَإِذا تُرَدُّ إِلى قَليلٍ تَقنَعُ

Яъне ҳар чи мӯҷиботи рағбати нафсро фароҳам кунӣ, бар рағбат меафзояд, вале агар ӯро ба кам одат диҳӣ, қаноат пеша мекунад.

Иштибоҳ Фрейд ва амсоли ӯ дар ин аст, ки пиндоштаанд, танҳо роҳи ором кардани ғароиз, ирзоъ ва ишбоъи беҳадду ҳасри онҳост. Инҳо фақат мутаваҷҷеҳи маҳдудиятҳо ва мамнӯъиятҳо ва авоқиби суъи онҳо шудаанд ва муддаӣ ҳастанд, ки қайд ва мамнӯъият, ғаризаро осӣ ва мунҳариф ва саркаш ва нооором месозад. Тарҳашон ин аст, ки барои эҷоди оромиши ин ғариза, бояд ба он озодии мутлақ дод, он ҳам бад-ин маънӣ, ки ба зан иҷозаи ҳар ҷилвагарӣ ва ба мард иҷозаи ҳар тамосе дода шавад.

Инҳо чун як тарафи қазияро хондаанд, таваҷҷӯҳ накардаанд, ки ҳамон тавр, ки маҳдудият ва мамнӯъият ғаризаро саркӯб ва тавлиди уқда мекунад, раҳо кардан ва таслим шудан ва дар маърази таҳрикот ва таҳйиҷот даровардан онро девона месозад ва чун ин имкон вуҷуд надорад, ки ҳар хостае барои ҳар фарде бароварда шавад, балки имкон надорад ҳамаи хостаҳои бепоёни як фард бароварда шавад, ғариза бадтар саркӯб мешавад ва уқдаи руҳӣ ба вуҷуд меояд.

Ба ақидаи мо, барои оромиши ғариза ду чиз лозим аст: яке ирзоъи ғариза дар ҳадди ҳоҷати табиӣ ва дигар, ҷилавгирӣ аз таҳйиҷ ва таҳрики он.

Инсон аз лиҳози ҳавоиҷи табиӣ монанди чоҳи нафт аст, ки тарокум ва таҷаммӯъи газҳои дохилии он хатари инфиҷорро ба вуҷуд меоварад. Дар ин сурат бояд гази онро хориҷ кард ва ба оташ дод, вале ин оташро ҳаргиз бо тӯъмаи зиёд наметавон сер кард.

Ин ки иҷтимоъ ба васоили мухталифи самъӣ ва басарӣ ва ламсӣ мӯҷиботи ҳаяҷони ғаризаро фароҳам кунад ва он гоҳ бихоҳад бо ирзоъ, ғаризаи девонашударо ором кунад, муяссар нахоҳад шуд.

Ҳаргиз бад-ин васила наметавон оромиш ва ризоят эҷод кард, балки бар изтироб ва талотум ва норизоии ғариза бо ҳазорон аворизи равонӣ ва ҷиноёти ношӣ аз он афзуда мешавад.

Таҳрик ва таҳйиҷи беҳисоби ғаризаи ҷинсӣ аворизи вахими дигаре назири булуғҳои зудрас ва пирӣ ва фарсудагӣ низ дорад.

Аз инҷо маълум мешавад, ки орифон ва нуктасанҷони мо, ки мегӯянд:

*Муроди ҳар кӣ барорӣ, мутеъи амри ту гашт,*

*Хилофи нафс, ки фармон диҳад, чу ёфт мурод.*

— бо равшанбинӣ ва равшанзамирии орифонаи худ ба нукоте бархӯрд кардаанд, ки ин оқоёни равоншиноси равонков, ки дар асри улум номашон ҷаҳонро пур карда мутаваҷҷеҳ нашудаанд.

Аммо ин ки мегӯянд:

الانسان حريص على ما منع منه

— матлаби саҳеҳе аст, вале ниёзманд ба тавзеҳ аст. Инсон ба чизе ҳирс меварзад, ки ҳам аз он мамнӯъ шавад ва ҳам ба сӯйи он таҳрик шавад; ба истилоҳ таманнои чизеро дар вуҷуди шахсе бедор кунанд ва он гоҳ ӯро мамнӯъ созанд. Аммо агар амре аслан арза нашавад ё камтар арза шавад, ҳирсу валаъ ҳам нисбат бад-он камтар хоҳад буд.

Фрейд, ки тарафдори сарсахти озодии ғаризаи ҷинсӣ буд, худ мутаваҷҷеҳ шуд, ки хато рафтааст, аз ин рӯ пешниҳод кард, ки бояд онро аз роҳи хосси худаш ба масири дигаре мунҳариф кард ва ба масоили илмӣ ва ҳунарӣ назири наққошӣ ва ғайра мунъатиф сохт ва ба истилоҳ тарафдори тасъид шуд; зеро таҷриба ва омор нишон дода буд, ки бо бардоштани қайдҳои иҷтимоӣ, бемориҳо ва аворизи равонии ношӣ аз ғаризаи ҷинсӣ бештар шудааст. Ман намедонам оқои Фрейд, ки тарафдори тасъид аст, аз чӣ роҳ онро пешниҳод мекунад? Оё ҷуз аз тариқи маҳдуд кардан аст?

Дар гузашта, афроди бехабар ба донишҷӯёни бехабартар аз худ мегуфтанд, инҳирофи ҷинсӣ, яъне ҳамҷинсбозӣ фақат дар миёни шарқиҳо роиҷ аст ва иллаташ ҳам дастрасӣ надоштан ба зан бар асари қайдҳои зиёд ва ҳиҷоб аст. Аммо тӯле накашид, ки маълум шудривоҷи ин амали зишт дар миёни урупоиҳо сад дараҷа бештар аз шарқиҳост.

Мо инкор намекунем, ки дастрасӣ надоштан ба зан мӯҷиби инҳироф мешавад ва бояд шароити издивоҷи қонуниро саҳл кард, вале бидуни шак он миқдор, ки табарруҷ ва худнамоии зан дар иҷтимоъ ва муошаратҳои озод сабаби инҳирофи ҷинсӣ мешавад, ба маротиб бештар аз он аст, ки маҳрумият ва дастнорасӣ сабаб мегардад.

Агар дар Машриқзамин маҳрумиятҳо боиси инҳирофи ҷинсӣ ва ҳамҷинсбозӣ шудааст, дар Урупо шаҳватрониҳои зиёд боиси ин инҳироф гаштааст, то он ҷо, ки дар баъзе кишварҳо — ҳамон тавр, ки дар рӯзномаҳои хабарӣ хондем — расмӣ ва қонунӣ шуд ва гуфта шуд, чун миллати Ангилистон амалан ин корро пазируфтааст, қувваи муқаннина бояд аз миллат пайравӣ кунад, яъне навъе реферондуми қаҳрӣ сурат гирифтааст. Болотар ин ки дар маҷаллае хондам дар баъзе кишварҳои урупоӣ, писарҳо расман бо якдигар издивоҷ мекунанд.

Дар шарқ ҳам маҳрумин он қадр сабаби ривоҷи инҳирофи ҷинсӣ набуданд, ки соҳибони ҳарамсароҳо буданд ва ин инҳироф аз салотин оғоз шудааст.

# Бахши панҷум: Ҳиҷоби исломӣ

** Оёти сураи Нур*

** Истизон*

** Нигоҳи мард ва пӯшиши зан*

** Сатри аврат ва ахлоқи тобу*

** Истисноҳо дар ояти пӯшиш*

** Оёти сураи Нур*

** Оёти сураи Аҳзоб*

** Баррасӣ*

** Чеҳра ва ду даст то муч*

** Далелҳои мувофиқ*

** Далелҳои мухолиф*

** Ширкати зан дар маҷомеъ*

** Фатвоҳо.*

** Кетмон ё изҳор?*

** Ду масъалаи дигар*

Ин баҳсро аз Қуръон шурӯъ мекунем. Оятҳои марбут бад-ин мавзӯъ дар ду сура аз Қуръон омадааст: яке сураи Нур ва дигар сураи Аҳзоб. Мо тафсири оятҳоро баён мекунем ва сипас ба масоили фиқҳӣ ва баҳси ривоятҳо ва нақли фатвои фуқаҳо мепардозем. Дар сураи Нур ояте, ки марбут ба матлаб аст ояти 31 мебошад. Чанд ояти қабл аз он оят мутаъаррizи вазифаи изн гирифтан барои вуруд дар манозил аст ва дар ҳукми муқаддимаи ин оят мебошад. Тафсири оятҳоро аз онҷо шурӯъ мекунем:

يَا أَيُّهَا الَّذِينَ آمَنُوا لَا تَدْخُلُوا بُيُوتًا غَيْرَ بُيُوتِكُمْ حَتَّىٰ تَسْتَأْنِسُوا وَتُسَلِّمُوا عَلَىٰ أَهْلِهَا ۚ ذَٰلِكُمْ خَيْرٌ لَّكُمْ لَعَلَّكُمْ تَذَكَّرُونَ. فَإِن لَّمْ تَجِدُوا فِيهَا أَحَدًا فَلَا تَدْخُلُوهَا حَتَّىٰ يُؤْذَنَ لَكُمْ ۖ وَإِن قِيلَ لَكُمُ ارْجِعُوا فَارْجِعُوا ۖ هُوَ أَزْكَىٰ لَكُمْ ۚ وَاللَّهُ بِمَا تَعْمَلُونَ عَلِيمٌ. لَّيْسَ عَلَيْكُمْ جُنَاحٌ أَن تَدْخُلُوا بُيُوتًا غَيْرَ مَسْكُونَةٍ فِيهَا مَتَاعٌ لَّكُمْ ۚ وَاللَّهُ يَعْلَمُ مَا تُبْدُونَ وَمَا تَكْتُمُونَ. قُل لِّلْمُؤْمِنِينَ يَغُضُّوا مِنْ أَبْصَارِهِمْ وَيَحْفَظُوا فُرُوجَهُمْ ۚ ذَٰلِكَ أَزْكَىٰ لَهُمْ ۗ إِنَّ اللَّهَ خَبِيرٌ بِمَا يَصْنَعُونَ. وَقُل لِّلْمُؤْمِنَاتِ يَغْضُضْنَ مِنْ أَبْصَارِهِنَّ وَيَحْفَظْنَ فُرُوجَهُنَّ وَلَا يُبْدِينَ زِينَتَهُنَّ إِلَّا مَا ظَهَرَ مِنْهَا ۖ وَلْيَضْرِبْنَ بِخُمُرِهِنَّ عَلَىٰ جُيُوبِهِنَّ ۖ وَلَا يُبْدِينَ زِينَتَهُنَّ إِلَّا لِبُعُولَتِهِنَّ أَوْ آبَائِهِنَّ أَوْ آبَاءِ بُعُولَتِهِنَّ أَوْ أَبْنَائِهِنَّ أَوْ أَبْنَاءِ بُعُولَتِهِنَّ أَوْ إِخْوَانِهِنَّ أَوْ بَنِي إِخْوَانِهِنَّ أَوْ بَنِي أَخَوَاتِهِنَّ أَوْ نِسَائِهِنَّ أَوْ مَا مَلَكَتْ أَيْمَانُهُنَّ أَوِ التَّابِعِينَ غَيْرِ أُولِي الْإِرْبَةِ مِنَ الرِّجَالِ أَوِ الطِّفْلِ الَّذِينَ لَمْ يَظْهَرُوا عَلَىٰ عَوْرَاتِ النِّسَاءِ ۖ وَلَا يَضْرِبْنَ بِأَرْجُلِهِنَّ لِيُعْلَمَ مَا يُخْفِينَ مِن زِينَتِهِنَّ ۚ وَتُوبُوا إِلَى اللَّهِ جَمِيعًا أَيُّهَ الْمُؤْمِنُونَ لَعَلَّكُمْ تُفْلِحُونَ

*“Эй касоне, ки имон овардаед! Ба хонаи дигарон дохил нашавед магар он ки қаблан ононро огоҳ созед ва бар аҳли хона салом кунед. Ин барои шумо беҳтар аст, бошад, ки панд гиред! Агар касеро дар хона наёфтед, дохил нашавед, то ба шумо иҷоза дода шавад. Агар гуфта шуд, бозгардед, бозгардед, ки покизатар аст барои шумо. Худо бад-он чи анҷом медиҳед, доност. Боке нест, ки дар хонаҳое, ки маҳалли сукно нест ва нафъе дар онҷо доред, (бидуни иҷоза) дохил шавед. Худо он чиро ошкор мекунед ва он чиро ниҳон медоред, огоҳ аст. Ба мардони мӯъмин бигӯ, дидагон фурӯ хобонанд ва доманҳо ҳифз кунанд. Ин барои шумо покизатар аст. Худо бад-он чи мекунед, огоҳ аст. Ба занони мӯъмина бигӯ, дидагони хеш фурӯ хобонанд ва доманҳои хеш ҳифз кунанд ва зевари хеш ошкор накунанд магар он чи пайдост, сарпӯшҳои хеш бар гиребонҳо бизананд, зевари хеш ошкор накунанд магар барои шавҳарон ё падарон ё падаршавҳарон ё писарон ё писаршавҳарон ё бародарон ё бародарзодагон ё хоҳарзодагон ё занон ё мамлуконашон ё мардони туфайлӣ, ки ҳоҷат ба зан надоранд ё кӯдаконе, ки аз рози занон огоҳ нестанд (ё бар комҷӯӣ аз занон тавоно нестанд) ва пой ба замин накӯбанд, ки зеварҳои махфиашон дониста шавад. Эй гурӯҳи мӯъминон! Ҳамагӣ ба сӯйи Худованд тавба баред, бошад, ки растгор шавед!”* (*Сураи Нур/27-31*)

Муфоди ояти аввал ва дуввум ин аст, ки мӯъминин набояд сарзада ва бидуни иҷоза, ба хонаи касе дохил шаванд. Дар ояти севвум маконҳои умумӣ ва ҷоҳое, ки барои сукунат нест, аз ин дастур истисно мегардад. Сипас ду ояти дигар марбут ба вазоифи зану мард аст дар муошарат бо якдигар, ки шомили чанд қисмат аст:

1. ҳар мусалмон, чӣ мард ва чӣ зан, бояд аз чашмчаронӣ ва назарбозӣ иҷтиноб кунад;
2. мусалмон, хоҳ мард ё зан, бояд покдоман бошад ва аврати худро аз дигарон бипӯшад;

3. занон бояд пӯшиш дошта бошанд ва ороиш ва зевари худро бар дигарон ошкор насозанд ва дар садади таҳрик ва ҷалби таваҷҷӯҳи мардон барнаёянд;

4. ду истисно барои лузуми пӯшиши зан зикр шуда, ки яке бо ҷумлаи:

وَلَا يُبْدِينَ زِينَتَهُنَّ إِلَّا مَا ظَهَرَ مِنْهَا

— баён шудааст ва нисбат ба умуми мардон аст ва дигаре бо ҷумлаи:

...وَلَا يُبْدِينَ زِينَتَهُنَّ إِلَّا لِبُعُولَتِهِنَّ

(то охир) зикр шуда ва надоштани пӯшишро барои зан нисбат ба иддаи хоссе таҷвиз мекунад.

Мо ба тартиб дар муфоди ин оятҳо баҳс мекунем.

## Истизон (иҷоза гирифтан)

Аз назари ислом, ҳеч кас ҳақ надорад бидуни иттилоъ ва иҷозаи қаблӣ ба хонаи дигаре дохил шавад.

Дар байни аъроб, дар муҳите, ки Қуръон нозил шудааст, маъмул набуда, ки касе барои вуруд дар манзили дигарон изн бихоҳад. Дари хонаҳо боз буда. Ҳамон тавре, ки алъон ҳам дар деҳот дида мешавад, ҳеч вақт расм набудааст, чӣ шаб ва чӣ рӯз, ки дарҳоро бибанданд, зеро бастани дарҳо аз тарси дузд аст ва дар онҷоҳо чунин тарсе вуҷуд надоштааст. Аввалин касе, ки дастур дод, барои хонаҳои Макка мисроъайн яъне ду линга дар қарор диҳанд, Муовия буд ва ҳам ӯ дастур дод, ки дарҳоро бибанданд.

Ба ҳар ҳол, чун дари хонаҳо ҳамеша боз буд ва иҷоза гирифтан ҳам байни арабҳо мутадовил набуд ва ҳатто иҷоза хостанро навъе иҳонат нисбат ба худ медонистанд, сарзада ва беиттилоъи қаблӣ вориди хонаҳои якдигар мешуданд.

Ислом ин расми ғалатро мансух кард, дастур дод сарзада дохили хонаҳои мавриди сукунати дигарон нашаванд. Равшан аст, ки фалсафаи ин ҳукм ду чиз аст: яке, мавзӯъи номус яъне пӯшида будани зан ва аз ҳамин ҷиҳат ин дастур бо оятҳои пӯшиш якҷо зикр шудааст. Дигар ин ки ҳар касе дар маҳалли сукунати худ асроре дорад ва моил нест дигарон бифаҳманд. Ҳатто ду нафар рафиқи самимӣ ҳам бояд ин нуктаро риоят кунанд, зеро мумкин аст ду дӯсти якранг дар айни ягонагӣ ва якрангӣ ҳар кадом аз назари зиндагии хусусӣ асроре дошта бошанд, ки нахоҳанд дигаре бифаҳмад.

Бинобар ин, набояд фикр кард, ки дастури истизон ихтисос дорад ба хонаҳое, ки дар онҳо зан зиндагӣ мекунад. Ин вазифа, мутлақ ва омм аст. Мардон ва заноне, ки муқайяд ба пӯшиш ҳам нестанд, мумкин аст дар хонаи худ вазъе дошта бошанд, ки нахоҳанд

дигарон ононро ба он ҳол бибинанд. Ба ҳар ҳол, ин дастуре аст куллитар аз ҳиҷоб, фалсафааш ҳам куллитар аз фалсафаи ҳиҷоб аст.

Ҷумлаи:

حَتَّىٰ تَسْتَأْنِسُوا

— ки ба маънии ин аст: “то истеълом накардаед, ворид нашавед”, ба айби сарзада ворид шудан ишъор дорад. Ин калима аз моддаи “унс” аст, ки нуқтаи муқобили ваҳшат ва фазаъ аст. Ин калима мефаҳмонад, ки вуруди шумо ба хонае, ки дигарон дар он сукунат доранд, мебояд бо истеълом ва ҷалби унс бошад, набояд сарзада ворид шавед, ки мӯҷиби ваҳшат ва фазаъ ва нороҳатӣ гардад.

Ривоятҳое ворид шуда, ки Пайғамбари Акрам Саллаллоҳу алайҳи ва олиҳи дастур фармуданд барои истеълом зикри Худо гуфта шавад, монанди “Субҳоналлоҳ” ё “Аллоҳу Акбар” ва ғайра. Дар байн мо маъмул аст “Ё Аллоҳ” мегӯем. Ин расм аз ҳамин дастур илҳом мегирад.

Аз Расули Акрам Саллаллоҳу алайҳи ва олиҳи суол шуд, оё ҳукми иҷоза хостан шомили хонаи фомил ва хешони наздик ҳам мешавад? Оё барои вуруд дар хонаи модар ё духтарамон ҳам бояд изн бигирем? Дар ҷавоб фармуд, оё агар модари ту дар утоқи худ бараҳна бошад ва ту сарзада ворид шавӣ, писандида аст? Арз шуд: на. Фармуд пас изн бигиред.

Расули Акрам шахсан ин дастурро иҷро мекарданд ва ба асҳоби хеш ҳам тавсия ва таъкид мекарданд. Донишмандони шиъа ва суннӣ нақл кардаанд, ки расми Пайғамбари Акрам ин буд, ки пушти дари хона меистод ва мефармуд:

السلام عليكم يا أهل البيت

Агар иҷозаи вуруд медоданд, ворид мешуд ва агар ҷавоб намешунид, навбати дуввум ва севвум саломро такрор мефармуд, зеро воқеан имкон дорад шахсе, ки дар хона аст, дар навбати аввал ё дуввум садоро нашунида бошад. Вале агар дар навбати севвум ҳам ҷавоб намешунид, мурочеат мекард ва мефармуд, ё дар хона нестанд ва ё он ки майл надоранд мо ворид бишавем. Ин дастурро дар мавриди хонаи духтараш Заҳро разияллоҳу ъанҳу низ иҷро мефармуд.

Як нукта, ки бояд дар тафсири ин оят мутазаккир шавем ин аст, ки калимаи ”буйут” ҷамъи “байт” ба маънои утоқ аст. Дар забони арабӣ луғате, ки ба маънии “хона” дар истилоҳи имрӯзи форсӣ ба кор меравад, лафзи “дор” аст. Албатта дар қисмате аз нуқоти Эрон монанди Хуросон калимаи “хона”-ро низ ба утоқ итлоқ мекунанд. Ба ҳар ҳол,

“буйут” ба маънои утоқҳост ва аз инҷо чунин натиҷа гирифта мешавад, ки истизон марбут ба дохил шудан дар утоқи ашхос аст, на ба вуруд дар ҳаёти манзилҳо.
Вале бояд таваҷҷӯҳ дошт, ки дар байни аъроб чун дари хонаҳо ҳамеша боз буд, қаҳран ҳаёт ҷанбаи хусусӣ пайдо намекард ва агар касе мехост дар хонаи худ фаразан лухт шавад, ба дохили утоқ мерафт. Вале дар ҷойе, ки ҳаёт ҳукми утоқро пайдо кардааст — чунонки алъон дар зиндагии мо ин тавр аст — зеро дар баста аст ва деворҳо ҳам баланд аст ва агарчӣ комилан монанди утоқ паноҳгоҳ ва хилват шумурда намешавад, вале билохира то ҳадде ҷанбаи хусусӣ дорад, дар чунин ҷоҳое ҳукми вуҷуби истизон дар ҳаёт ҳам ҷорӣ аст.
Дар поёни оят мефармояд:

ذَٰلِكُمْ خَيْرٌ لَكُمْ لَعَلَّكُمْ تَذَكَّرُونَ

Яъне ин барои шумо беҳтар аст (яъне дастуре, ки ба шумо додем, бе далел нест, фалсафа дорад, маслиҳати шумо дар он аст), бошад, ки мутаваҷҷеҳ шавед ва маслиҳати онро дарёбед.
Сипас дар ояти дуввум мефармояд: агар пас аз истеълом ва истиҷоза, дарёфтед, ки касе дар хона нест, ворид нашавед магар ин ки ба шумо иҷоза дода шавад, масалан соҳиби хона калиди хонаро ба шумо бидиҳад ё худаш ҳузур дошта бошад ва иҷоза бидиҳад.
Баъд мефармояд:

وَإِنْ قِيلَ لَكُمُ ارْجِعُوا فَارْجِعُوا

Агар соҳиби хона ба шумо гуфт, баргардед наметавонем шуморо бипазирем, шумо ҳам баргардед ва нороҳат нашавед.
Қаблан гуфтем, аъроб иҷоза хостанро нанг мешумурданд. Ва ин аз нодонии онҳо буд, ҳамон тавр, ки алъон ҳам дар иҷтимоъи мо напазируфтани ворид, ҳарчанд ба мӯҷиби узре бошад, иҳонат ба ворид талаққӣ мешавад ва ин аз нодонии мост. Агар касе ба дари хонае биравад ва соҳиби хона бигӯяд, ман алъон вақт надорам шуморо бипазирам, ба ӯ бармеҳӯрад ва чӣ басо қаҳр кунад ва ҳар ҷо биншинад, бигӯяд ман рафтам ба дари манзили фалонӣ, маро роҳ надод. Ин ҳам як нодонӣ ва ҷаҳолат аст.
Мо бояд дастури Қуръонро дар ин бора ба кор бибандем. Ба кор бастани ин дастур, такаллуфот ва нороҳатиҳои зиёдеро аз мо дур месозад. Як силсила дурӯғҳо ва хилофгӯиҳо маълули ҳамин рафтори нодуруст ва таваққӯъҳои нобаҷост, ки дар байни мо роиҷ мебошад.
Шахсе бидуни иттилоъи қаблӣ дари хонаи шахси дигареро мезанад. Соҳиби хона майл надорад ӯро бипазирад, басо ҳаст, ки корҳои лозиме дорад ва омадани ин шахс

музоҳимат аст, мегӯяд, бигӯед фалонӣ дар хона нест. Шахси ворид ғолибан ин дурӯғҳоро мефаҳмад. Шахси ворид хилоф мекунад, ки бидуни таъйини вақти қаблӣ тавaққӯъ дорад ӯро бипазиранд ва соҳиби хона ҳам он қадр шаҳомат ва сароҳат надорад, ки бигӯяд маъзарат мехоҳам, феълан вақт надорам бипазирам ва агар бигӯяд, вақт надорам, боз он шахси ворид он қадр фаҳм надорад, ки узри ӯро бипазирад, то охири умр гила мекунад, ки рафтам ба дари хонаи фалон шахс ва ӯ маро напазируфт.

Ин аст, ки дар ин гуна мавоқеъ, ҳам дурӯғ гуфта мешавад ва ҳам ранҷиш падид меояд. Вале агар дастури Қуръон риоят шавад, на дурӯғе гуфта мешавад ва на ранҷише падид меояд.

Аз ин рӯ мефармояд:

هُوَ أَزْكَىٰ لَكُمْ

Яъне ин равиш, ки ба шумо ёд додем, барои шумо покизатар аст.

وَاللَّهُ بِمَا تَعْمَلُونَ عَلِيمٌ

Яъне Худо ба он чи мекунед доност.

Дар инҷо қазияе марбут ба марҳум Оятуллоҳ Буруҷердӣ ба ёд дорам нақл мекунам:

Дар солҳое, ки дар Қум будам, як вақт яке аз хутабои маъруфи Эрон ба Қум омад ва иттифоқан диду боздиди эшон дар ҳуҷраи банда буд. Дар онҷо аз эшон дидан мешуд. Як рӯз дар муддати иқомати эшон дар Қум, шахсе дар вақти номуносибе эшонро ба хонаи Оятуллоҳ Буруҷердӣ бурда буд. Он мавқеъ як соат қабл аз вақт дарси эшон буд ва маъмулан эшон дар он вақт мутолеа мекарданд ва касеро намепазируфтанд. Дар мезананд ва ба навкар мегӯянд, ба оқо бигӯед фалонӣ ба мулоқоти шумо омадааст. Навкар пайғомро мерасонад ва бармегардад ва мегӯяд, оқо фармуданд, ман феълан мутолеа дорам, вақти дигаре ташриф биёваред. Он шахси мӯҳтарам ҳам баргашт ва иттифоқан ҳамон рӯз ба шаҳри худ мурожеат кард. Ҳамон рӯз Оятуллоҳ Буруҷердӣ барои дарс омаданд, манро дар саҳн диданд ва фармуданд: “Ман баъд аз дарс барои дидани фалонӣ ба ҳуҷраи шумо меойем.” Гуфтам, эшон рафтанд. Фармуданд: “Пас вақте эшонро дидӣ, бигӯ: ҳоли ман вақте ту ба дидани ман омадӣ, монанди ҳоли ту буд вақте мехоҳӣ барои эроди суханронӣ омода шавӣ. Ман дилам мехост вақте бо ҳам мулоқот кунем, ки ҳавосси ман ҷамъ бошад ва бо ҳам сӯҳбат кунем ва дар он мавқеъ ман мутолеа доштам ва мехостам барои дарс биёям.“

Пас аз муддате ман он шахсро мулоқот кардам ва маъзаратхоҳии Оятуллоҳ Буруҷердиро иблоғ кардам ва шунида будам, ки баъзе аз афрод васваса карда буданд ва ба ин марди мӯҳтарам гуфта буданд: таъаммуде дар кор буда, ки ба ту тавҳин шавад ва туро аз дари

хона баргардонанд. Ман ба он марди мӯҳтарам гуфтам: “Оятуллоҳ Буручердӣ мехостанд ба дидани шумо биёянд ва чун мутталеъ шуданд, ки шумо ҳаракат кардед, маъзаратхоҳӣ карданд.“

Он мард ҷумлае гуфт, ки барои ман ҷолиб буд. Гуфт: “На танҳо ба ман як зарра барнахӯрд, балки хеле ҳам хушҳол шудам; зеро мо урупоиҳоро меситоем, ки мардуми сареҳ ҳастанд ва рӯдарвосиҳои беҷо надоранд. Ман, ки қаблан аз эшон вақт нагирифта будам, ғафлат карда дар вақт номуносибе рафта будам. Ман аз сароҳати ин мард хушам омад, ки гуфт ҳоло ман кор дорам. Оё ин беҳтар буд ё ин ки бо нороҳатӣ маро мепазируфт ва доиман дар дилаш нороҳат буд ва бо худ мегуфт, ин бало чӣ буд, ки бар ман нозил шуд, вақти маро гирифт ва дарси маро хароб кард?! Ман бисёр хушҳол шудам, ки дар камоли сароҳат ва рукгӯӣ маро напазируфт. Чӣ қадр хуб аст марҷаъи мусалмонон ин тавр сареҳ бошад.“

Баргардем ба тафсири оятҳо: дар ояти баъд мефармояд:

لَيْسَ عَلَيْكُمْ جُنَاحٌ أَنْ تَدْخُلُوا بُيُوتًا غَيْرَ مَسْكُونَةٍ فِيهَا مَتَاعٌ لَكُمْ

Дар ин оят истисно қоил шудааст. Муфоди оят ин аст, ки дастуре, ки дар бораи касби изн дода шуд, махсуси хонаҳои маскунии афрод аст ва ҷанбаи хилватгоҳ дорад, аммо ҷоҳое, ки ин тавр нест ва рафту омад дар онҷо умумӣ аст, ин ҳукмро надорад, ҳарчанд он ки мутаъаллиқ ба дигарон бошад.

Масалан, агар шумо дар як посож ё ширкат ё мағоза кор доред, лозим нест ҷилави дар биистед ва изни вуруд бихоҳед. Ҳамчунин ҳаммоми умумӣ, ки дараш боз аст. Дар ин мавориди касби изн лозим нест. Бар шумо боке нест дари хонаҳое, ки маскун нест ва дар онҷо коре доред, бидуни иҷоза ворид шавед. Аз қайди:

فِيهَا مَتَاعٌ لَكُمْ

— фаҳмида мешавад, ки вуруди инсон дар ин гуна маконҳо дар сурате аст, ки коре дорад, вагарна музоҳимат барои соҳибони он маконҳо набояд фароҳам шавад.

وَاللَّهُ يَعْلَمُ مَا تُبْدُونَ وَمَا تَكْتُمُونَ

Яъне, ва Худо ба ошкору ниҳони шумо огоҳ аст, аз қасду нияти шумо бохабар аст, ки ба чӣ манзур вориди хона ва маҳалли кори касе мешавед.

Ояти баъд мефармояд:

قُلْ لِلْمُؤْمِنِينَ يَغُضُّوا مِنْ أَبْصَارِهِمْ وَيَحْفَظُوا فُرُوجَهُمْ

Яъне, бигӯ ба мардони мӯъмин, ки дидаҳои худро бихобонанд ва аврати хешро ҳифз кунанд…

## Айн ва басар

Дар ин оят (ояте, ки дар бахши пешин омада буд) калимаи “абсор”, ки ҷамъи “басар” аст ба кор рафтааст. Фарқ аст байни калимаи “басар” ва калимаи “айн”, ҳамон тавре, ки дар форсӣ ҳам фарқ аст байни калимаи “дида” ва калимаи “чашм”. “Айн”, ки форсии он “чашм” аст, номи узви махсус ва маъҳуд аст, бо қатъи назар аз кори он, вале калимаи “басар” ва ҳамчунин форсии он “дида”, аз он ҷиҳат ба чашм итлоқ мешавад, ки кори махсуси “дидан” (ибсор) аз он сар мезанад. Аз ин рӯ, ин ду калима агарчӣ исми як узв мебошад, вале мавриди истеъмоли онҳо тафовут дорад.

Вақте, ки як шоир мехоҳад таносуб ва зебоии чашми маъшуқро тавсиф кунад ва назар ба амали дидан надорад, лафзи “чашм”-ро ба кор мебарад. Дар ин маврид истеъмоли лафзи “дида” саҳеҳ нест, зеро дар инҷо иноят ба худи чашм аст, ба дуруштӣ ва резӣ ва мишкӣ ё мишӣ ё хуморӣ будани он аст, мисли ин ки шоир мегӯяд:

*Ду чашми масти ту хуш мекашанд ноз аз ҳам,*

*Намукунанд ду бадмаст эҳтироз аз ҳам.*

Вале вақте иноят ба кори чашм яъне амали дидан бошад, калимаи “дида”-ро ба кор мебаранд. Шоир мегӯяд:

*Дидаро фоида он аст, ки дилбар бинад.*

Дар ояти мавриди баҳс чун иноят ба кори чашм яъне амали дидан аст, калимаи “абсор” ба кор рафтааст, на калимаи “ъуйун”.

## Ғазз ва ғамз

Калимаи дигаре, ки дар ин оят ба кор рафтааст, калимаи:

يَغُضُّوا

— аст, ки аз моддаи “ғазз” аст. “Ғазз” ва “ғамз” ду луғат аст, ки ҳар ду дар мавриди чашм ба кор меравад ва бархе он дуро бо ҳам иштибоҳ мекунанд. Бояд маънои ин ду калимаро низ мушаххас кунем.

Ғамз ба маънои барҳам гузордани пилкҳост. Мегӯянд, ғамзи айн кун. Киноя аст аз ин ки сарфи назар кун.

Чунонки мулоҳиза мекунед, ин луғат бо калимаи “айн” ҳамроҳ мешавад, на бо калимаи “басар”. Вале дар мавриди калимаи “ғазз”, мегӯянд “ғаззи басар” ва ё “ғаззи назар” ва ё “ғаззи тарф”. Ғазз ба маънои коҳиш додан аст ва ғаззи басар яъне коҳиш додани нигоҳ. Дар Қуръони Карим, сураи Луқмон, ояти 19 аз забони Луқмон ба фарзандаш мегӯяд:

وَاغْضُضْ مِنْ صَوْتِكَ

Яъне садои худатро коҳиш бидеҳ, мулойим кун, фарёд накун. Дар ояти 3 аз сураи Ҳуҷурот мефармояд:

إِنَّ الَّذِينَ يَغُضُّونَ أَصْوَاتَهُمْ عِنْدَ رَسُولِ اللَّهِ أُولَئِكَ الَّذِينَ امْتَحَنَ اللَّهُ قُلُوبَهُمْ لِلتَّقْوَى

Яъне онон, ки садои худро (ҳангоми сухан гуфтан) дар ҳузури Расули Худо мулойим мекунанд, яъне фарёд барнамеоваранд, онон касоне ҳастанд, ки Худованд дилҳояшонро барои тақво озмоиш кардааст.

Дар ҳадиси маъруфи Ҳинд ибни Абиҳола, ки авсоф ва шамоили Расули Акрамро тавсиф карда чунин омадааст:

وإذا فرح غض طرفه

(*Тафсири Софӣ, зайли ояти 31 аз сураи Нур, нақл аз тафсири Алӣ ибни Иброҳим*) Яъне вақте, ки хушҳол мешуд, чашмҳоро ба ҳолати нимхуфта дармеовард. Бадеҳӣ аст, ки мақсуд ин нест, ки чашмҳоро рӯйи ҳам мегузошт ва ё ба тарафи муқобил нигоҳ намекард.

Марҳум Маҷлисӣ дар "Биҳор" ин ҷумларо ин тавр тафсир мекунад:

أي كسره وأطرق ولم يفتح عينه، وإنما يفعل ذلک ليكون أبعد من الأشر والمرح

Яъне пилки чашмро мешикаст ва сарро ба пойин меандохт ва чашмҳоро намегушуд. Чунин мекард, то аз ҳолати шодизадагӣ дур бошад. Маъмулан афроде, ки мағлуби эҳсосоти худ ҳастанд, ҳангоме, ки шодӣ ба онҳо рӯ меоварад, беихтиёр чашмҳоро гушод мекунанд ва қаҳ-қаҳа сар медиҳанд ва ба ҳаяҷон меоянд, бар хилофи афроди сангин ва бовиқор.

Алӣ алайҳис салом дар тавсияи маъруфаш ба фарзанди худ Муҳаммад ибни Ҳанафия ҳангоме, ки дар ҷанги Ҷамал парчамро ба ӯ дод фармуд: "*Кӯҳҳо агар аз ҷо канда шаванд, ту сари ҷойи худ бош, дандонҳоро рӯйи ҳам фишор бидеҳ (то хашму ғазабат таҳрик шавад), сари худро ба Худованд ория бидеҳ ва поҳоро дар замин мехкӯб кун.*" Он гоҳ дар охир изофа фармуд:

ارم ببصرک أقصى القوم وغض بصرک

(*"Наҳҷул-балоға", хутбаи 11 ва "Васоил", ҷилди 2, китоби Ҷиҳод, сафҳаи 429*) Яъне то охирин нуқтаи душманро назар биандоз ва чашмҳоро бихобон.

Бадеҳӣ аст, ки мақсуд ин нест, ки чашмҳоро бибанд ё нигоҳ накун; мақсуд ин аст, ки ба як нуқтаи муайян махсусан ба таҷҳизоти душман хира нашав.

Ҳамчунин дар дастуруламали умумии он ҳазрат ба асҳобаш дар ҷангҳо мефармояд:

**غضوا الأبصار فإنه أربط للجاش وأسكن للقلوب وأميتوا الأصوات فإنه أطرد للفشل**

(*"Наҳҷул-балоға", хутбаи 222 ва "Васоил", ҷилди 2, китоби Ҷиҳод, сафҳаи 430*)

Нигоҳҳоро ба таҷҳизоти душман кам кунед, ки ин тавр дилҳо муҳкамтар ва оромтар аст. Бонгҳоро кӯтоҳ кунед, ки ин тавр беҳтар сустиро тард мекунад.

Аз ҳамаи ин маворид чунин фаҳмида мешавад, ки маънии "ғаззи басар" коҳиш додани нигоҳ аст, хира нашудан ва тамошо накардан ва ба истилоҳ, назари истиқлолӣ наяфкандан аст.

Соҳиби "Маҷмаъул-баён" дар зайли ояти мавриди баҳс (ояти сураи Нур) мегӯяд:

**أصل الغض النقصان**

Яъне решаи маънии "ғазз" коҳиш ва камӣ аст:

**يقال غض من صوته ومن بصره أي نقص**

Яъне вақте, ки ин модда ба савт ва ё басар нисбат дода мешавад, яъне онро коҳиш дод. Дар зайли тафсири ояти сураи Ҳуҷурот мегӯяд:

**غض بصره إذا ضعفه عن حدة النظر**

Яъне маънии "ғазза басараҳу" ин аст, ки тунд нигоҳ карданро кам кард. Роғиби Исфаҳонӣ дар китоби нафиси "Муфрадотул-Қуърон" ин калимаро айнан ҳамин тавр маънӣ мекунад.

Бинобар ин дар ояти мавриди баҳс маънои:

**يَغُضُّوا مِنْ أَبْصَارِهِمْ**

— ин аст, ки нигоҳро коҳиш бидиҳанд, яъне хира нигоҳ накунанд ва ба истилоҳи уламои усул, назарашон олӣ бошад, на истиқлолӣ.

Тавзеҳ ин ки: як вақт нигоҳи инсон ба як шахс барои диққат кардан ба худи он шахс аст монанди ин ки бихоҳад вазъи либос ва кайфияти ороиши ӯро мавриди мутолеа қарор диҳад, масалан бибинад, кровоташро чӣ гуна бастааст ва мӯйи сарашро чӣ гуна ороиш кардааст. Вале як вақти дигар нигоҳ кардан ба шахсе, ки бо ӯ рӯ ба рӯст, барои ин аст, ки бо ӯ ҳарф мезанад ва чун лозимаи муколама нигоҳ кардан аст, ба ӯ нигоҳ мекунад.

Ин навъ аз нигоҳ кардан, ки ба унвони муқаддима ва василаи мухотаба аст, назари олӣ аст, вале навъи аввал назари истиқлолӣ аст. Пас маънии ҷумла ин аст: ба мӯъминин бигӯ ба занон хира нашаванд ва чашмчаронӣ накунанд.

Ин нукта бояд изофа шавад, ки бархе аз муфассирон, ки "ғаззи басар"-ро ба маънии тарк назар гирифтаанд, муддаӣ ҳастанд, ки мақсуд тарки назар ба аврат аст ҳамчунон ки ҷумлаи баъд низ нозир ба ҳифзи аврат аз назар аст. Ва боз ҳамон тавр, ки фуқаҳо

гуфтаанд, фаразан мақсуд аз “ғаззи басар” тарки нигоҳ ба таври куллӣ бошад, аъамм аз нигоҳе, ки ба манзури тамошо ва илтизоз бошад ва ё нигоҳе, ки лозимаи мухотаба аст, мутаъаллиқи нигоҳ зикр нашудааст, ки чист, вале агар чунонки мо истинбот кардем мақсуд аз “ғаззи басар” ин бошад, ки хира нигоҳ накунанд, яъне нозир ба нигоҳе бошад, ки лозимаи мухотаба аст ва мақсуд ин аст, ки чашмчаронӣ накунанд, қатъан мутаъаллиқи ғаззи басар чеҳра асту бас, зеро он чи зарурат иқтизо мекунад ҳамин қадр аст. Нигоҳ ба ғайри чеҳра (ва шояд ду даст то муч низ) ҳатто бо ғаззи басар низ ҷоиз нест.

## Сатри аврат

Дар ҷумлаи баъд мефармояд:

وَيَحْفَظُوا فُرُوجَهُمْ

Яъне ба мӯъминин бигӯ, аврати хешро ҳифз кунанд. Мумкин аст мақсуд ин бошад, ки покдоман бошанд ва домани худро аз ҳар чи ки раво нест нигаҳдорӣ кунанд, яъне аз зино ва фаҳшо ва ҳар кори зиште, ки аз ин мақула аст.

Вале ақидаи муфассирони аввалияи ислом ва ҳамчунин муфоди ахбор ва аҳодиси ворида ин аст, ки ҳар ҷо дар Қуръон калимаи ҳифзи фарҷ омадааст, мақсуд ҳифз аз зиност ҷуз дар ин ду оят, ки ба маънои ҳифз аз назар аст ва мақсуд вуҷуби сатри аврат аст. Чӣ ин тафсирро бигирем ё ҳифзи фарҷро ба маънии мутлақи покдоманӣ ва ифоф бигирем, дар ҳар ҳол, шомили масъалаи сатри аврат мебошад.

Дар ҷоҳилият байни аъроб сатри аврат маъмул набуд ва ислом онро воҷиб кард. Дар дунёи мутамаддини кунунӣ низ иддае аз ғарбиҳо кашфи авратро таъйид ва ташвиқ мекунанд. Дунё дубора аз ин назар ба сӯйи ҳамон вазъи замони ҷоҳилият савқ дода мешавад.

Рассел дар яке аз китобҳояш ба номи “Дар тарбият” яке аз чизҳое, ки аз ҷумлаи ахлоқи бемантиқ ва ба истилоҳ, “ахлоқи тобу” мешуморад, ҳамин масъалаи пӯшонидани аврат аст.

Вай мегӯяд, чаро падарону модарон исрор меварзанд, ки аврати худро аз бачча бипӯшонанд? Ин исрор худ сабаби таҳрики ҳисси кунҷковии баччаҳо мегардад. Агар кӯшиши волидайн барои кетмони узви таносулӣ набошад, чунин кунҷковии козибе вуҷуд пайдо нахоҳад кард. Бояд волидайн аврати худро ба баччаҳо нишон бидиҳанд, то онҳо ҳар чи ки вуҷуд дорад, аз аввал бишносанд.

Баъд изофа мекунад: лоақал гоҳе авқот — масалан ҳафтае як бор — дар саҳро ё ҳаммом бараҳна шаванд ва аврати худро дар маърази диди баччаҳо қарор диҳанд.
Рассел масъалаи махфӣ кардани авратро як “тобу” медонад. “Тобу” аз мавзӯоти баҳси ҷомеашиносӣ аст ва ба таҳримҳои тарсовар ва бемантиқ гуфта мешавад, ки дар миёни милали ваҳшӣ вуҷуд дошта ва дорад. Ба ақидаи амсоли Рассел, ахлоқи роиҷ дар ҷаҳони мутамаддини имрӯз низ пур аз “тобу” аст.
Аҷиб аст, ки башар ба номи тамаддун, мехоҳад ба қаҳқаро ва тавaҳҳуш бозгардад. Дар Қуръони Карим калимаи:

**الجاهلية الأولى**

— ворид шудааст. Шояд ишъор ба ҳамин ҷиҳат бошад, ки ҷоҳилияти қадим нахустин ҷоҳилият будааст. Дар баъзе аз ривоятҳо омадааст, ки:

**أي ستكون جاهلية أخرى**

Яъне мафҳуми оят ин аст, ки ба зудӣ як ҷоҳилияти дигар ҳам ба вуҷуд хоҳад омад.
Қуръон ба дунболи дастури сатри аврат мефармояд:

**ذَٰلِكَ أَزْكَىٰ لَهُمْ**

Яъне ин барои эшон покизатар аст; пӯшидани аврат як навъ назофат ва покии руҳ аст аз ин ки башар доиман дар бораи масоили марбут ба асофили аъзо биандешад.
Қуръон бо ин ҷумла мехоҳад фалсафа ва мантиқи ин корро баён кунад, дар ҳақиқат мехоҳад посухе ба аҳли ҷоҳилияти қадиму ҷадид бидиҳад, ки ин мамнӯъиятҳоро бемантиқ ва “тобу” нахонанд, мутаваҷҷеҳи осор ва мантиқи он бошанд.
Баъд мефармояд:

**إِنَّ اللَّهَ خَبِيرٌ بِمَا يَصْنَعُونَ**

Худо бад-он чи мекунанд огоҳ аст.
Дар таърих достоне аз Расули Акрам Саллаллоҳу алайҳи ва олиҳи дар ин замина ҳаст. Расули Акрам Саллаллоҳу алайҳи ва олиҳи мефармояд:
“*Дар кӯдакӣ чанд бор пешомадҳое барои ман шуд ва эҳсос кардам, ки як қувваи ғайбӣ ва як маъмури дарунӣ муроқиби ман аст ва маро аз иртикоби баъзе корҳо бозмедорад. Аз ҷумла ин ки вақте, ки бачча будам ва бо кӯдакон бозӣ мекардам, як рӯз яке аз риҷоли Қурайш кори сохтмонӣ дошт ва кӯдакон бар ҳасби ҳолати кӯдакӣ дӯст доштанд санг ва масолеҳи банноиро дар доман гирифта биёваранд ва наздики банно қарор диҳанд. Баччаҳо тибқи маъмули араб пероҳанҳои баланд ба тан доштанд ва шалвор надоштанд. Вақте, ки домани худро боло мегирифтанд, аврати онҳо макшуф мешуд.*

*Ман рафтам як санг дар доман бигирам. Ҳамин ки хостам доманамро баланд кунам, гӯӣ касе бо дасташ зад ва домани маро андохт. Як бори дигар хостам доманамро боло бигирам, боз ҳамон тавр шуд. Донистам, ки ман набояд ин корро бикунам.” (Шарҳи “Наҳҷул-балоға”-и Ибни Абилҳадид, хутбаи 190*)

Дар ояти баъд мефармояд:

وَقُلْ لِلْمُؤْمِنَاتِ يَغْضُضْنَ مِنْ أَبْصَارِهِنَّ وَيَحْفَظْنَ فُرُوجَهُنَّ

Айнан ҳамон ду таклиф: тарки назар ва покдоманӣ (пӯшонидани арат)-ро, ки барои мардон баён кардам, барои занон ҳам зикр фармудааст.

Аз инҷо ба хубӣ равшан мешавад, ки ҳадаф аз ин дастурот риояти масолеҳи башар аст хоҳ зан ё мард. Қонунҳои ислом бар пояи табъиз ва тафовут миёни зану мард бино нашудааст, вагарна мебояд ҳамаи ин таколифро барои зан қоил шавад ва барои мард ҳеч вазифае муқаррар надорад.

Агар мебинем, ки вазифаи “пӯшиш” ба зан ихтисос ёфтааст, аз ин ҷиҳат аст, ки милоки он махсуси зан аст. Чунонки қаблан ҳам ёдоварӣ кардем, зан мазҳари ҷамол ва мард мазҳари шефтагӣ аст. Қаҳран ба зан бояд бигӯянд, худро дар маъарази намоиш қарор надеҳ, на ба мард. Аз ин рӯ, бо ин ки дастури пӯшидан барои мардон муқаррар нашудааст, амалан мардон пӯшидатар аз занон аз манзил берун меравад, зеро тамоюли мард ба нигоҳ кардан ва чашмчаронӣ аст, на ба худнамоӣ. Ва баръакс тамоюли зан бештар ба худнамоӣ аст, на ба чашмчаронӣ. Тамоюли мард ба чашмчаронӣ, бештар занро таҳрик ба худнамоӣ мекунад ва тамоюл ба чашмчаронӣ камтар дар занон вуҷуд дорад, аз ин рӯ мардон камтар тамоюл ба худнамоӣ доранд. Ва ба ҳамин ҷиҳат “табарруҷ” аз мухтассоти занон аст.

## Зинат

Дар ҷумлаи баъд мефармояд:

وَلَا يُبْدِينَ زِينَتَهُنَّ إِلَّا مَا ظَهَرَ مِنْهَا

Калимаи “зинат” дар арабӣ аз калимаи “зевар”-и форсӣ аъам (оммтар) аст, зеро зевар ба зинатҳое гуфта мешавад, ки аз бадан ҷудо мебошад монанди тиллоҳо ва ҷавоҳирот, вале калимаи “зинат”, ҳам ба ин даста гуфта мешавад ва ҳам ба ороишҳое, ки ба бадан муттасил аст назири сурма ва хизоб.

Муфоди ин дастур ин аст, ки занон набояд ороиш ва зевари худро ошкор созанд. Сипас ду истисно барои ин вазифа зикр шудааст, ки ҳар дуро муфассалан мавриди баҳс қарор медиҳем.

## Истиснои аввал:

إِلَّا مَا ظَهَرَ مِنْهَا

Яъне ҷуз зинатҳое, ки ошкор аст. Аз ин иборат чунин истифода мешавад, ки зинатҳои зан ду навъ аст: як навъ, зинате аст, ки ошкор аст. Навъи дигар зинате аст, ки махфӣ аст, магар он ки зан амдан ва қасдан бихоҳад онро ошкор кунад.

Пӯшонидани зинати навъи аввал воҷиб нест, аммо пӯшонидани зинатҳои навъи дуввум воҷиб аст.

Ин ҷост, ки ин пурсиш ба сурати як мушкил пеш меояд, ки зинати ошкор кадом аст ва зинати ниҳон кадом?

Дар бораи ин истисно аз қадимтарини замонҳо, аз саҳоба ва тобеъин ва имомони тоҳирин алайҳимус салом суол мешуда ва ба он ҷавоб дода шудааст. Дар тафсири "Маҷмаъул-баён" мегӯяд:

"*Дар бораи ин истисно се қавл аст:*

*1) аввал ин ки мурод аз "зинати ошкор" ҷомаҳост (ҷомаҳои рӯ) ва мурод аз "зинати ниҳон" гӯшвора ва дастбанд аст. Ин қавл аз Ибни Масъуд, саҳобии маъруф нақл шудааст;*

*2) қавли дуввум ин ки мурод аз зинати зоҳир сурма ва ангуштар ва хизоби даст аст, яъне зинатҳое, ки дар чеҳра ва ду даст то муч воқеъ мешавад. Ин, қавли Ибни Аббос аст;*

*3) қавли севвум ин аст, ки мурод аз зинати ошкор, худи чеҳра ва ду даст то муч аст. Ин, қавли Заҳҳок ва Атост.*"

Дар Тафсири Софӣ зайли ин ҷумла як идда ривоятҳо аз имомони атҳор нақл мекунад, ки мо баъд нақл хоҳем кард.

Дар Тафсири Кашшоф мегӯяд: "*Зинат иборат аст аз чизҳое, ки зан худро бад-онҳо меорояд аз қабили тилло, сурма, хизоб. Зинатҳои ошкор аз қабили ангуштар, ҳалқа, сурма ва хизоб монеъе нест, ки ошкор бишавад ва аммо зинатҳои пинҳон аз қабили дастбанд, пойбанд, бозубанд, гарданбанд, тоҷ, камарбанд, гӯшвора бояд пӯшонида шавад, магар аз иддае, ки дар худи оят истисно шудаанд.*"

Мегӯяд: "*Дар оят пӯшонидани худи зинатҳои ботина матраҳ шудааст, на маҳаллҳои онҳо аз бадан. Ин ба хотири муболиға дар лузуми пӯшонидани он қисматҳое аз бадан аст аз қабили зироъ, соқи по, бозу, гардан, сар, сина, гӯш.*"

Он гоҳ соҳиби "Кашшоф" пас аз баҳсе дар бораи мӯҳои ориятӣ, ки ба мӯйи зан васл мешавад ва баҳси дигаре дар бораи таъйини мавозеъи зинати зоҳира, ин баҳсро пеш

мекашад, ки фалсафаи истиснои зинатҳои зоҳира аз қабили сурма ва хизоб ва ангуштар ва ҳалқа ва мавозеъи онҳо аз қабили чеҳра ва ду даст чист? Дар ҷавоб мегӯяд: “*Фалсафааш ин аст, ки пӯшонидани инҳо ҳараҷ аст, кори душворе аст бар зан. Зан чорае надорад аз ин ки бо ду дасташ ашёро бардорад ё бигирад ва чеҳраашро бигушояд, хусусан дар мақоми шаҳодат додан ва дар муҳокимот ва дар мавқеъи издивоҷ. Чорае надорад аз ин ки дар кӯчаҳо роҳ биравад ва хоҳ нохоҳ аз соқ ба пойинтар яъне қадамҳояш маълум мешавад, хусусан занони фақир (ки ҷӯроб ва аҳёнан кафш надоранд). Ва ин аст маънии ҷумлаи:*

***إِلَّا مَا ظَهَرَ مِنْهَا***

*Дар ҳақиқат мақсуд ин аст: магар он чи одатан ва табъан ошкор аст ва асли аввал эҷоб мекунад, ки ошкор бошад.*“

Соҳиби “Кашшоф” он гоҳ вориди фалсафаи истиснои дуввум (маҳорим) мешавад. Сипас вазъи занонро қабл аз нузули ин оятҳо шарҳ медиҳад, ки гиребонҳояшон гушод ва боз буд, гардан ва сина ва атрофи синаашон дида мешуд ва домани рӯсариҳоро маъмулан аз пушти сар бармегардонданд ва қаҳран қисматҳои гардан ва баногӯш ва сина дида мешуд.

Фахри Розӣ дар Тафсири Кабир пас аз ин ки баҳсе мекунад дар бораи ин ки оё луғати “зинат” танҳо ба зебоиҳои маснуъӣ гуфта мешавад ва ё зебоиҳои табииро ҳам шомил аст ва худ раъйи дуввумро интихоб мекунад; мегӯяд: “*Ба ақидаи касоне монанди Қаффол, ки мегӯянд, мурод зебоиҳои табиӣ аст, мақсуд аз зинати ошкор, чеҳра ва ду даст то муч аст дар занҳо ва чеҳра ва ду даст ва ду по аст дар мардҳо. Ба ақидаи Қаффол, чун зарурати муошарат эҷоб мекарда, ки чеҳра ва ду даст то муч боз бошад ва шариати ислом шариати саҳлу осон аст, пӯшонидани чеҳра ва ду даст то муч воҷиб нашудааст… Ва аммо касоне, ки зинатро ба умури маснуъӣ ҳамл кардаанд, гуфтаанд: мақсуд аз зинати зоҳира зинати чеҳра ва дастҳост аз қабили васма ва гулгуна ва хизоб ва ангуштар. Ва иллати ин истисно ин аст, ки пӯшонидани инҳо барои зан душвор аст. Зан ночор аст, ки бо дастҳои худ ашёро бардорад ва дар мақоми шаҳодат ва муҳокима ва издивоҷ ночор аст чеҳраи хеш бигушояд.*“

Дар бораи ин истисно аз имомон атҳор алайҳимус салом зиёд пурсиш шудааст ва онҳо ҷавоб додаанд. Мо чанд ривоят аз китобҳои ҳадис нақл мекунем. Дар Тафсири Софӣ низ ҳамин ривоятҳо ғолибан нақл шудааст. Зоҳиран дар ривоятҳои шиъа дар ин ҷиҳат ихтилофе нест. Инак ривоятҳо:

1)

عن زرارة عن أبي عبدالله عليه السلام في قوله: إلا ما ظهر منها قال: الزينة الظاهرة الكحل والخاتم

(*"Кофӣ", ҷ.5, с.521 ва "Васоил", ҷ.3, с.25*)

Яъне аз Имом Содиқ суол шуд, ки мақсуд аз зинати ошкор, ки пӯшиданаш барои зан воҷиб нест, чист? Фармуд: зинати ошкор иборат аст аз сурма ва ангуштар.

2)

عن علي بن إبراهيم القمي عن أبي جعفر عليه السلام في هذه الآية، قال: هي الثياب والكحل والخاتم وخضاب الكف والسوار، والزينة ثلاث: زينة للناس وزينة للمحرم و زينة للزوج، فأما زينة الناس فقد ذكرناها، وأما زينة المحرم فموضع القلادة فما فوقها والدملج وما دونه والخلخال وما أسفل منه، وأما زينة الزوج فالجسد كله

(*Тафсири Софӣ, зайли ояти 31 аз сураи Нур, нақл аз тафсири Алӣ ибни Иброҳими Қумӣ*)

Имом Боқир алайҳис салом фармуд: зинати зоҳир иборат аст аз ҷома, сурма, ангуштар, хизоби дастҳо, алангу. Сипас фармуд: зинат се навъ аст: яке барои ҳамаи мардум аст ва он ҳамин аст, ки гуфтем. Дуввум барои маҳрамҳост ва он, ҷойи гарданбанд ба болотар ва ҷойи бозубанд ба пойин ва халхол ба пойин аст. Севвум зинате аст, ки ихтисос ба шавҳар дорад ва он тамоми бадан зан аст.

3)

عن أبي بصير عن أبي عبدالله عليه السلام قال: سألته عن قول الله عز وجل :ولا يبدين زينتهن إلا ما ظهر منها، قال: الخاتم والمسكة وهي القلب

(*"Кофӣ", ҷ.5, с.521 ва "Васоил", ҷ.3, с.25*)

Абӯбасир мегӯяд: аз Имом Содиқ алайҳис салом тафсири:

ولا يبدين زينتهن إلا ما ظهر منها

— ро хостам, фармуд: иборат аст аз ангуштар ва дастбанд.

4)

عن بعض أصحابنا عن أبيعبدالله عليه السلام قال: قلت له: ما يحل للرجل من المرأه أن يرى إذا لم يكن محرما؟ قال: الوجه والكفان والقدمان

(*"Кофӣ", ҷ.5, с.521 ва "Васоил", ҷ.3, с.25*)

Ровӣ, ки як шиъа аст мегӯяд: аз ҳазрати Содиқ алайҳис салом пурсидам, ки барои мард нигоҳ кардан ба чӣ қисмат аз бадани зан ҷоиз аст дар сурате, ки маҳрами ӯ набошад? Фармуд: чеҳра ва ду каффи даст ва ду қадам.

Ин ривоят мутазаммини ҳукми ҷавози назар бар ваҷҳ ва каффайн аст, на ҳукми адами вуҷуби пӯшидани онҳо ва инҳо ду масъалаи ҷудогона мебошанд, вале баъдан хоҳем

гуфт, ишколи бештар дар ҷавози назар аст, на дар адами вуҷуби пӯшидан. Агар назар ҷоиз бошад, ба тариқи авло пӯшидан воҷиб нест. Баъдан дар ин бора баҳс хоҳем кард.

5) Асмоъ духтари Абӯбакр — ки хоҳари Оиша буд — ба хонаи Пайғамбари Акрам омад, дар ҳоле, ки ҷомаҳои нозук ва баданнамо пӯшида буд. Расули Акрам рӯйи хешро аз ӯ баргардонд ва фармуд:

**يا أسماء إن المرأه إذا بلغت المحيض لم تصلح أن يرى منها الا هذا وهذا، وأشار الى كفه ووجهه**

Эй Асмоъ! Ҳамин ки зан ба ҳадди булуғ расид, сазовор нест чизе аз бадани ӯ дида шавад магар ин ва ин — ишора фармуд ба чеҳра ва қисмати муч ба пойини дасти худаш. (*Сунани Абӯдовуд, ҷ.2, с.383*)

Ин ривоятҳо бо назари Ибни Аббос ва Заҳҳок ва Ато мунтабиқ аст, на бо назари Ибни Масъуд, ки муддаӣ будааст мақсуд аз зинати зоҳира ҷома аст.

Асосан назари Ибни Масъуд қобили тавҷеҳ нест, зеро ҷомае, ки худ ба худ ошкор аст, ҷомаи рӯ аст, на ҷомаи зер ва дар ин сурат маънӣ надорад, ки гуфта шавад, занон зинатҳои худро ошкор накунанд магар ҷомаи рӯро. Ҷомаи рӯ қобили пӯшондан нест, то истисно шавад; бар хилофи чизҳое, ки дар калимоти Ибни Аббос ва Заҳҳок ва Атост ва дар ривоятҳои шиъаи имомия омадааст; инҳо умуре аст, ки қобили ин ҳаст, ки дастури пӯшонидан ё напӯшонидани онҳо дода шавад.

Ба ҳар ҳол, ин ривоятҳо мефаҳмонад, ки барои зан пӯшонидани чеҳра ва дастҳо то муч воҷиб нест, ҳатто ошкор будани ороишҳои оддӣ ва маъмулӣ, ки дар ин қисматҳо вуҷуд дорад назири сурма ва хизоб, ки маъмулан зан аз онҳо холӣ нест ва пок кардани онҳо як амали фавқулъода ба шумор меравад низ монеъе надорад.

Ин матлабро тавзеҳ медиҳем, ки мо ин масъаларо аз назари худамон баён мекунем ва истинботи худамонро зикр менамоем ва аммо ҳар як аз оқоён ва хонумҳо аз ҳар кас, ки тақлид мекунанд, амалан бояд тобеъи фатвои марҷаъи тақлиди худашон бошанд. Он чи мо мегӯем, бо фатвои баъзе аз мароҷеъи тақлид татбиқ мекунад ва мумкин аст бо фатвои баъзе дигар татбиқ накунад (ҳарчанд фатвои мухолифе вуҷуд надорад, ҳар чи ҳаст, ба истилоҳ эҳтиёт аст, на фатвои сареҳ). Ғарази мо аз ин баҳс ин аст, ки шумо бо мутуни ислом аз наздик ошно шавед ва ба мантиқи матин ва муҳками ислом муҷаҳҳаз гардед.

Ҳама медонем имрӯз қишри азиме аз иҷтимоъ, ки ба ғалат худро “равшанфикр” муаррифӣ мекунанд, бо назари бадбинӣ ба ислом дар масоили марбут ба зан нигоҳ мекунанд, намедонанд ислом чӣ гуфтааст ва бо фалсафаи иҷтимоии ислом ошно нестанд ва аз ин рӯ бадбиниҳои онҳо сад дар сад беасос аст. Ин даста на танҳо ба пайравӣ аз шаҳавоти худ амалан муқайяд ба ҳиҷоб ва ифоф нестанд, балки чун бо ҳиҷоби исломӣ

ва мантиқи он ошно нестанд, эътиқод пайдо кардаанд, ки ин як хурофа аст, дастуре аст, ки мӯҷиби бадбахтии башар аст ва ҳамин фикр сабаби дурӣ, балки бегонагӣ ва хуруҷи онҳо аз ислом шудааст.

Агар танҳо амал накардан ва пайравӣ аз шаҳавот буд, саҳл буд; мавзӯъ, мавзӯъи инкори ислом ва беэътиқодӣ аст. Шумо бояд бо мантиқ ва фалсафаи иҷтимоии ислом аз наздик ошно шавед, то битавонед ҷавоби он ашхосро дар бархӯрдҳо бидиҳед.

Бадеҳӣ аст танҳо хондани рисолаҳои амалия ва огоҳӣ бар мутуни фатвоҳо барои ин манзур кофӣ нест, баҳсе истидлолӣ, ҳам аз ҷанбаи нақл ва ҳам аз ҷанбаи фалсафаи иҷтимоӣ лозим аст.

Ин ҷиҳат аст, ки ин баҳсро бар мо зарурӣ ва лозим кардааст ва ин аст муҳаррики мо дар баҳси истидлолӣ бо баёни адилла ва мадорики ин масъала.

Аммо ин ки зан нисбат ба маҳорими худ, то чӣ андоза ҳақ дорад пӯшиш надошта бошад, ривоятҳо ва фатвоҳо мухталиф аст. Он чи аз як идда ривоятҳо истинбот мешавад ва бар тибқи он низ баъзе аз фуқаҳо фатво додаанд ин аст, ки аз ноф то зону аз маҳорим ғайри шавҳар бояд пӯшида шавад.

## Кайфияти пӯшиш

Баъд аз ин истисно ин ҷумла омадааст:

وَلْيَضْرِبْنَ بِخُمُرِهِنَّ عَلَىٰ جُيُوبِهِنَّ

Яъне мебояд рӯсарии худро бар рӯйи сина ва гиребони хеш қарор диҳанд. Албатта рӯсарӣ хусусияте надорад, мақсуд пӯшидани сар ва гардан ва гиребон аст. Ҳамон тавр, ки қаблан аз Тафсири Кашшоф нақл кардем — дигарон низ ҳамон тавр гуфтаанд — занони араб маъмулан пероҳанҳое мепӯшиданд, ки гиребонҳояшон боз буд, даври гардан ва синаро намепӯшонид.

Рӯсариҳое ҳам, ки рӯйи сари худ меандохтанд, аз пушти сар меовехтанд (ҳамон тавре, ки алъон байни мардони араб мутадовил аст), қаҳран гӯшҳо ва баногӯшҳо ва гӯшвораҳо ва ҷилави сина ва гардан намоён мешуд. Ин оят дастур медиҳад, ки бояд қисмати овехтаи ҳамон рӯсариҳоро аз ду тарафи рӯйи сина ва гиребони худ биафкананд, то қисматҳои ёдшуда пӯшида гардад.

Ибни Аббос дар тафсири ин ҷумла гуфтааст:

تغطي شعرها وصدرها ترائبها وسوالفها

(*“Маҷмаъул-баён”, зайли ояти 31 сураи Нур*) Яъне зан мӯ ва сина ва даври гардан ва зери гулӯи худро бипӯшонад.

Ин оят ҳудуди пӯшишро мушаххас мекунад. Дар зайли ин оят шиъа ва суннӣ ривоят кардаанд, ки: "*Рӯзе дар ҳавои гарми Мадина зане ҷавон ва зебо дар ҳоле, ки тибқи маъмул рӯсарии худро ба пушти гардан андохта ва даври гардан ва баногӯшаш пайдо буд, аз кӯча убур мекард. Марде аз асҳоби Расули Худо аз тарафи муқобил меомад. Он манзараи зебо сахт назари ӯро ҷалб кард ва чунон ғарқи тамошои он зебо шуд, ки аз худаш ва атрофаш ғофил гашт ва ҷилави худашро нигоҳ намекард. Он зан вориди кӯчае шуд ва ҷавон бо чашми худ ӯро дунбол мекард. Ҳамон тавр, ки мерафт, ногаҳон устухон ё шишае, ки аз девор берун омада буд, ба сураташ исобат кард ва сураташро маҷрӯҳ сохт. Вақте ба худ омад, ки хун аз сару сураташ ҷорӣ шуда буд. Бо ҳамин ҳол ба ҳузури Расули Акрам рафт ва моҷароро ба арз расонд. Инҷо буд, ки ояти муборака нозил шуд:*

**قُلْ لِلْمُؤْمِنِينَ يَغُضُّوا مِنْ أَبْصَارِهِمْ**

(*"Кофӣ", ҷ.5, с.521 ва "Васоил", ҷ.3, с.24 ва Тафсири Софӣ ва тафсири Дуррул-мансури Суютӣ, ҷ.5, с.40 зайли ҳамин оят*)

Ин таркиби луғавӣ яъне таркиби луғати "зарб" бо луғати "ъало" ин маъниро мерасонад, ки чизеро бар рӯйи чизи дигар қарор диҳанд ба тавре, ки монеъ ва ҳоҷибе бар ӯ шумурда шавад.

Дар Тафсири Кашшоф мегӯяд:

**ضربت بخمارها على جيبها كقولك ضربت بيدي على الحائط إذا وضعتها عليه**

Ин таъбир назири ин аст, ки бигӯем: дасти худро рӯйи девор гузоштем.

Ҳамчунин дар "Кашшоф" дар зайли ояти 11 аз сураи Каҳф, ки ин таркиби луғавӣ дар онҷо омадааст ва мефармояд:

**فضربنا على آذانهم**

— мегӯяд:

**أي ضربنا عليها حجابا من أن تسمع**

Яъне бар рӯйи гӯшҳои онҳо пардае қарор додем, ки нашнаванд.

Дар тафсири "Маҷмаъул-баён" дар зайли ояти мавриди баҳс мегӯяд: "*Занон маъмур шудаанд, ки рӯсариҳои худро бар рӯйи синаи худ биафкананд, то даври гардани онон пӯшида шавад. Гуфта шудааст, ки қаблан доманаи рӯсариҳоро ба пушти сар меафкананд ва синаҳояшон пайдо буд. Калимаи "ҷуюб" (гиребонҳо) киноя аст аз синаҳо, зеро гиребонҳост, ки рӯйи синаҳоро мепӯшонад. Ва гуфта шудааст, ки аз он ҷиҳат ин дастур расидааст, ки занон мӯҳо ва гӯшвораҳо ва гарданҳои хешро бипӯшонанд.*

*Ибни Аббос дар зайли ин оят гуфтааст: зан бояд мӯй ва сина ва даври гардан ва зери гулӯи хешро бипӯшонад.“*

Тафсири Софӣ низ баъд аз зикри ҷумлаи:

وَلْيَضْرِبْنَ بِخُمُرِهِنَّ عَلَىٰ جُيُوبِهِنَّ

— мегӯяд: “*Барои ин ки гарданҳо пӯшида шавад*.“

Ба ҳар ҳол, манзур ин аст, ки ин оят дар камоли сароҳат ҳудуди пӯшиши лозимро баён мекунад. Муроҷеа ба тафосир ва ривоятҳо аъамм аз шиъа ва суннӣ ва махсусан ривоятҳои шиъа комилан матлабро равшан мекунад ва ҷойи тардид дар мафҳуми оят боқӣ намегузорад.

## Истисноӣ дуввум:

وَلَا يُبْدِينَ زِينَتَهُنَّ إِلَّا لِبُعُولَتِهِنَّ

Яъне зинатҳои худро ошкор накунанд магар барои шавҳарон ва …

Истиснои аввал миқдоре аз зинатро, ки намоён будани он нисбат ба умуми афрод ҷоиз аст муайян кард, аммо ин истисно ашхоси муайянеро ном мебарад, ки ошкор намудани мутлақи зинат барои онон ҷоиз аст. Дар истиснои аввал доираи мавриди истисно аз назари мавозеъ тангтар ва аз назари афрод васеътар аст ва дар истиснои дуввум баръакс аст.

Ғолиби ин ашхос, ки дар оят ном бурда шудаанд, ҳамон касоне ҳастанд, ки дар истилоҳи фиқҳ ба номи “маҳорим” хонда мешаванд ва аз ин қароранд:

1. لِبُعُولَتِهِنَّ– шавҳарон;
2. أَوْ آبَائِهِنَّ– падарон;
3. أَوْ آبَاءِ بُعُولَتِهِنَّ— падари шавҳарон;
4. أَوْ أَبْنَائِهِنَّ– писарон;
5. أَوْ أَبْنَاءِ بُعُولَتِهِنَّ— писари шавҳарон;
6. أَوْ إِخْوَانِهِنَّ– бародарон;
7. أَوْ بَنِي إِخْوَانِهِنَّ— писари бародарон;
8. أَوْ بَنِي أَخَوَاتِهِنَّ— писари хоҳарон;
9. أَوْ نِسَائِهِنَّ– занон;
10. أَوْ مَا مَلَكَتْ أَيْمَانُهُنَّ– мамлукон;
11. أَوِ التَّابِعِينَ غَيْرِ أُولِي الْإِرْبَةِ— туфайлиёне, ки коре бо зан надоранд;
12. أَوِ الطِّفْلِ الَّذِينَ لَمْ يَظْهَرُوا عَلَىٰ عَوْرَاتِ النِّسَاءِ— кӯдаконе, ки аз умури ҷинсӣ бехабаранд ё тавоноии кори заношӯӣ надоранд.

Дар мавориди зикршуда танҳо чаҳор мавриди ахир қобили баҳс аст:

**а) Занон (نِسَائِهِنَّ):**

Дар ин калима се эҳтимол дода шудааст:

1) ин ки мурод, занони мусалмон ҳастанд. Мафҳуми оят бино бар ин қавл ин аст, ки занони ғайримусалмон номаҳрам мебошанд ва зани мусалмон бояд худро аз эшон бипӯшонад;

2) ин ки мурод, мутлақ занон аст, хоҳ мусалмон ё ғайримусалмон;

3) ин ки мурод, занҳое аст, ки дар хона ҳастанд монанди занони хидматкор. Мафҳуми ин тафсир ин аст, ки ҳар зане ба ғайр аз занони дохили хона ба соири занон номаҳрам аст. Ин эҳтимол ба куллӣ мардуд аст, зеро яке аз мусалламот ва заруриёти ислом ин аст, ки зан ба зан маҳрам аст.

Эҳтимоли дуввум низ заъиф аст, зеро ки дар ин эҳтимол нуктае барои изофаи “нисо” ба замир вуҷуд надорад, вале тибқи эҳтимоли аввал нуктаи ин изофа ин аст, ки занони куффор бегона ҳастанд ва аз худашон намебошанд.

Ҳақиқат ин аст, ки эҳтимоли аввал қавитарини эҳтимолот аст ва ривоятҳо ҳам бар тибқи он ворид шуда, ки бараҳна шудани зани мусалмонро дар баробари занони яҳудия ё насрония манъ кардааст.

Дар ин ривоятҳо истинод шудааст ба ин ки занони ғайримусалмон мумкин аст зебоии занони мусалмонро барои шавҳарон ё бародарони худ тавсиф кунанд:

لأنهن قد يصفن لأزواجهن وأخوتهن

Бояд таваҷҷӯҳ дошт, ки дар инҷо масъалае вуҷуд дорад ва он ин аст, ки барои ҳеч зани мусалмон ҷоиз нест, ки маҳосин яъне зебоиҳои зани дигарро барои шавҳари худ тавсиф кунад. Вуҷуди ин таклиф занони мусалмонро дар баробари якдигар таъмин медиҳад, вале дар мавриди занони ғайримусалмон итминон нест, мумкин аст онон барои мардони худ аз вазъи занони мусалмон сухан бигӯянд. Аз ин рӯ ба занони мусалмон дастур дода шудааст, ки худро аз эшон бипӯшонанд. Вале албатта оят сароҳати комил надорад ба ин ки зоҳир кардани зинатҳо ва зебоиҳо дар баробари онҳо ҳаром аст. Аз ин рӯ бо қароин ва далоили дигар мумкин аст гуфта шавад, ки ин амал макрӯҳ аст. Фуқаҳо маъмулан дар ин масъала қоил ба вуҷуби пӯшиши зан нисбат ба занони ғайримусалмон нестанд ва танҳо ба кароҳати бепӯшишӣ фатво медиҳанд.

**б) Бардагон ва мамлукон (أَوْ مَا مَلَكَتْ أَيْمَانُهُنَّ):**

Дар ин ҷумла ду эҳтимол аст: яке ин ки мурод, хусуси канизон аст ва дигар ин ки мурод, мутлақи мамлук аст ва шомили ғуломон низ мебошад. Дар инҷо низ ривоятҳо таъйидкунандаи тафсири дуввум аст, вале фатвои фуқаҳо бо он ҳамоҳангӣ надорад.

Дар ривоят аст, ки марде аз мардуми Ироқ — ки ба воситаи муҷовират бо Эрон маъмулан дар ин масоил сахтгиртар буданд — омад ба Мадина ва ба ҳузури Имом Содиқ алайҳис салом мушарраф шуд. Ба муносибат сухан аз мардуми Мадина ба миён омад ва он мард эътироз кард ва гуфт, инҳо занони худро ҳамроҳи ғуломон мефиристанд ва аҳёнан занон ҳангоме, ки мехоҳанд савор шаванд, ба кӯмаки ғуломон савор мешаванд, масалан даст рӯйи шонаи ғуломон мегузоранд ва савор мешаванд. Имом Содиқ фармуд, ин кор монеъе надорад ва он гоҳ ояти 55 аз сураи Аҳзобро, ки муфиди ҳамин маънӣ аст, қироат фармуд:

**لَا جُنَاحَ عَلَيْهِنَّ فِي آبَائِهِنَّ وَلَا أَبْنَائِهِنَّ وَلَا إِخْوَانِهِنَّ وَلَا أَبْنَاءِ إِخْوَانِهِنَّ وَلَا أَبْنَاءِ أَخَوَاتِهِنَّ وَلَا نِسَائِهِنَّ وَلَا مَا مَلَكَتْ أَيْمَانُهُنَّ**

Яъне бар занон дар мавриди падарон ва писарон ва бародарон ва бародарзодагон ва хоҳарзодагон ва занон ва мамлукҳояшон боке нест… (*“Кофӣ”, ҷ.5, с.531*) Ба таври куллӣ бардагон аъамм аз ҷинси зан ё мард аз назари ислом дар бисёре аз аҳком истисноҳое доранд. Масалан, аз назари худи пӯшиш ва ҳурмати назар, канизон бо занони озод фарқ мекунанд. Бар канизон воҷиб нест, ки сарҳои худро бипӯшонанд ва ҳол он ки бар занони озод лозим аст сари худро бипӯшонанд. Зоҳиран сирри матлаб хидматкории онҳост. Бинобар ин баъид нест, ки ғуломон низ чунин истисное дошта бошанд.

Вале ҳамчунон ки гуфтем, аз назари фатвои фуқаҳо ин ҳукм баъид аст, аммо аз тарафи дигар ҳамли ҷумлаи:

**أَوْ مَا مَلَكَتْ أَيْمَانُهُنَّ**

— ба хусуси канизон низ бисёр мустабъад аст.

Агар бихоҳем истиснои мамлукро мунҳасир ба канизон бидонем, бояд бигӯем, занони озод бар якдигар мутлақан маҳрам мебошанд, вале канизон барои занони озод маҳрам нестанд, магар занони озоде, ки молики ин канизон мебошанд. Ва вақте ин матлабро ҳам бад-ин фатво изофа кунем, ки бисёре аз фуқаҳо пӯшишро барои каниз ҳатто нисбат ба мардони бегона воҷиб надонистаанд, натиҷа хеле аҷиб хоҳад буд, зеро натиҷа ин аст, ки каниз бар ҳамаи мардон маҳрам аст ва занони озод бар канизон номаҳрам мебошанд, яъне каниз комилан дар ҳукми як мард аст. Албатта чунин чизе дуруст нест.

**в) Туфайлиёне, ки ниёзе ба зан надоранд (أَوِ التَّابِعِينَ غَيْرِ أُولِي الْإِرْبَةِ):**

Қадри мусаллам, ин ҷумла девонагон ва афродеро, ки дорои шаҳват нестанд ва ҷозибаеро, ки дар зан аст дарк намекунанд шомил мегардад. Баъзеҳо умумияти бештаре дар оят қоил шудаанд ва онро шомили хоҷагон ҳарамсаро низ донистаанд ба истиноди ин ки хоҷагон низ ҳоҷате ба зан надоранд.

Маҳрам донистани хоҷагон ва овардани онон ба ҳарамсароҳо дар замонҳои қадим бар асоси ҳамин фатво будааст.

Бархе дигар дар оят таъмими бештаре додаанд ва гуфтаанд, шомили фуқаро ва масокин низ мебошад, яъне касоне, ки вазъи хосси онон ва шароити онон тавре аст, ки дар ин оламҳо нестанд. Касе, ки барои нонаш муъаттал аст ва ба хотири луқмаи ноне ба дунболи он медавад ва махсусан бо фосилаи табақотие, ки байни он ду вуҷуд дорад, ҳаргиз ба фикр масоили ҷинсӣ нахоҳад буд.

Вале ҳақиқат ин аст, ки ин андоза тавсиъа дар мафҳуми оят бисёр баъид аст. Қадри мусаллам ҳамон табақаи аввал аст ва агар бештар таъмим диҳем, ҳаддиаксар ин аст, ки табақаи дуввумро машмули оят бидонем.

**г) Кӯдаконе, ки аз умури ҷинсӣ бехабаранд ё тавоноӣ надоранд (أَوِ الطِّفْلِ الَّذِينَ لَمْ يَظْهَرُوا عَلَىٰ عَوْرَاتِ النِّسَاءِ):**

Ин қисматро низ ду ҷур метавон тафсир кард. Калимаи:

لَمْ يَظْهَرُوا

— аз моддаи “зуҳур” аст ва бо калимаи عَلَىٰ мутаъаддӣ шудааст. Мумкин аст таркиби ин ду калима мафҳуми “иттилоъ”-ро бидиҳад. Пас маънӣ чунин мешавад: кӯдаконе, ки бар умури ниҳонии занон огоҳ нестанд. Ва мумкин аст мафҳуми “ғалаба ва қудрат”-ро бидиҳад, пас маънӣ чунин мешавад: кӯдаконе, ки бар истифода аз умури ниҳонии занон тавоноӣ надоранд.

Тибқи эҳтимоли аввал мурод, баччаҳои ғайримумайиз ҳастанд, ки қудрати ташхиси ин гуна матолибро надоранд. Аммо тибқи эҳтимоли дуввум мақсуд, баччаҳое аст, ки қудрат бар умури ҷинсӣ надоранд яъне ғайриболиғ мебошанд, ҳарчанд мумайиз буда бошанд. Тибқи эҳтимоли дуввум атфоле, ки ҳама чиз мефаҳманд ва наздик ба ҳадди булуғ мебошанд, вале болиғ намебошанд, ҷузъи истисноҳо ҳастанд. Фатвои фуқаҳо низ бар тибқи ин тафсир аст.

Дар дунболаи оят мефармояд:

وَلَا يَضْرِبْنَ بِأَرْجُلِهِنَّ لِيُعْلَمَ مَا يُخْفِينَ مِنْ زِينَتِهِنَّ

Яъне занон ба манзури ошкор сохтани зинатҳои пинҳони худ пой бар замин накӯбанд.

Занони араб маъмулан халхол ба по мекарданд ва барои ин ки бифаҳмонанд халхоли қиматӣ ба по доранд, пойи худро муҳкам бар замин мекӯфтанд. Ояти карима аз ин кор ҳам наҳй фармуд.
Аз ин дастур метавон фаҳмид, ки ҳар чизе, ки мӯҷиби ҷалби таваҷҷӯҳи мардон мегардад монанди истеъмоли атрҳои тунд ва ҳамчунин ороишҳои ҷолиби назар дар чеҳра мамнӯъ аст.
Ба таври куллӣ зан дар муошарат набояд коре бикунад, ки мӯҷиби таҳрик ва таҳйиҷ ва ҷалби таваҷҷӯҳи мардони номаҳрам гардад.
Ҷумлаи охири оят чунин аст:

وَتُوبُوا إِلَى اللَّهِ جَمِيعًا أَيُّهَ الْمُؤْمِنُونَ لَعَلَّكُمْ تُفْلِحُونَ

Ҳама ба сӯйи Худо бозгашт кунед, бошад, ки растгор гардед.
Даъби Қуръон ин аст, ки дар поёни дастурҳо мардумро ба Худо мутаваҷҷеҳ месозад, то дар ба кор бастани фармонҳои ӯ саҳлангор набошанд.

## Оёти дигар

Оятҳои 58, 59, 60 сураи Нур низ марбут ба ҳамин мабоҳис аст. Тафсири онҳоро низ зикр мекунем:

يَا أَيُّهَا الَّذِينَ آمَنُوا لِيَسْتَأْذِنْكُمُ الَّذِينَ مَلَكَتْ أَيْمَانُكُمْ وَالَّذِينَ لَمْ يَبْلُغُوا الْحُلُمَ مِنْكُمْ ثَلَاثَ مَرَّاتٍ مِنْ قَبْلِ صَلَاةِ الْفَجْرِ وَحِينَ تَضَعُونَ ثِيَابَكُمْ مِنَ الظَّهِيرَةِ وَمِنْ بَعْدِ صَلَاةِ الْعِشَاءِ ثَلَاثُ عَوْرَاتٍ لَكُمْ لَيْسَ عَلَيْكُمْ وَلَا عَلَيْهِمْ جُنَاحٌ بَعْدَهُنَّ طَوَّافُونَ عَلَيْكُمْ بَعْضُكُمْ عَلَى بَعْضٍ كَذَلِكَ يُبَيِّنُ اللَّهُ لَكُمُ الْآيَاتِ وَاللَّهُ عَلِيمٌ حَكِيمٌ. وَإِذَا بَلَغَ الْأَطْفَالُ مِنْكُمُ الْحُلُمَ فَلْيَسْتَأْذِنُوا كَمَا اسْتَأْذَنَ الَّذِينَ مِنْ قَبْلِهِمْ كَذَلِكَ يُبَيِّنُ اللَّهُ لَكُمْ آيَاتِهِ وَاللَّهُ عَلِيمٌ حَكِيمٌ. وَالْقَوَاعِدُ مِنَ النِّسَاءِ اللَّاتِي لَا يَرْجُونَ نِكَاحًا فَلَيْسَ عَلَيْهِنَّ جُنَاحٌ أَنْ يَضَعْنَ ثِيَابَهُنَّ غَيْرَ مُتَبَرِّجَاتٍ بِزِينَةٍ وَأَنْ يَسْتَعْفِفْنَ خَيْرٌ لَهُنَّ وَاللَّهُ سَمِيعٌ عَلِيمٌ

*“Эй касоне, ки имон овардаед! Боист мамлукҳои шумо ва кӯдакони ноболиғи шумо дар се вақт иҷозаи духул бигиранд: пеш аз намози субҳ ва ҳангоми нимрӯз, ки ҷомаҳои хеш мениҳед ва баъд аз намози ишо (ки омодаи хоб мешавед). Ин се вақти хилвати шумост. Дар ғайри ин се вақт, бар шумо ва бар онон боке нест (ки беиҷоза ворид шаванд). Онҳо ва шумо зиёд бар якдигар мегузаред. Худованд оятҳоро чунин баён мекунад. Худованд доно ва ҳаким аст. Ва чун кӯдакони шумо ба ҳадди булуғ расиданд, бояд монанди дигарон иҷозаи вуруд бигиранд. Худованд оятҳои хешро чунин баён мекунад. Худованд доно ва ҳаким аст. Занони бознишаста, ки умеди издивоҷ надоранд, боке нест дар ҳоле,*

*ки худро ба зеваре наёростаанд ва қасди худнамоӣ надоранд, ҷомаи хеш ба замин ниҳанд ва агар аз ин низ худдорӣ кунанд, барояшон беҳтар аст. Худованд шунаво ва доност.*”

Дар ин оятҳо ду истисно, яке барои қонуни касби иҷоза дар вақти вуруд дар утоқи дигарон ва дигар барои қонуни пӯшиши занон зикр шудааст. Ояти аввал ва дуввум роҷеъ ба истиснои аввал ва ояти севвум роҷеъ ба истиснои дуввум аст.

Қаблан ин дастурро шарҳ додем, ки ҳар кас мехоҳад вориди маҳалли хилвати дигаре шавад, бояд эълом кунад ва бо касби иҷоза ворид шавад ва гуфтем, ин дастур ҳатто дар мавриди маҳорими наздик монанди писар нисбат ба модар ва падар нисбат ба духтар низ ҷорӣ аст. Дар ин оятҳо ду табақа аз ин дастур истисно шудаанд. Барои ин ду табақа иҷоза хостан фақат дар се навбат лозим шумурда шудааст ва дар авқоти дигар лозим диниста нашудааст. Ин ду табақа иборатанд аз:

1) الَّذِينَ مَلَكَتْ أَيْمَانُكُمْ— мамлукони шумо;

2) وَالَّذِينَ لَمْ يَبْلُغُوا الْحُلُمَ مِنْكُمْ — кӯдакони ноболиғи шумо.

Се навбате, ки ин ду даста бояд иҷоза бихоҳанд, иборат аст аз: пеш аз намози субҳ ва ҳангоми нимрӯз, ки афрод ба хотири гармо либоси рӯро аз тан даровaрда истироҳат мекунанд ва баъд аз намози ишо, ки ҳангоми рафтан ба рахти хоб аст.

Дар ин мавоқеъ маъмулан зан ё мард дар либоси ғайриоддӣ ҳастанд ва чун тоза аз хоб бархостаанд (қабл аз намози субҳ) ва ё тоза мехоҳанд ба хоб раванд (баъд аз намози ишо) ва ё дар ҳоли истироҳатанд (вақти зуҳр), маъмулан бо либоси хоб ба сар мебаранд. Дар чунин авқоте мамлукон ва писарони ноболиғ бояд бо касби иҷоза вориди утоқ шаванд, вале дар мавоқеъи дигар ба иллати эҳтиёҷ ба рафту омадҳои мукаррар –

طَوَّافُونَ عَلَيْكُمْ بَعْضُكُمْ عَلَى بَعْضٍ

— истизон лозим нест. Дар ин оятҳо се нукта ҷалби таваҷҷӯҳ мекунад:

1) Ин ки:

الَّذِينَ مَلَكَتْ أَيْمَانُكُمْ

— бо мавсуле, ки барои ҷамъи музаккар аст (الَّذِينَ) зикр шудааст ва ҳатман шомили ғуломон мебошад чунонки дар тафосир ва ривоятҳо низ тасреҳ шудааст. Аз он ҷумла ривояте аст дар “Кофӣ” аз ҳазрати Содиқ алайҳис салом:

قال: هي خاصة في الرجال دون النساء. قيل: فالنساء يستأذن في هذه الثلاث ساعات؟ قال: لا ولكن يدخلن ويخرجن

(“*Кофӣ”, ҷ.5, с.529*) Ин дастур (иҷоза хостан дар се навбат) махсуси мардон аст. Суол шуд, ки оё занон бояд иҷоза бигиранд? Фармуд: на, ҳамин тавр меоянд ва мераванд.

Ин ки ғуломон дар ғайри ин се навбат ҳақ доранд бидуни иҷоза вориди утоқи зан шаванд, худ далел бар ин аст, ки ғуломон низ вазъи истисноӣ доранд ва ин худ шоҳиде қавӣ мебошад бар ин ки дар ояти пӯшиш ҳам, ки қаблан тафсир кардем, ҷумлаи:

مَا مَلَكَتْ أَيْمَانُهُنَّ

— шомили ғуломон низ мебошад. Ҳатто дар ояте, ки феълан мавриди баҳс аст, таъбир ба:

مَلَكَتْ أَيْمَانُكُمْ

— шудааст (бо замири музаккар), яъне лозим нест, ки барда мамлуки худи зан бошад.
Дар инҷо набояд эътироз кард, ки акнун расми бардагӣ мансух шудааст ва бардае вуҷуд надорад ва пофишорӣ дар ин баҳсҳо бесамар аст, зеро аввалан: равшан шудани назари ислом дар ин масоил моро ба ҳадафи куллии ин қонунҳо, ки бархе аз онҳо мавриди ибтило низ мебошад беҳтар воқиф месозад. Ва сонияи: агар фақеҳи мутаҳаввире ҷуръат кунад, чӣ басо ҳукми ғуломонро аз роҳи милоку манот, ба мавориди мушобеҳи он аз қабили хидматкорон битавонад таъмим диҳад.
2) Аз ҷумлаи:

طَوَّافُونَ عَلَيْكُمْ بَعْضُكُمْ عَلَى بَعْضٍ

— фаҳмида мешавад: рамзи ин ки дар мавриди ғуломон ва писарони nоболиғ иҷозаи хостан воҷиб нест ин аст, ки вуҷуби истизони инҳо ба воситаи такаррури омаду шуд мӯҷиби ҳараҷ ва воқеъ шудан дар мазиқа аст.
Дар ҳақиқат ибоҳае дар ин маворид низ аз ин боб аст, ки таклиф мӯҷиби душворӣ мешудааст, на аз ин ҷиҳат, ки таклиф милок надорад.
Мо мӯътақидем, ки соири истисноҳои боби пӯшиш масалан истисной ваҷҳ ва каффайн ва ҳамчунин истисной маҳорим низ аз ҳамин қабил аст. Қаблан дар ин бора баҳсе шуд. Ба зудӣ дубора машрӯҳтар баҳс хоҳем кард.
3) Атфоле, ки дар ин оят мукаллаф шудаанд, ки монанди мардони бузург дар се навбат иҷоза бигиранд, атфоле ҳастанд, ки ба ҳадди булуғ нарасидаанд. Бинобар ин атфоли ноболиғ ҳарчанд мумайиз ва наздик ба булуғ, дар ғайри се вақте, ки оят таъйин шудааст, метавонанд бидуни касби иҷоза вориди хилватгоҳ шаванд.
Ин оят ба зоҳир метавонад қарина бошад, ки мақсуд аз ҷумлаи:

أَوِ الطِّفْلِ الَّذِينَ لَمْ يَظْهَرُوا عَلَىٰ عَوْرَاتِ النِّسَاءِ

— ки дар ояти пӯшиш омадааст ва қаблан ду эҳтимол дар маънии он додем, атфоли ноболиғ аст, на атфоли ғайримумайиз.

Ва аммо истисноe, ки дар бораи масъалаи пӯшиш аст:

**وَالْقَوَاعِدُ مِنَ النِّسَاءِ اللَّاتِي لَا يَرْجُونَ نِكَاحًا فَلَيْسَ عَلَيْهِنَّ جُنَاحٌ**

Ин севвумин истисност дар масъалаи пӯшиш. Истиснои аввал ва дуввум дар ояти 31 ҳамин сура ва истиснои севвум дар ин оят омадааст. Дар инҷо мефармояд:

"*Занони аз по афтодае, ки умеде ба издивоҷ надоранд, метавонанд либоси рӯйи худро бар замин ниҳанд машрут бар ин ки нахоҳанд худнамоӣ ва худороӣ бикунанд. Дар айни ҳол агар ҷониби ифофро риоят кунанд ва худро пӯшида доранд, беҳтар аст ва Худо шунаво ва доност*."

Мақсуд аз:

**الْقَوَاعِدُ**

— киёнанд? Мақсуд занони солхӯрдае ҳастанд, ки аз ҷанбаи зан будан бознишаста шудаанд, яъне дигар матлуби мард — аз назари ҷинсӣ — воқеъ намешаванд ва аз ин рӯ умеде ба издивоҷ надоранд. Мумкин аст тамаъ дошта бошанд, вале умед надоранд. Ҷумлаи:

**أَنْ يَضَعْنَ ثِيَابَهُنَّ**

— мефаҳмонад, ки зан ду навъ либос дорад: яке, либоси берун ва дигар либоси дохили манзил. Он чи рухсат дода шудааст ин аст, ки занони солхӯрда метавонанд либоси рӯро дарбиёваранд, вале дар айни ҳол ба онҳо иҷозаи худнамоӣ ва худороӣ дода нашудааст.

Дар ривоятҳои исломӣ ҳудуди бардоштани пӯшиш барои занони солхӯрда таъйин гардидааст ва зикр шуда, ки ҷоиз аст рӯсарии худро бардоранд:

**الحلبي عن أبيعبدالله عليه السلام أنه قرأ أن يضعن ثيابهن، قال: الخمار والجلباب. قلت: بين يدي من كان؟ فقال: بين يدي من كان، غير متبرجة بزينة، فإن لم تفعل فهو خير لها**

(*"Кофӣ" ҷ.5, с.522, "Васоил", ҷ.3, с.25 ва 26*)

Убайдуллоҳи Ҳалабӣ гуфт, ки Имом Содиқ фармуд мақсуд аз:

**أَنْ يَضَعْنَ ثِيَابَهُنَّ**

— рӯсарӣ аст.

Гуфтам: ҷилави ҳар кас, ки буд? Фармуд: ҷилав ҳар кас, ки буд, аммо ба шарти ин ки содда бошад ва нахоҳад худороӣ ва худнамоӣ кунад.

Аз ҷумлаи:

وَأَنْ يَسْتَعْفِفْنَ خَيْرٌ

— метавон як қонуни куллӣ истинбот кард ва он ин аст, ки аз назари ислом, ҳар қадр зан ҷониби ифоф ва сатрро бештар муроъот кунад, писандидатар аст ва рухсатҳои тасҳилӣ ва ирфоқӣ, ки ба ҳукми зарурат дар бораи ваҷҳ ва каффайн ва ғайра дода шудааст, ин асли куллии ахлоқӣ ва манзилиро набояд аз ёд бибарад.

## Ҳамсарони пайғамбар

Оятҳои аслии марбут ба вазифаи пӯшиш ҳамон оятҳои сураи Нур буд, ки баён шуд. Оятҳое чанд ҳам дар сураи Аҳзоб аст, ки метавон онҳоро дар ҳошияи ин матлаб зикр кард.

Қисмате аз ин оятҳо марбут аст ба занони Расули Худо ва қисмати дигар дастурҳое аст, ки дар бораи ҳифзи ҳарими ифоф ворид шудааст. Аммо қисмати аввал:

**يَا نِسَاءَ النَّبِيِّ لَسْتُنَّ كَأَحَدٍ مِنَ النِّسَاءِ ۚ إِنِ اتَّقَيْتُنَّ فَلَا تَخْضَعْنَ بِالْقَوْلِ فَيَطْمَعَ الَّذِي فِي قَلْبِهِ مَرَضٌ وَقُلْنَ قَوْلًا مَعْرُوفًا. وَقَرْنَ فِي بُيُوتِكُنَّ وَلَا تَبَرَّجْنَ تَبَرُّجَ الْجَاهِلِيَّةِ الْأُولَىٰ**

(*Аҳзоб/32-33*)

Дар ин ду оят, мухотаб, занони Пайғамбари Акрам Саллаллоҳу алайҳи ва олиҳи мебошанд:

“*Эй занони Пайғамбар! Шумо ҳамчун соири занон нестед агар парҳезгор бошед. Мувозиб бошед, ки дар сухан нармиши занона ва шаҳватолуд ба кор набаред, ки мӯҷиби тамаъи бемордилон гардад. Ба хубӣ ва шоистагӣ сухан бигӯед. Дар хонаҳои хештан қарор гиред ва монанди даврони ҷоҳилияти нахустин ба худнамоӣ ва худорои аз хона берун нашавед…*”

Мақсуд аз ин дастур, зиндонӣ кардани занони Пайғамбар дар хона нест, зеро таърихи ислом ба сароҳат гувоҳ аст, ки Пайғамбари Акрам Саллаллоҳу алайҳи ва олиҳи занони худро бо худ ба сафар мебурд ва ононро аз берун шудан аз хона манъ намефармуд. Мақсуд аз ин дастур он аст, ки зан ба манзури худнамоӣ аз хона берун нашавад ва махсусан дар мавриди занони Пайғамбари Акрам Саллаллоҳу алайҳи ва олиҳи ин вазифа сангинтар ва муаккадтар аст.

Ояти 53 сураи Аҳзоб чунин аст:

يَا أَيُّهَا الَّذِينَ آمَنُوا لَا تَدْخُلُوا بُيُوتَ النَّبِيِّ إِلَّا أَنْ يُؤْذَنَ لَكُمْ إِلَىٰ طَعَامٍ غَيْرَ نَاظِرِينَ إِنَاهُ وَلَٰكِنْ إِذَا دُعِيتُمْ فَادْخُلُوا فَإِذَا طَعِمْتُمْ فَانْتَشِرُوا وَلَا مُسْتَأْنِسِينَ لِحَدِيثٍ ۚ إِنَّ ذَٰلِكُمْ كَانَ يُؤْذِي النَّبِيَّ فَيَسْتَحْيِي مِنْكُمْ ۖ وَاللَّهُ لَا يَسْتَحْيِي مِنَ الْحَقِّ ۚ وَإِذَا سَأَلْتُمُوهُنَّ مَتَاعًا فَاسْأَلُوهُنَّ مِنْ وَرَاءِ حِجَابٍ ۚ ذَٰلِكُمْ أَطْهَرُ لِقُلُوبِكُمْ وَقُلُوبِهِنَّ ۚ وَمَا كَانَ لَكُمْ أَنْ تُؤْذُوا رَسُولَ اللَّهِ وَلَا أَنْ تَنْكِحُوا أَزْوَاجَهُ مِنْ بَعْدِهِ أَبَدًا ۚ إِنَّ ذَٰلِكُمْ كَانَ عِنْدَ اللَّهِ عَظِيمًا

Арабҳои мусалмон бепарво вориди утоқҳои Пайғамбар мешуданд; занҳои Пайғамбар Саллаллоҳу алайҳи ва олиҳи ҳам дар хона буданд. Оят нозил шуд, ки аввалан, сар зада ва бидуни иҷоза вориди хонаи Пайғамбар нашавед ва агар барои сарфи ғизо даъват шудед, ба мавқеъ биёед ва баъд ҳам бархезед ва биравед ва ба қиссагӯӣ ва сӯҳбатҳои мутафаррика вақт нагиред, зеро ин умур Пайғамбарро нороҳат мекунад ва ӯ шарм мекунад шуморо аз хонаи худ берун кунад, вале Худо аз шумо шарм намекунад. Ва сониян, вақте мехоҳед чизе аз занони Пайғамбар бигиред, аз пушти парда бихоҳед бидуни ин ки дохили утоқ шавед. Ин корҳо барои покизагии дили шумо ва дили онҳо беҳтар аст. Шумо набояд Пайғамбарро озор диҳед ва на занони ӯро пас аз даргузашти Пайғамбар ба занӣ бигиред, ки ин корҳо дар назди Худо бузург аст.

Дар ин оят, калимаи “ҳиҷоб” зикр шудааст. Ҳамон тавре, ки қаблан гуфтем, дар калимоти кудамо ҳар ҷо сухан аз ояти ҳиҷоб аст, мақсуд ҳамин оят аст. Дастури ҳиҷоб, ки дар ин оят аст, ғайр аз дастури “пӯшиш” аст, ки мавриди баҳси мо мебошад. Дастуре, ки дар ин оят зикр шудааст, роҷеъ ба сунани хонаводагӣ ва рафторе аст, ки инсон бояд дар хонаи дигарон дошта бошад. Тибқи ин дастур, мард набояд вориди ҷойгоҳи занон шавад, балки агар чизе мехоҳад ва мавриди эҳтиёҷи ӯст, бояд аз пушти девор садо бизанад. Ин масъала рабте ба баҳси “пӯшиш”, ки дар истилоҳи фиқҳ низ таҳти унвони “сатр” на “ҳиҷоб” номида мешавад, надорад.

Ҷумлаи:

ذَٰلِكُمْ أَطْهَرُ لِقُلُوبِكُمْ وَقُلُوبِهِنَّ

— монанди ҷумлаи:

وَأَنْ يَسْتَعْفِفْنَ خَيْرٌ لَهُنَّ

— ки дар ояти 60 аз сураи Нур омадааст, далолат мекунад, ки ҳар андоза марду зан ҷониби сатру пӯшиш ва тарки бархӯрдҳое, ки мусталзими назар аст риоят намоянд, ба тақво ва покӣ наздиктар аст.

Ҳамон тавр, ки гуфтем, рухсатҳои тасҳилӣ ва ирфоқӣ, ки ба ҳукми зарурат дода шудааст, набояд руҳҳони ахлоқии сатру пӯшиш ва тарки назарро аз ёд бибарад.

## Ҳарими ифоф

Ояти 59-60 сураи Аҳзоб чунин аст:

**يَا أَيُّهَا النَّبِيُّ قُلْ لِأَزْوَاجِكَ وَبَنَاتِكَ وَنِسَاءِ الْمُؤْمِنِينَ يُدْنِينَ عَلَيْهِنَّ مِنْ جَلَابِيبِهِنَّ ذَلِكَ أَدْنَى أَنْ يُعْرَفْنَ فَلَا يُؤْذَيْنَ وَكَانَ اللَّهُ غَفُورًا رَحِيمًا. لَئِنْ لَمْ يَنْتَهِ الْمُنَافِقُونَ وَالَّذِينَ فِي قُلُوبِهِمْ مَرَضٌ وَالْمُرْجِفُونَ فِي الْمَدِينَةِ لَنُغْرِيَنَّكَ بِهِمْ ثُمَّ لَا يُجَاوِرُونَكَ فِيهَا إِلَّا قَلِيلًا**

*“Эй пайғамбар! Ба ҳамсарон ва духтаронат ва ба занони мӯъминин бигӯ, ки ҷилбобҳои (рӯсариҳо) хешро ба худ наздик созанд. Ин кор барои ин ки шинохта шаванд ва мавриди азият қарор нагиранд наздиктар аст ва Худо омурзанда ва меҳрубон аст. Агар мунофиқон ва бемордилон ва касоне, ки дар шаҳр нигаронӣ ба вуҷуд меоваранд, аз корҳои худ даст барнадоранд, мо туро алайҳи эшон хоҳем барангехт. Дар он вақт фақат муддати каме дар муҷовирати ту хоҳанд зист.”*

Дар ин оят ду матлабро бояд мавриди диққат қарор дод: яке ин ки “ҷилбоб” чист ва наздик кардани он яъне чӣ? Дигар ин ки он чи ба унвони иллат ва фоидаи ин дастур зикр шуда, ки “шинохта шаванд ва мавриди озор воқеъ нашаванд” чӣ маънӣ дорад?

Аммо матлаби аввал: дар ин ки ҷилбоб чӣ навъ либосеро мегӯянд, калимоти муфассирон ва луғавийин мухталиф аст ва ба даст овардани маънои саҳеҳи калима душвор мебошад. Дар “Ал-мунҷид” менависад:

**الجلباب: القميص أو الثوب الواسع**

Ҷилбоб, пероҳан ё либоси гушод аст.

Дар “Муфрадот”-и Роғиб, ки китоби дақиқ ва мӯътабаре аст ва махсуси шарҳи луғатҳои Қуръон нигошта шудааст, мегӯяд:

**الجلابيب: القمص والخمر**

Яъне пероҳан ва рӯсарӣ.

“Қомус” мегӯяд:

**الجلباب كسرداب وسنمار: القميص وثوب واسع للمرأه دون الملحفة أو ما تغطي به ثيابها من فوق كالملحفة، أو هو الخمار**

Ҷилбоб иборат аст аз пероҳан ва як ҷомаи гушод ва бузург, кучактар аз милҳафа ва ё худи милҳафа (чодурмонанд), ки зан ба василаи он тамоми ҷомаҳои хешро мепӯшад.

Дар “Лисонул-араб” менависад:

الجلباب ثوب أوسع من الخمار دون الرداء تغطي به المرأه رأسها وصدرها

Ҷилбоб ҷомае аст аз чорқад бузургтар ва аз або кучактар. Зан ба василаи он сару синаи худро мепӯшонад.

Иборати “Кашшоф” низ қариб ба ҳамин аст ва дар тафсири “Маҷмаъул-баён” он ҷо, ки луғатро маънӣ мекунад, мегӯяд:

الجلباب خمار المرأه الذي يغطي رأسها ووجهها إذا خرجت لحاجة

Ҷилбоб иборат аст аз рӯсарие, ки дар мавқеъи хуруҷ аз манзил ба кор бурда мешавад ва сару суратро бо он мепӯшонанд.

Вале зимни тафсири оят мегӯяд:

أي قل لهولاء فليسترن موضع الجيب بالجلباب وهو الملائة التي تشتمل بها المرأة

Мақсуд ин аст, ки бо рӯпӯше, ки зан ба худ мегирад, маҳалли гиребонро бипӯшонад.

Баъд мегӯяд: “Ва гуфта шудааст, ки ҷилбоб ҳамон чорқад аст ва мақсуди оят ин аст, ки занони озод дар вақти берун рафтан, пешониҳо ва сарҳоро бипӯшонанд.“

Чунонки мулоҳиза мефармоед, маънии “ҷилбоб” аз назари муфассирон чандон равшан нест.

Он чи саҳеҳтар ба назар мерасад ин аст, ки дар асли луғат калимаи “ҷилбоб” шомили ҳар ҷомаи васеъ мешудааст, вале ғолибан дар мавриди рӯсариҳое, ки аз чорқад бузургтар ва аз ридо кучактар будааст, ба кор мерафтааст. Зимнан маълум мешавад, ду навъ рӯсарӣ барои занон маъмул будааст: як навъ рӯсариҳои кучак, ки онҳоро “химор” ё “мақнаъа” меномидаанд ва маъмулан дар дохили хона аз онҳо истифода мекардаанд. Навъи дигар рӯсариҳои бузург, ки махсуси хориҷи манзил будааст. Ин маънӣ бо ривоятҳое, ки дар онҳо лафзи “ҷилбоб” зикр шудааст низ созгор аст, монанди ривояти Убайдуллоҳи Ҳалабӣ, ки дар тафсири ояти 60 сураи Нур нақл кардем. Мазмунаш ин буд, ки дар мавриди занони солхӯрда ҷоиз аст химор ва ҷилбобро канор бигузоранд ва нигоҳ ба мӯйи онҳо монеъе надорад. Аз ин ҷумла фаҳмида мешавад, ки ҷилбоб василаи пӯшонидани мӯйи сар будааст.

Ҳамчунин дар ривоятҳои дигар дар “Кофӣ” (*ҷ.5, с.522*) дар тафсири ҳамон оят ворид шудааст, ки ҳазрати Содиқ алайҳис салом мефармояд:

الخمار والجلباب إذا كانت المرأه مسنة

Яъне вақте зани солхӯрдае бошад, ҷоиз аст чорқад ва рӯсариро замин бигузорад.

Бинобар ин мақсуд аз наздик сохтани ҷилбоб, пӯшидан бо он мебошад, яъне вақте мехоҳанд аз хона берун бираванд, рӯсарии бузурги худро бо худ бардоранд. Албатта

маънии луғавии наздик сохтани чизе, пӯшонидан бо он нест, балки аз мавриd чунин истифода мешавад. Вақте, ки ба зан бигӯянд, ҷомаатро ба худ наздик кун, мақсуд ин аст, ки онро раҳо накун, онро ҷамъу ҷур кун, онро беасар ва бехоссият раҳо накун ва худро бо он бипӯшон.

Истифодаи занон аз рӯпӯшҳои бузург, ки бар сар меафкандаанд, ду ҷур будааст: як навъ сирфан ҷанбаи ташрифотӣ ва исме доштааст ҳамчунон ки дар асри ҳозир баъзе бонувони чодуриро мебинем, ки чодур доштани онҳо сирфан ҷанбаи ташрифотӣ дорад. Бо чодур ҳеч ҷойи бадани худро намепӯшонанд, онро раҳо мекунанд. Вазъи чодур сар карданашон нишон медиҳад, ки аҳли парҳез аз муошарат бо мардони бегона нестанд ва аз ин ки мавриди баҳрабардории чашмҳо қарор бигиранд, ибо ва имтиноъе надоранд. Навъи дигар баръакс буда ва ҳаст: зан чунон бо муроқабат ҷомаҳои худро ба худ мегирад ва онро раҳо намекунад, ки нишон медиҳад аҳли ифоф ва ҳифоз аст. Худ ба худ нопокдилонро маъюс месозад. Баъдан хоҳем гуфт, ки таълиле, ки дар зайли ҷумла омадааст таъйидкунандаи ҳамин маънӣ аст.

Ва аммо матлаби дуввум яъне баҳс дар иллате, ки барои ин дастур зикр шудааст:

Муфассирон гуфтаанд: гурӯҳе аз мунофиқин аввалҳои шаб, ки ҳаво тоза торик мешуд, дар кӯчаҳо ва маъобир музоҳим канизон мешуданд. Албатта барои канизон чунонки қаблан гуфтем, пӯшонидани сар воҷиб набудааст. Гоҳе аз авқот ин ҷавонони музоҳим ва фосид мутаъарризи занони озод низ мешуданд ва баъд муддаӣ мешуданд, ки мо нафаҳмидем озодзан аст ва пиндоштем каниз аст.

Аз ин рӯ ба занони озод дастур дода шуд, ки бидуни ҷилбоб яъне дар ҳақиқат бидуни либоси комил, аз хона хориҷ нашаванд, то комилан аз канизон ташхис дода шаванд ва мавриди музоҳимат ва азият қарор нагиранд.

Баёни мазкур холӣ аз эрод нест, зеро чунин мефаҳмонад, ки музоҳимат нисбат ба канизон монеъе надорад ва мунофиқин онро ба унвони узре мақбул барои худ зикр мекардаанд, дар ҳоле, ки чунин нест. Агарчӣ пӯшонидани мӯйи сар бар канизон воҷиб набудааст ва шояд рамзи он ҳам ин буда, ки вазъи каниз маъмулан ҷолиб ва таҳрикомез нест ва мавриди рағбати касе воқеъ намешавад ва ба илова корашон хидмат буда чунонки қаблан ишора кардем, вале дар ҳар ҳол ин музоҳиматҳо ҳатто дар мавриди канизон низ гуноҳ маҳсуб мешудааст ва мунофиқин наметавонистаанд каниз буданро узри худ қаламдод кунанд.

Эҳтимоли дигаре, ки дар маънои ин ҷумла дода шуда ин аст, ки вақте зани пӯшида ва сангин аз хона берун равад ва ҷониби ифоф ва покдоманиро риоят кунад, афроди фосид ва музоҳим ҷуръат намекунанд мутаъаррizи онҳо шаванд.

Бино ба эҳтимоли аввал, маънии ҷумлаи:

ذَٰلِكَ أَدْنَىٰ أَنْ يُعْرَفْنَ فَلَا يُؤْذَيْنَ

— ин аст, ки бад-ин васила шинохта мешаванд, ки озоданд на каниз, пас мавриди озору таъқиби ҷавонон қарор намегиранд. Вале бино ба эҳтимоли дуввум, маънии ҷумла ин аст, ки бад-ин васила шинохта мешаванд, ки занони наҷибу афиф мебошанд ва бемордилон аз ин ки ба онҳо тамаъ бибананд, чашм мепӯшанд, зеро маълум мешавад инҷо ҳарими ифоф аст, чашми тамаъ кӯр ва дасти хиёнат кӯтоҳ аст.

Дар ин оят ҳудуди пӯшиш баён нашудааст. Аз ин оят наметавон фаҳмид, ки оё пӯшидани чеҳра лозим аст ё на. Ояте, ки мутаъаррizи ҳудуди пӯшиш аст, ояти 31 сураи Нур аст, ки қаблан дар бораи он баҳс шуд.

Матлабе, ки аз ин оят истифода мешавад ва як ҳақиқати ҷовидонӣ аст ин аст, ки зани мусалмон бояд ончунон дар миёни мардум рафту омад кунад, ки алоими ифоф ва виқор ва сангинӣ ва покӣ аз он ҳувайдо бошад ва бо ин сифат шинохта шавад ва дар ин вақт аст, ки бемордилон, ки дунболи шикор мегарданд, аз онҳо маъюс мегарданд ва фикри баҳракашӣ аз онҳо дар мухайялаашон хутур намекунад. Мебинем, ки ҷавонони велгард ҳамеша мутаъаррizи занони сабук ва лухту урён мегарданд. Вақте, ки ба онҳо эътироз мешавад, ки чаро музоҳим мешавӣ, мегӯянд, агар дилаш ин чизҳоро нахоҳад, бо ин вазъ берун намеояд.

Ин дастур, ки дар ин оят омадааст, монанди дастуре аст, ки дар 25 оят қабл аз ин оят хитоб ба занони Расули Худо ворид шудааст:

فَلَا تَخْضَعْنَ بِالْقَوْلِ فَيَطْمَعَ الَّذِي فِي قَلْبِهِ مَرَضٌ

Яъне дар сухан гуфтан риққати занона ва шаҳватолуд, ки мӯҷиб таҳрики тамаъи бемордилон мегардад ба кор набаред. Дар ин оят дастури виқор ва ифоф дар кайфияти сухан гуфтанро баён мекунад ва дар ояти мавриди баҳс дастури виқор дар рафту омадро.

Мо қаблан гуфтем, ки ҳаракоту саканоти инсон гоҳе забондор аст. Гоҳе вазъи либос, роҳ рафтан, сухан гуфтани зан маънидор аст ва ба забони безабонӣ мегӯяд, дилатро ба ман бидеҳ, дар орзуи ман бош, маро таъқиб кун. Гоҳе баръакс бо безабонӣ мегӯяд, дасти таъарруз аз ин ҳарим кӯтоҳ аст.

Ба ҳар ҳол, он чи аз ин оят истифода мешавад ин аст, на кайфияти хоссе барои пӯшиш. Аз назари кайфияти пӯшиш фақат ояти 31 сураи Нур аст, ки матлабро баён мефармояд ва бо таваҷҷӯҳ бад-ин, ки ин оят баъд аз ояти сураи Нур нозил шудааст, метавон фаҳмид, ки манзур аз:

يُدْنِينَ عَلَيْهِنَّ مِنْ جَلَابِيبِهِنَّ

— ин аст, ки дастури қаблии сураи Нурро комилан риоят намоянд, то аз шарри озори музоҳимон роҳат гарданд.

Дар ояти қабл аз ин оят мефармояд:

وَالَّذِينَ يُؤْذُونَ الْمُؤْمِنِينَ وَالْمُؤْمِنَاتِ بِغَيْرِ مَا اكْتَسَبُوا فَقَدِ احْتَمَلُوا بُهْتَانًا وَإِثْمًا مُبِينًا

Яъне онон, ки бидуни ҷиҳат мардону занони боимонро озор мерасонанд, бӯҳтон ва гуноҳи бузурге муртакиб мегарданд. Ин оят расман ба касоне пархош мекунад, ки мардону занони мусалмонро озор мерасонанд. Билофосила ба занон дастур медиҳад, ки дар рафтори худ виқор ва сангиниро комилан риоят кунанд, то аз озори афроди музоҳим масуният пайдо кунанд. Таваҷҷӯҳ бад-ин оят беҳтар ба фаҳми мақсуди ояти мавриди баҳс кӯмак мекунад.

Муфассирон ғолибан ҳадафи ҷумлаи:

يُدْنِينَ عَلَيْهِنَّ مِنْ جَلَابِيبِهِنَّ

— ро пӯшонидани чеҳра донистаанд, яъне ин ҷумларо киноя аз пӯшидани чеҳра донистаанд. Муфассирон қабул доранд, ки мафҳуми аслии:

يُدْنِينَ

— пӯшонидан нест, аммо чун ғолибан пиндоштаанд, ки ин дастур барои бозшинохта шудани занони озод аз канизон будааст, инчунин таъбир кардаанд. Вале мо қаблан гуфтем, ки ин тафсир саҳеҳ нест. Ба ҳеч ваҷҳ қобили қабул нест, ки Қуръони Карим фақат занони озодро мавриди иноят қарор диҳад ва аз озори канизони мусалмон чашм бипӯшад. Он чи аҷиб ба назар мерасад ин аст, ки муфассироне, ки дар инҷо чунин гуфтаанд, ғолибан ҳамонҳо ҳастанд, ки дар тафсири сураи Нур бо камоли сароҳат гуфтаанд, ки пӯшонидани чеҳра ва ду даст лозим нест ва онро амри ҳараҷӣ донистаанд, аз қабили Замахшарӣ ва Фахри Розӣ. Чӣ тавр шудааст, ки ин муфассирон мутаваҷҷеҳи таноқуз дар сухани худ нашудаанд ва иддае мансухияти ояти Нурро ҳам накардаанд.

Ҳақиқат ин аст, ки ин муфассирон таноқузе миёни мафҳуми ояти Нур ва ояти Аҳзоб қоил набудаанд. Ояти Нурро як дастури куллӣ ва ҳамешагӣ медонистаанд хоҳ музоҳимате дар кор бошад ё набошад, вале ояти сураи Аҳзобро махсуси мавриде медонистаанд, ки зани озод ё мутлақи зан мавриди музоҳимати афроди велгард қарор мегирифтааст.

Нуктае аз ояти мавриди баҳс истифода мешавад ва он ин аст, ки афроде, ки дар кӯчаҳову хиёбонҳо музоҳими занон мегарданд, аз назари қонуни ислом мустаҳиққи муҷозоти сахт

ва шадиде мебошанд. Танҳо масалан онҳоро ба калонтарӣ ҷалб кардан ва тарошидани сари онҳо кофӣ нест, бисёр сахттар бояд муҷозот шаванд. Қуръон мефармояд:

**لَئِنْ لَمْ يَنْتَهِ الْمُنَافِقُونَ وَالَّذِينَ فِي قُلُوبِهِمْ مَرَضٌ وَالْمُرْجِفُونَ فِي الْمَدِينَةِ لَنُغْرِيَنَّكَ بِهِمْ ثُمَّ لَا يُجَاوِرُونَكَ فِيهَا إِلَّا قَلِيلًا**

Яъне агар инҳо даст аз амали зишти худ барнадоранд, туро фармон медиҳем, ки ба онҳо ҳамла барӣ, ки дигар ҷуз андаке дар паноҳи ту нахоҳанд буд. Ҳадди ақалли он чи аз ин оят мафҳум мешавад, табъиди онҳо аз ҷомеаи поки исломӣ аст. Ҷомеа ҳар андоза барои ифоф ва покӣ эҳтироми бештаре қоил бошад, барои хоинон муҷозоти шадидтаре қоил мешавад ва акси он, баръакс.

## Ҳудуди пӯшиш

## Баррасӣ

Акнун мехоҳем ҳудуди пӯшише, ки дар ислом бар зан воҷиб шудааст, бо таваҷҷӯҳ ба ҳамаи далоили мувофиқ ва мухолифе, ки дар масъала ҳаст, аз дидаи фиқҳӣ баррасӣ кунем.

Муҷаддадан тавзеҳ медиҳем, ки баҳси мо ҷанбаи илмӣ дорад, на фатвоӣ. Ин банда назари худамро мегӯям ва ҳар як аз шумо бояд амалан ба фатвои ҳамон муҷтаҳиде амал кунад, ки аз ӯ тақлид менамояд.

Қаблан лозим аст матолиберо, ки аз назари фиқҳи исломӣ қатъӣ ва мусаллам аст мушаххас кунем ва сипас ба мавориде, ки мавриди ихтилоф ва қобили баҳс аст бипардозем:

1. Дар ин ки пӯшонидани ғайри ваҷҳ ва каффайн бар зан воҷиб аст, аз лиҳози фиқҳи ислом ҳеч гуна тардиде вуҷуд надорад. Ин қисмат ҷузъи заруриёт ва мусалламот аст. На аз назари Қуръон ва ҳадис ва на аз назари фатвоҳо дар ин бора ихтилоф ва ташкике вуҷуд надорад. Он чи мавриди баҳс аст, пӯшиши чеҳра ва дастҳо то муч аст.

2. Масъалаи “вуҷуби пӯшиш”-ро, ки вазифаи зан аст, аз масъалаи “ҳурмати назар бар зан”, ки марбут ба мард аст бояд тафкик кард. Мумкин аст касе қоил шавад ба адами вуҷуби пӯшидани ваҷҳ ва каффайн бар зан ва дар айни ҳол назар бидиҳад ба ҳурмати назар аз ҷониби мард. Набояд пиндошт, ки байни ин ду масъала мулозима аст. Ҳамчунон ки аз лиҳози фиқҳӣ мусаллам аст, ки бар мард воҷиб нест сари худро бипӯшонад, вале ин далел намешавад, ки бар зан ҳам нигоҳ кардан ба сару бадани мард ҷоиз бошад.

Бале, агар дар масъалаи назар қоил ба ҷавоз шавем, дар масъалаи пӯшиш ҳам бояд қоил ба адами вуҷуб шавем, зеро бисёр мустабъад аст, ки назари мард бар ваҷҳ ва каффайни зан ҷоиз бошад, вале кашфи ваҷҳ ва каффайн бар зан ҳаром бошад. Баъдан нақл хоҳем кард, ки дар миёни арбоби фатво дар қадим касеро наметавон ёфт, ки қоил ба вуҷуби пӯшидани ваҷҳ ва каффайн бошад, вале ҳастанд касоне, ки назарро ҳаром медонанд.

3. Дар масъалаи ҷавози назар тардиде нест, ки агар назар аз рӯйи "талаззуз" ё "риба" бошад ҳаром аст.

"Талаззуз" яъне лаззат бурдан ва нигоҳ аз рӯйи талззуз яъне нигоҳ ба қасди лаззат бурдан бошад. Ва аммо "риба" яъне назар ба хотири талаззуз ва чашмчаронӣ нест, вале хусусияти нозир ва манзурун илайҳ маҷмӯан тавре аст, ки хатарнок аст ва хавф ҳаст, ки лағзише ба дунболи нигоҳ кардан ба вуҷуд ояд.

Ин ду навъ назар мутлақан ҳаром аст, ҳатто дар мавриди маҳорим. Танҳо мавриде, ки истисно шуда назаре аст, ки муқаддимаи хостгорӣ аст, ки дар ин маврид агар талаззуз ҳам бошад — ки маъмулан ҳам ҳаст — ҷоиз аст. Албатта шарташ ин аст, ки воқеан ҳадафи шахс издивоҷ бошад, яъне мард ҷиддан ба хотири издивоҷ бихоҳад занро бибинад ва аз лиҳози соири хусусиёти мавриди назар занро писандида бошад, на он ки барои чашмчаронӣ қасди издивоҷро баҳона қарор диҳад.

Қонуни илоҳӣ монанди қонунҳои башарӣ нест, ки битавон бо суратсозии хаёлӣ худро роҳат кард. Дар инҷо виҷдони инсон ҳоким аст ва Худои Мутаъол, ки ҳеҷ чиз бар ӯ пӯшида нест муҳосиб. Бинобар ин бояд гуфт, дар ҳақиқат истисное дар кор нест, зеро он чи қатъан ҳаром аст, нигоҳ ба қасди талаззуз аст ва он чи монеъе надорад ин аст, ки нигоҳ ба қасди талаззуз набошад, вале талаззуз қаҳран пайдо шавад.

Фуқаҳо тасреҳ кардаанд, ки ҷоиз нест касе ба занҳо нигоҳ кунад, то дар байни онҳо якеро интихоб кунад. Он чи ҷоиз аст, дар мавриди як зани хосс аст, ки ба ӯ муаррифӣ шудааст ва дар бораш меандешад, аз соири ҷиҳот тардиде надорад, фақат аз назари чеҳра ва андом тардид дорад, мехоҳад бибинад оё меписандад ё на? Бархе дигар аз фуқаҳо ба сурати эҳтиёт матлабро баён кардаанд.

## Чеҳра ва ду даст (ваҷҳ ва каффайн)

Баъд аз ин ки мавориди қатъии пӯшишро баён кардем, навбат мерасад ба баҳс дар бораи "пӯшиши ваҷҳ ва каффайн".

Масъалаи пӯшиш бар ҳасби ин ки пӯшонидани ваҷҳ ва каффайн воҷиб бошад ё набошад, ду фалсафаи комилан мутафовит пайдо мекунад.

Агар пӯшиши ваҷҳ ва каффайнро лозим бидонем, дар ҳақиқат тарафдори фалсафаи парданишинии зан ва мамнӯъияти ӯ аз ҳар навъ коре ҷуз дар муҳити хосси хона ва ё муҳитҳои сад дар сад ихтисосии занон ҳастем.

Вале агар пӯшидани соири баданро лозим бидонем ва ҳар навъ амали муҳаррик ва таҳйиҷомезро ҳаром бишуморем ва бар мардон низ назар аз рӯйи лаззат ва рибаро ҳаром бидонем, аммо танҳо пӯшидани гирди чеҳра ва пӯшидани дастҳо то мучро воҷиб надонем, он ҳам ба шарти ин ки холӣ аз ҳар навъ ороиши ҷолиби таваҷҷӯҳ ва муҳаррик ва муҳайиҷ бошад, балки содда ва оддӣ бошад, он вақт масъала сурати дигаре пайдо мекунад ва тарафдори фалсафаи дигаре ҳастем ва он фалсафа ин аст, ки лузуме надорад зан илзоман ба даруни хона ронда шавад ва парданишин бошад, балки сирфан бояд ин фалсафа риоят гардад, ки ҳар навъ лаззати ҷинсӣ ихтисос дошта бошад ба муҳити хонавода ва конуни иҷтимоъ бояд пок ва муназзаҳ бошад ва ҳеч гуна комҷӯӣ хоҳ басарӣ ва хоҳ ламсӣ ва хоҳ самъӣ набояд дар хориҷ аз кодри ҳамсарӣ сурат бигирад. Бинобар ин зан метавонад ҳар навъ кор аз корҳои иҷтимоиро ӯҳдадор шавад.

Албатта дар инҷо чанд нукта ҳаст:

а) Мо феълан дар ин мақом нестем, ки оё зан дар дараҷаи аввал бояд ба вазоифи хонаводагӣ амал кунад ё хайр? Шак нест, ки мо тарафдори ин ҳастем, ки вазифаи аввали зан модарӣ ва хонасолорӣ аст.

б) Бархе аз маносиб аст, ки аз назари ин ки оё зан аз назари ислом метавонад ӯҳдадор бишавад ё на, ниёзманди баҳси ҷудогона ва муфассал аст, аз қабили сиёсат ва қазоъ ва ифто (фатво додан ва марҷаъияти тақлид). Мо дар бораи инҳо ҷудогона баҳс хоҳем кард.

в) Хилват бо аҷнабия холӣ аз ишкол нест. Шояд ақидаи аксари фуқаҳо ҳурмат бошад. Мо феълан назар ба он навъ кори иҷтимоӣ надорем, ки мусталзими хилват бо аҷнабия аст.

г) Аз назари ислом мард раиси хонавода аст ва зан узви ин доира аст. Бинобар ин дар ҳудуде, ки мард масолеҳи хонаводагиро дар назар мегирад, ҳақ дорад, ки занро аз кори муайяне манъ кунад.

Мақсуди мо ин аст, ки агар пӯшидани чеҳра ва ду даст махсусан чеҳра, воҷиб бошад, худ ба худ шуоъи фаъолияти зан ба андаруни хона ва иҷтимоъоти хосси занон маҳдуд мешавад, вале агар пӯшидани гирди чеҳра воҷиб набошад, ин маҳдудият худ ба худ лозим намеояд. Агар аҳёнан маҳдудияте пайдо шавад, аз ҷиҳати хосс истисное хоҳад буд.

Ба ҳар ҳол, бо лозим набудани пӯшидан гирди чеҳра, ҳукми шаръии бархе аз корҳо аз назари ҳурмат ё ҷавоз равшан мегардад. Бисёре аз корҳост, ки аз назари фиқҳӣ ва шаръӣ

аввалан ва биззот бар зан ҳаром нест, вале агар пӯшиши ваҷҳ ва каффайнро лозим бишуморем, сонияна ва билараз бар зан ҳаром аст, яъне аз он ҷиҳат ҳаром аст, ки мусталзими боз гузоштани чеҳра ва ду даст мешавад. Бинобар ин ҷавоз ва адами ҷавози он корҳо барои зан бастагӣ бад-ин дорад, ки пӯшиши ваҷҳ ва каффайн воҷиб бошад ё набошад. Мо зайлан чанд намуна аз ин корҳоро матраҳ мекунем:

1. Оё барои зан ронандагӣ ҷоиз аст?

Медонем, ки масъалаи ронандагӣ бахусус ҳукме надорад, бояд дид он зан метавонад вазоифи дигари худро дар ҳини ронандагӣ иҷро кунад ё на? Агар пӯшиши ваҷҳ ва каффайн воҷиб бошад, бояд гуфт, зан наметавонад ронандагӣ кунад.

2. Оё кори фурӯшандагӣ дар хориҷ аз манзил барои зан ҷоиз аст ё на?

Албатта мақсуд он навъ фурӯшандагиҳо нест, ки феълан дар дунё маъмул аст ва дар ҳақиқат фиребандагӣ аст, на фурӯшандагӣ.

3. Оё кори идорӣ барои зан ҷоиз аст ё на?

4. Оё зан ҳақ дорад ӯҳдадори тадрис — ҳарчанд барои мардон — бишавад ё на? Ва оё ҳақ дорад, ки дар килосе, ки мард тадрис мекунад мутааллим бошад ё на?

Агар бигӯем, пӯшиши ваҷҳ ва каффайн лозим нест ва мард ҳам дар сурате, ки назари риба ва талаззуз надошта бошад, метавонад ба ваҷҳ ва каффайн нигоҳ кунад, натиҷа ин аст, ки монеъе надорад, вагарна ҷоиз нест.

Хулоса ин ки ваҷҳ ва каффайн марзи маҳбусият ва адами маҳбусияти зан аст ва эродҳое, ки мухолифони пӯшиш мегиранд дар сурате аст, ки ҳиҷоби ваҷҳ ва каффайнро лозим бидонем. Вале агар пӯшидани ваҷҳ ва каффайнро воҷиб надонем, дар пӯшиши соири қисматҳои бадан ҳеч гуна ишколтарошӣ наметавон кард, балки ишкол бар тарафи мухолиф ворид аст.

Агар зан мараз надошта бошад ва нахоҳад лухт берун биёяд, пӯшидани як либоси содда, ки тамоми бадан ва сар ҷуз чеҳра ва ду даст то мучро бипӯшонад, монеъи ҳеч фаъолияти берунӣ нахоҳад буд. Балки баръакс, табарруҷ ва худнамоӣ ва пӯшидани либосҳои танг ва мӯдҳои рангоранг аст, ки занро ба сурати мавҷуде мӯҳмал ва ғайрифаъол дармеоварад, ки бояд тамоми вақташро масруфи ҳифзи ороиши худ кунад. Мо ба зудӣ тавзеҳ хоҳем дод ва қаблан низ аз қудамои муфассирон нақл кардем, ки истиснои ваҷҳ ва каффайн ба манзури рафъи ҳараҷ ва имкон додан ба фаъолияти зан аст ва ба ҳамин милок аст, ки ислом онро воҷиб нашумурдааст.

Акнун далоили мувофиқ ва мухолифро дар масъала таҳқиқ мекунем.

## Далелҳои мувофиқ

Ба чанд далел метавон гуфт, ки пӯшиши ваҷҳ ва каффайн воҷиб нест:

1. Ояти “пӯшиш”, ки ҳамон ояти 31 сураи Нур аст ва барои баёни ин вазифа ва таъйини ҳудуд он аст, пӯшонидани ваҷҳ ва каффайнро лозим нашумурдааст. Дар ин оят ба ду ҷумла метавон истинод ҷуст. Яке ҷумлаи:

وَلَا يُبْدِينَ زِينَتَهُنَّ إِلَّا مَا ظَهَرَ مِنْهَا

— ва дигар ҷумлаи:

وَلْيَضْرِبْنَ بِخُمُرِهِنَّ عَلَىٰ جُيُوبِهِنَّ

Дар мавриди ҷумлаи аввал дидем, ки аксари муфассирон ва умуми ривоятҳо, хизоб ва сурма ва ангуштар ва дастбанд ва амсоли инҳоро мисдоқи мустасно –

إِلَّا مَا ظَهَرَ مِنْهَا

— донистаанд. Ин зинатҳо зинатҳое аст, ки дар чеҳра ва ду даст то муч сурат мегирад. Хизоб ва ангуштар ва дастбанд марбут ба даст аст ва сурма марбут ба чашм.

Касоне, ки пӯшиши ваҷҳ ва каффайнро воҷиб медонанд, бояд истисно –

إِلَّا مَا ظَهَرَ مِنْهَا

— ро мунҳасир бидонанд ба либоси рӯ ва возеҳ аст, ки ҳамли истисно бар ин маънӣ бисёр баъид ва хилофи балоғати Қуръон аст. Махфӣ доштани либоси рӯ, ба иллати ин ки ғайримумкин аст, эҳтиёҷ ба истисно надорад. Гузашта аз ин ки либосро вақте метавон зинат маҳсуб кард, ки қисмате аз бадан намоён бошад. Масалан дар мавриди занони бепӯшиш метавон гуфт, ки либоси онҳо яке аз зинатҳои онҳост, вале агар зан тамоми баданро бо як либоси сар то сарӣ бипӯшонад, чунин либосе зинат шумурда намешавад. Хулоса ин ки зуҳури оятро дар ин ки қисмате аз зинати баданро истисно мекунад, наметавон мункир шуд ва сароҳати ривоятҳо ҳам абадан қобили тардид нест.

Дар мавриди ҷумлаи дуввум бояд гуфт: оят далолат дорад, ки пӯшонидани гиребон лозим аст ва чун дар мақоми баёни ҳадд аст, агар пӯшонидани чеҳра ҳам лозим буд, баён мекард.

Диққат фармоед! Химор = рӯсарӣ асосан барои пӯшонидани сар вазъ шудааст. Зикри калимаи “хумур” дар оят мефаҳмонад, ки зан бояд рӯсарӣ дошта бошад ва возеҳ аст, ки бо рӯсарӣ пӯшонидан марбут ба сар аст ва аммо ин ки ғайр аз сар оё қисмати дигареро ҳам бояд бо рӯсарӣ пӯшонид ё на, бастагӣ ба баёни он дорад ва чун дар оят фақат задани ду тарафи рӯсари бар гиребон матраҳ аст, маълум мешавад, ки ҳамин миқдор воҷиб аст.

Мумкин аст касе хаёл кунад, маънии:

وَلْيَضْرِبْنَ بِخُمُرِهِنَّ عَلَىٰ جُيُوبِهِنَّ

— ин аст, ки рӯсариҳоро монанди парда аз ҷилави чеҳра овезон кунанд, то ҳадде, ки рӯйи гиребон ва синаро бипӯшонад.

Вале мутаассифона ба ҳеч ваҷҳ наметавон оятро бад-ин маънӣ ҳамл кард, зеро аввалан, калимаи "химор" ба кор рафта, на калимаи "ҷилбоб". Химор рӯсарии кучак аст ва ҷилбоб рӯсарии бузург. Рӯсарии кучакро наметавон он андоза ҷилав кашид ва монанди парда овезон кард ба тавре, ки чеҳра ва даври гардан ва гиребон ва синаро бипӯшонад ва дар айни ҳол сар ва пушти гардан ва мӯҳо — ки маъмулан дар он замон баланд будааст — пӯшида бимонад.

Сониян, оят мефармояд бо ҳамон рӯсариҳо, ки доред, чунин амале анҷом диҳед. Бадеҳӣ аст агар он рӯсариҳоро бад-он шакл рӯйи чеҳра меовехтанд, ҷилави пойи худро ба ҳеч ваҷҳ намедиданд ва роҳ рафтан барояшон ғайримумкин буд. Он рӯсариҳо қаблан "мушаббак" ва "тавре" сохта нашуда буд, ки барои ин манзур муфид бошад. Агар манзур ин буд, ки лузуман рӯсариҳо аз пеши рӯ овехта шавад, дастур мерасид, ки рӯсариҳое таҳия кунед ғайр аз ин рӯсариҳои мавҷуд, ки битавонед ҳам чеҳраро бипӯшонед ва ҳам роҳ биравед.

Солисан, таркиби моддаи "зарб" ва калимаи "ъало" муфиди мафҳуми овехтан нест. Чунонки қаблан гуфтем ва аз аҳли фанни луғат ва адаби араб нақл кардем, таркиби "зарб" бо "ъало" фақат муфиди ин маънӣ аст, ки фалон чизро бар рӯйи фалон шайъ монанди ҳоиле қарор дод. Масалан, маънии ҷумлаи:

فَضَرَبنا على آذانِهِم

— ин аст, ки бар рӯйи гӯшҳои инҳо ҳоиле қарор додем. Бинобар ин мафҳуми:

وَلْيَضْرِبْنَ بِخُمُرِهِنَّ عَلَىٰ جُيُوبِهِنَّ

— ин аст, ки бо рӯсариҳо бар рӯйи сина ва гиребон ҳоиле қарор диҳед. Пас вақте дар мақоми баёни ҳудуди пӯшиш аст ва мефармояд, бо рӯсариҳо бар рӯйи гиребонҳо ва синаҳо ҳоиле қарор диҳед ва намегӯяд, бар рӯйи чеҳра ҳоиле қарор диҳед, маълум мешавад ҳоил қарор додан бар рӯйи чеҳра воҷиб ва лозим нест.

Як нуктаи дигар, ки бояд инҷо изофа кард ин аст, ки бояд дид занони мусалмон қабл аз нузули ин оят рӯсариро ба чӣ кайфият ба кор мебурдаанд?

Аз лиҳози таърих мусаллам аст, ки занони мусалмон қабл аз нузули оятҳои пӯшиш ба ҳукми одати маъмули он рӯзи араб чеҳраи худро намепӯшонидаанд, чунонки қаблан

нақл кардем рӯсариро аз пушти гӯшҳо рад карда ва атрофи онро ба пушти худ меандохтаанд ва дар натиҷа гӯшҳо, гӯшвораҳо, чеҳра, гардан ва гиребон намоён будааст. Вақте дар ҳамчу заминае дастур дода шуд, ки рӯсариро бар гиребон бизананд, маънои ин дастур ин аст, ки ду тарафи рӯсариро аз ҷониби росту чап ба ҷилав оварда ва ба тавре чапу рост бар гиребон бизананд. Ба кор бурдани ин дастур мӯҷиб мешавад гӯшҳо ва гӯшвораҳо ва гардан ва гиребон пӯшида шавад ва чеҳра боз бимонад.

Ба назари мо, дар ин ки ояти мавриди назар ҳамин маъниро мефаҳмонад, ҳеч тардиде нест ва чун таваҷҷӯҳ кунем, ки оят дар мақоми баёни ҳудуди пӯшиш аст ва ба истилоҳи усулийин эҳмол дар мақоми баён ҷоиз нест, ба таври қатъ мефаҳмем, ки пӯшонидани чеҳра воҷиб нест.

2. Дар мавориди бисёре, ки мустақиман масъалаи пӯшиш ё масъалаи ҷавоз ва адами ҷавози назар матраҳ аст, мулоҳиза мекунем, ки дар ҷавобу суолҳое, ки миёни афрод ва пешвоёни дин радду бадал шуда, фақат масъалаи “мӯ” матраҳ аст ва масъалаи “рӯ” ба ҳеч ваҷҳ матраҳ нест, яъне ваҷҳ ва каффайн мафруғ анҳу ва мусаллам фарз шудааст. Ва мо зайлан чанд намуна аз ин мавоиридро зикр мекунем:

а) Дар мавриди ҳурмати назар ба хоҳари зан:

**صحيح البزنطي عن الرضا عليه السلام قال: سألته عن الرجل يحل له أن ينظر الى شعر أخت امرأته؟ فقال: لا إلا أن تكون من القواعد. قلت له: أخت امرأته والغريبة سواء؟ قال: نعم. قلت: فمالى من النظر اليه منها؟ فقال: شعرها وذراعها**

(*“Васоил”, ҷ.3, с.25*) Аҳмад ибни Абинасри Бизантӣ — ки аз асҳоби олиқадри ҳазрати Ризо алайҳис салом аст – мегӯяд: аз ҳазрати Ризо суол кардам: оё барои мард ҷоиз аст, ки ба мӯйи хоҳарзанаш нигоҳ кунад? Фармуд: на, магар ин ки аз занони солхӯрда бошад. Гуфтам: пас хоҳарзан ва бегона яке аст? Фармуд: бале. Гуфтам (дар мавриди солхӯрда): чӣ қадр барои ман ҷоиз аст нигоҳ кунам? Фармуд: ба мӯйи ӯ ва зироъ (аз ангушт то оринҷи) ӯ метавонӣ нигоҳ кунӣ.

Мулоҳиза мефармоед, ки ҳам дар суоли аввали ривоят ва ҳам дар охирин ҷавоби Имом алайҳис салом он чи зикр шудааст “мӯ” аст на “рӯ”. Ба хубӣ равшан аст, ки мустасно будани чеҳра назди тарафайн мусаллам будааст. Ва ҳаргиз намешавад эҳтимол дод, ки масалан дар мавриди занони солхӯрда нигоҳ ба мӯ ва зироъ ҷоиз бошад ва нигоҳ ба сурат ҷоиз набошад, дар ҳоле, ки дар ҷавоби суол аз миқдоре, ки назар ба он ҷоиз аст, чеҳра зикр нашудааст.

б) Дар мавриди писарбачча ҳамчунин саҳеҳи Бизантӣ:

**البزنطي عن الرضا عليه السلام قال: يؤخذ الغلام بالصلاة وهو ابن سبع سنين ولا تغطي المرأة منه شعرها حتى يحتلم**

(*"Васоил", ҷ.3, с.29*) Ҳазрати Ризо алайҳис салом ба Аҳмад ибни Абинасри Бизантӣ фармуд: вақте писарбачча ба ҳафт сол расид, бояд ба намоз хондан водор карда шавад, вале то вақте, ки болиғ нашудааст, бар зан лозим нест мӯйи худро аз ӯ бипӯшонад.

Яъне водор кардан ба намоз барои эҷоди одат аст, вагарна дар ҳафтсолагӣ ҳукми мардро надорад, то ба ҳадди булуғ бирасад.

Дар инҷо низ пӯшонидани "мӯ" матраҳ аст, на "рӯ". Ривоятҳои дигар ба ҳамин мазмун дар китобҳои ҳадис зиёд аст.

Мумкин аст гуфта шавад, ки мӯ ба унвони мисол зикр шудааст, ба далели ин ки бадан зикр нашуда дар ҳоле, ки медонем пӯшонидани бадан лозим аст. Бинобар ин, пӯшонидани чеҳра ҳам мумкин аст воҷиб бошад ва зикр нашуда бошад.

Ҷавоб ин аст, ки агар пӯшонидани чеҳра воҷиб буд, шоиста буд онро ба унвони мисол зикр кунанд чунонки дар урфи мо, ки бино бар лозим донистани пӯшонидани чеҳра аст, масъалаи пӯшишро ба "рӯ гирифтан" таъбир мекунанд ва рамзаш ин аст, ки қисмате, ки дар амал бештар мумкин аст макшуф бошад, ҳамон чеҳра аст ва вақте пӯшонидани он баён шавад, вуҷуби пӯшонидани қисматҳои дигар ба тариқи авло фаҳмида мешавад. Ва аммо пӯшонидани соири қисматҳои бадан амалан мавриди ибтило набудааст ва шакке дар адами ҷавози он вуҷуд надошта, ки мавриди суол воқеъ шавад.

в) Дар мавриди мамлук:

**لا بأس أن يرى المملوك الشعر والساق**

(*"Васоил", ҷ.3, с.29 ва "Кофӣ", ҷ.5, с.531*) Ҷоиз аст, ки ғулом ба мӯ ва соқи хонуме, ки молики ӯст нигоҳ кунад.

Дар ривояти дигар дар мавриди хоҷагон (ки мумкин аст мамлук ҳам набошанд) суол шудааст:

**محمد بن إسماعيل بن بزيع قال: سألت أباالحسن الرضا عليه السلام عن قناع الحرائر من الخصيان، فقال: كانوا يدخلون على بنات أبي‌الحسن عليه السلام ولا يتقنعن، قلت: وكانوا أحرارا؟ قال: لا، قلت: فالأحرار يتقنع منهم؟ قال: لا**

(*"Васоил", ҷ.3, с.29*) Муҳаммад ибни Исмоил ибни Бузайғ — ки ӯ низ аз акобири асҳоби ҳазрати Ризо алайҳис салом аст — мегӯяд: аз ҳазрати Ризо суол кардам, ки оё занони озода аз хоҷагон бояд сар бипӯшанд? (Дар мавриди канизон мусаллам аст, ки бар онон пӯшонидани сар воҷиб нест, аз ин рӯ суолро махсуси занҳои озод қарор додааст.) Дар

посух фармуд: на, хоҷагон бар духтарони падарам Имом Мӯсо ибни Ҷаъфар алайҳис салом ворид мешуданд ва онҳо ҳам рӯсарӣ надоштанд. Пурсидам: оё он хоҷагон озод буданд ё барда? Фармуд: озод набуданд. Пурсидам: агар озод бошанд, бояд сарҳоро аз эшон бипӯшанд? Фармуд: на.

Дар ин ки оё хоҷа ва барда ба зан маҳрам аст ё на, дар тафсири оятҳо баҳс кардем.

Аксари фуқаҳо мегӯянд, маҳрам нест, вале дар ҳар ҳол далолати ин ривоятҳо — ва ривоятҳои зиёди дигар дар ин маврид бо ҳамаи ихтилофе, ки аз соири ҷиҳот доранд ва дар “Кофӣ” ва “Васоил” ва соири китобҳои ҳадис мазкур аст — бар ин ки истисноi чеҳра мафруғ анҳу ва мусаллам ба шумор мерафта, қобили ташкик нест.

г) Дар мавриди занони аҳли зимма:[17]

**السكوني عن أبيعبدالله عليه السلام قال: قال رسول الله صلى الله عليه وآله: لا حرمة لنساء أهل الذمة أن ينظر الى شعورهن وأيديهن**

(*“Васоил”, ҷ.3, с.26*) Саккунӣ (аз аҳли тасаннун аст ва аз ҳазрати Содиқ зиёд ривоят дорад ва мавриди қабул ва эътимоди уламои шиъа аст) аз Имом Содиқ нақл кардааст, ки фармуд: пайғамбар фармуд: ҳаром нест, ки ба мӯҳо ва дастҳои занони аҳли зимма назар бишавад.

**أبوالبختري عن جعفر عن أبيه عن علي بن أبي طالب عليه السلام: لا بأس بالنظر الى رؤوس النساء من أهل الذمة**

(*“Васоил”, ҷ.3, с.26*) Алӣ алайҳис салом фармуд: нигоҳ ба сари занони аҳли зимма ҷоиз аст.

Дар ин масъала, ки назар ба занони аҳли китоб ҷоиз аст, фуқаҳо ва муҷтаҳидин муттафиқ мебошанд, магар ин ки ҷамъе аз фуқаҳо қайдеро изофа кардаанд ва он ин аст, ки бояд ба миқдоре, ки дар замони Пайғамбари Акрам Саллаллоҳу алайҳи ва олиҳи байни худи аҳли зимма мутадовил будааст иктифо кард, яъне бояд дид чӣ миқдорро дар он замонҳо намепӯшонидаанд, нигоҳ кардан ба ҳамон миқдор ҷоиз аст (он ҳам бидуни талаззуз ва риба) ва аммо ин андоза, ки дар ин замонҳо бараҳна шудаанд, нигоҳ ба он ҷоиз нест.

Вале ақидаи дигарон ин аст: ҳар андоза аз бадани онҳо, ки маъмулан худашон дар малаъи омм намепӯшанд, назар ба он монеъе надорад, ҳарчанд дар замони Пайғамбари Акрам камтар аз онро боз мегузоштаанд.

---

[17] *Яъне мардуме, ки мусалмон нестанд, вале пайрави яке аз адёни қадими осмонӣ мебошанд ва дар паноҳи давлати исломӣ тибқи қарордод зиндагӣ мекунанд.*

д) Дар мавриди занони биёбоннишин:

**عباد بن صهيب: سمعت أباعبدالله عليه السلام يقول: لا بأس بالنظر الى رؤوس نساء أهل تهامة والأعراب وأهل السواد والعلوج لأنهم إذا نهوا لا ينتهون**

(*"Васоил", ҷ.3, с.26*) Ҳазрати Содиқ алайҳис салом фармуд: нигоҳ кардан ба сари занони Тиҳома, бодиянишинон, деҳотиҳо[18] ва ъилҷҳо (ғайриарабҳои бесавод, ки дар ҳукми ҳамон бодиянишинҳои араб ҳастанд) монеъе надорад, зеро эшонро ҳар гоҳ наҳй кунанд, фоида надорад.

Ҷамъе аз фуқаҳо ба мазмуни ин ривоят фатво додаанд. Аз марҳум Оятуллоҳ оқо Сайид Абдулҳодии Шерозӣ нақл шудааст, ки эшон ин ҳукмро дар мавриди он идда занони шаҳрӣ, ки ҳамчун занони деҳотӣ наҳй кардани эшон муфиди воқеъ намешавад, таъмим медоданд ва ба ҳамин иллате, ки дар ҳадис зикр шудааст (ки наҳй кардани эшон асар надорад), истинод меҷустанд.

Баъзе аз фуқаҳо ва мароҷеъи бузурги тақлиди муосир низ айнан ҳамин тавр фатво медиҳанд ва ба ҳамин иллат, ки дар ҳадис зикр шуда, истинод мекунанд, вале аксари фуқаҳо чунин фатво намедиҳанд, ҳатто дар мавриди занони бодиянишин ва деҳотӣ ҳам фақат ба ҳамин андоза иктифо мекунанд, ки бар мардон воҷиб нест рафту омади худро аз маконҳое, ки ин занон вуҷуд доранд қатъ кунанд. Агар гузар карданд ва назарашон афтод, монеъе надорад, аммо ин ки ба сурати як истисноии доимӣ бошад, на.

Ба ҳар ҳол истишҳоди мо дар ин ривоят ва назоири он бад-ин аст, ки дар ҳеч мавриде аз ваҷҳ ва каффайн суол нашуда ва ин бад-он ҷиҳат буда, ки адами лузуми пӯшонидани онҳо аз назари ровиён, қатъӣ ва мусаллам будааст ва кучактарин тардиде дар он намерафтааст ва қаблан гуфтем, ки ҳаргиз эҳтимол намеравад, ки пӯшидани "рӯ"-ро лозим мешинохтаанд ва дар пӯшидани "мӯ" тардид доштаанд.

* * *

3. Ривоятҳое, ки мустақиман ҳукми ваҷҳ ва каффайнро чӣ аз назари пӯшидан ва чӣ аз ҷанбаи нигоҳ кардан, баён мекунад. Вале албатта адами лузуми пӯшидан ваҷҳ ва каффайн далел бар ҷавози назар нест, аммо ҷавози назар далел бар адами лузуми пӯшидани ваҷҳ ва каффайн ҳаст.

---

[18] *Дар матни ҳадис "аҳли савод" таъбир шудааст. Савод қишлоқҳо ва киштзорҳои атрофи шаҳрро мегӯянд ва шояд иллати ин ки "савод" номида мешавад ин бошад, ки ба иллати кишту заръ аз дур сиёҳ ба назар мерасад. Бисёре аз авқот мурод аз калимаи "савод" киштзорҳои ҳавмаи Кӯфа аст.*

Мо қаблан дар зайли ояти:

وَلَا يُبْدِينَ زِينَتَهُنَّ إِلَّا مَا ظَهَرَ مِنْهَا

— баъзе аз ин ривоятҳоро зикр кардем ва акнун чанд ривояти дигарро зикр мекунем:

а) Хабари Мисъада ибни Зурора:

قال: سمعت جعفرا — وسئل عما تظهر المرأة من زينتها — قال عليه السلام: الوجه والكفين

(*"Қурбул-иснод", с.40*) Мисъада ибни Зурора аз ҳазрати Содиқ алайҳис салом нақл мекунад, ки вақте аз ҳазрат дар бораи зинате, ки зан метавонад ошкор кунад суол шуд, фармуд: чеҳра ва ду каф.

б) Хабари Муфаззал ибни Умар:

قال: قلت لأبي عبدالله عليه السلام: ما تقول في المرأة تموت في السفر مع الرجال ليس فيهم لها ذو محرم ولا معهم امرأة فتموت المرأة ما يصنع بها؟ قال: يغسل منها ما أوجب الله عليه التيمم ولا تمس ولا يكشف لها شيء من محاسنها التي أمر الله سبحانه بسترها، قلت: فكيف يصنع بها؟ قال: يغسل بطن كفيها ثم يغسل وجهها ثم يغسل ظهر كفيها

(*"Васоил", ҷ.1, с.135*) Муфаззал ибни Умар суол кард аз Имом Содиқ дар бораи зане, ки дар сафар бимирад ва марди маҳрам ё зане, ки ӯро ғусл диҳад ҳамроҳи ӯ набошад. Фармуд: мавозеъи таяммуми ӯро бояд ғусл диҳанд, вале набояд бадани ӯро ламс кунанд ва набояд зебоиҳои ӯро, ки Худо пӯшидани онро воҷиб фармудааст, ошкор кард. Пурсидам: чӣ гуна амал кунем? Фармуд: аввал ботини кафи дасти ӯро бояд шуст, сипас чеҳра ва баъд пушти дастҳояшро.

Мулоҳиза мефармоед, ки тасреҳ дорад, ки чеҳра ва каффайн ҷузъи қисматҳое, ки пӯшониданаш воҷиб гардидааст нест.

в)

عن علي بن جعفر عن الرجل ما يصلح له أن ينظر من المرأة التي لا تحل له؟ قال: الوجه والكف وموضع السوار

(*"Қурбул-иснод", с.102*) Алӣ ибни Ҷаъфар фарзанди имоми шашум аст ва марди бисёр ҷалилулқадре аст, аз бародараш ҳазрати Мӯсо ибни Ҷаъфар алайҳис салом мепурсад: барои мард чӣ миқдор ҷоиз аст ба зане, ки маҳрамаш нест нигоҳ кунад? Ҳазрат дар ҷавоб фармуд: чеҳра ва каф ва ҷойи дастбанд.

г)

عن أبي جعفر عن جابر بن عبدالله الأنصاري قال: خرج رسول الله صلى الله عليه وآله يريد فاطمة عليها السلام وأنا معه، فلما انتهينا الى الباب وضع يده عليه فدفعه، ثم قال: السلام عليكم. فقالت فاطمة: عليک السلام يا رسول الله، قال: أأدخل؟ قالت: أدخل يا رسول الله! قال: أدخل أنا ومن معي؟ فقالت: يا رسول الله! ليس علي قناع، فقال: يا فاطمة! خذي فضل ملحفتک فقنعي بها رأسک، ففعلت. ثم قال: السلام عليكم. فقالت: وعليک السلام يا رسول الله! قال: أأدخل؟ قالت: نعم يا رسول الله! قال: أنا ومن معي؟ قالت: ومن معک. قال جابر: فدخل رسول الله ودخلت وإذا وجه فاطمة أصفر كأنه بطن جرادة، فقال رسول الله: ما لي أرى وجهک أصفر؟ قالت: يا رسول الله! الجوع. فقال: اللهم مشبع الجوعة ودافع الضيعة، اشبع فاطمة بنت محمد. قال جابر: فنظرت الى الدم ينحدر من قصاصها حتى عاد وجهها أحمر، فما جاعت بعد ذلک اليوم

(*“Кофӣ”, ҷ.5, с.528 ва “Вофӣ”, ҷ.12, с.124 ва “Васоил”, ҷ.3, с.27*) Мазмуни ҳадис ба таври ихтисор ин аст: Ҷобир мегӯяд: дар хидмати Расули Худо Саллаллоҳу алайҳи ва олиҳи ба дари хонаи Фотима алайҳас салом омадем. Расули Худо салом кард ва иҷозаи вуруд хост. Фотима алайҳас салом иҷоза дод. Пайғамбари Акрам фармуд: бо касе, ки ҳамроҳ ман аст ворид шавам? Заҳро алайҳас салом гуфт: падарҷон! Чизе бар сар надорам. Фармуд: бо қисматҳои изофии рӯпӯши худат саратро бипӯшон. Сипас муҷаддадан истеълом кард, ки оё дохил шавем? Посух шунидем: бифармоед. Вақте ворид шудем, чеҳраи Заҳро алайҳас салом ончунон зард буд, ки монанди шиками малах менамуд. Расули Акрам Саллаллоҳу алайҳи ва олиҳи пурсид: чаро чунин ҳастӣ? Ҷавоб дод: аз гуруснагӣ аст.[19] Пайғамбари Акрам дуо фармуд, ки Худоё! Духтари маро сер

---

[19] *Пас аз нашри чопи аввали ин китоб, баъзе аз мо тавзеҳ хостанд, ки чӣ гуна мумкин аст чеҳраи духтари Пайғамбари Акрам аз гуруснагӣ зард бошад? Чаро ва ба чӣ далел гурусна будаанд? Аз пурсишкунандагон муташаккирем, ки суоли худро бо мо дар миён гузоштанд. Бояд ба ду нукта таваҷҷӯҳ дошта бошанд: яке ин ки зиндагии он рӯзи мусалмонон дар Мадина ғолибан ба сахтӣ мегузашт. Ҷангҳо ва кашмакашҳо худ ба худ бар иқтисоди лоғари Мадина зарба мезад ва гоҳе тавъам мешуд бо хушксолӣ, чунонки дар соле, ки ғазваи Табук иттифоқ афтод, хушксолии сахте рӯй дода буд ва аз ин рӯ сипоҳи Табукро “ҷайшул-ъусра” номиданд. Асҳоби Суффа гоҳе ончунон дар сахтӣ буданд, ки ҷомаи кофӣ барои ширкат дар намози ҷамоат надоштанд. Расули Худо рӯзе пардае дар хонаи духтараш Заҳро овехта дид, кароҳат нишон дод. Заҳро фавран онро пеши падар фиристод ва Расули Худо онро тикка-тикка кард ва ба асҳоби Суффа дод.*

гардон! Пас аз дуои Пайғамбари Акрам чеҳраи Заҳро гулгун шуд ва гӯӣ давидани хунро дар зери пӯсти сурат медидам ва Заҳро аз он пас гурусна намонд.

Далолати ин ҳадис бар ин ки пӯшонидани чеҳра воҷиб нест ва низ бар ин ки назар кардан ба чеҳра ҷоиз аст, бисёр равшан мебошад.

д)

عن الفضيل بن يسار، قال: سألت أباعبدالله عليه السلام عن الذراعين من المرأة هما من الزينة التي قال الله: ولا يبدين زينتهن إلا لبعولتهن؟ قال: نعم وما دون الخمار من الزينة وما دون السوارين

(*"Кофӣ", ҷ.5, с.521 ва "Васоил", ҷ.3, с.25 ва "Вофӣ", ҷ.12, с.121*) Фузайл ибни Ясор мегӯяд: аз Имом Содиқ алайҳис салом пурсидам, ки оё зироъҳои зан аз қисматҳое аст, ки бояд аз ғайри маҳорим бипӯшонад? Фармуд: бале ва он чи зери рӯсарӣ қарор мегирад бояд пӯшида шавад ва ҳамчунин аз маҳалли дастбанд ба боло пӯшида шавад.

* * *

4. Ривоятҳое, ки дар боби эҳром, пӯшонидани чеҳраро бар зан ҳаром мекунад.

Бисёр мустабъад аст, ки бигӯем, гушудани чеҳра дар ғайри ҳоли эҳром аз муҳаррамот маҳсуб мешавад ва дар ҳоли эҳром воҷиб аст. Ва бо дар назар гирифтани ин ки вақте шахси муҳрим маносики умра ё ҳаҷро баҷо меоварад, маъмулан дар миёни иҷтимоъи анбӯҳе аз зану мард аст, равшан аст, ки агар пӯшонидани чеҳра аз мард лозим бошад, мебояд қайд шавад. Гузашта аз ин ки дар ривояте ворид шудааст, ки ҳазрати Боқир алайҳис салом занеро дид, ки дар ҳоли эҳром ба василаи бодбизан чеҳраи худро пӯшонидааст. Имом алайҳис салом шахсан бо чӯбдасти худ бодбизанро аз чеҳраи он зан дур фармуд.

Аз баъзе ривоятҳо фаҳмида мешавад, ки боз будани чеҳраи зан дар ҳоли эҳром ба ҷойи боз будан сар барои мард аст ва манзур ин аст, ки маҳрам аз таъсири гармо ва сармо ранҷ

---

*Нуктаи дигар ин ки дуруст аст, ки Алӣ марди кор буд, илова бар ҳуқуқи сарбозӣ ва ғаноими ҷангӣ корҳои кишоварзӣ дошт ва аҳёнан бо аҷир шудан, дар боғҳои дигарон таҳсили рӯзӣ мекард, вале Алӣ ва Заҳро касоне набуданд, ки худ сер бихобанд ва дар атрофи онҳо шикамҳо гурусна бошад. Онҳо он чи ба каф меоварданд, ба дигарон исор мекарданд. Сураи муборакаи "Ҳал ато" дар ҳамчу заминае нозил гардид. Оре, мусалмонони садри аввал дар чунон шароити тоқатфарсое парчами исломро ба дӯш гирифтанд ва то дуртарин нуқоти ҷаҳон бурданд. Гуруснагии хонадони паёмбар нақсе барои онҳо ба шумор намеравад, ифтихоре аст, ки бар пешонии муқаддасашон медурахшад.*

бибарад, чунонки дар ҳадисе омадааст, ки зане дар ҳоли эҳром ниқоб зада буд, ҳазрати Боқир алайҳис салом фармуд: ниқобро бардор, зеро агар ниқоб дошта бошӣ, ранги чеҳраат тағйир намекунад, яъне бояд офтоб ранги пӯсти сурататро иваз кунад.
Пас манзур аз ин ки муҳрим агар мард аст, бояд сарро бараҳна кунад ва агар зан аст, чеҳраро ин аст, ки аз осоиш ва рифоҳе, ки дар ҳоли маъмулӣ бархӯрдор аст, қадре коста шавад. Вале чун шореъи муқаддас мехоста қонуни "пӯшиш" ба ҳоли худ боқӣ бошад, ба зан дастур нафармуда, ки сарро бараҳна кунад ва танҳо ба бараҳна кардани чеҳра иктифо кардааст. Ва агар шореъ мехост дар ҳоли эҳром аз қонуни "пӯшиш" сарфи назар кунад, мумкин буд барои зан ҳам бараҳна кардани сарро лозим бишуморад. Ва дар байни фуқаҳо ҳаргиз касе нагуфтааст, ки манзури шореъ ин аст, ки дар мавриди эҳром истисное барои пӯшиш қоил шуда бошад.
Ривоятҳо ва қароине, ки дар ин боб аст, дар ахбор ва ривоятҳо шиъа ва суннӣ ва дар таърихи ислом фавкулъода зиёд ва ғайри қобили инкор аст. Он чи зикр кардем, намунае буд, нақли ҳамаи онҳо худ як китоб мешавад.

## Далелҳои мухолиф

Барои вуҷуби пӯшиши ваҷҳ ва каффайн, мутақобилан ба далоили зер тамассук ҷуста шудааст:

## 1. Сираи мусалмонон:

Дуруст аст, ки зоҳири оятҳо ва ривоятҳо ин аст, ки пӯшиши ваҷҳ ва каффайн лозим нест, вале наметавон мункир шуд, ки сираи мутадайинин бар хилофи ин аст.
Сира чизе нест, ки ба осонӣ битавон аз он чашм пӯшид. Агар воқеан сираи мусалмонон аз садри ислом то кунун ба таври мустамар ва пайгир ин бошад, ки пӯшиши ваҷҳ ва каффайнро лозим бишуморанд, далели равшане аст, ки ин дарсе буда, ки мусалмонон аз Пайғамбари Акрам ва имомони атҳор омӯхтаанд. Истилоҳан мегӯянд, сираи мустамарраи мусалмонон кашф аз сираи Пайғамбар Саллаллоҳу алайҳи ва олиҳи мекунад ва сираи Пайғамбар албатта ҳуҷҷат аст.
Дар бисёре аз маворид, фуқаҳо дар исботи аҳком, ба сира тамассук меҷӯянд. Масалан, дар мавриди риштарошӣ мегӯянд, муҳкамтарин далели ҳурмати он, сираи мусалмонон аст, ки ришро натарошидаанд. (Албатта дар инҷо муноқиша шуда, ки аз натарошидани риш, ки байни мусалмонон мутадовил аст метавон истинтоҷ кард, ки риш гузоштан ҳаром нест, вале ин ки риш гузоштан воҷиб бошад, истинбот намешавад, зеро мумкин

аст мустаҳаб ва ё мубоҳ бошад). Дар масъалаи пӯшиши ваҷҳ ва каффайн низ ба сираи мусалмонон тамассук шудааст.

Дар ҷавоби ин истидлол бояд як нуктаи таърихӣ ва иҷтимоиро мавриди диққат қарор диҳем. Он нукта ин аст, ки агарчӣ пӯшиш дар байни араб марсум набуд ва ислом онро ба вуҷуд овард, вале дар милали ғайри араб ба шадидтарин шакл ривоҷ дошт.

Дар Эрон ва дар байни яҳуд ва милале, ки аз фикри яҳуд пайравӣ мекарданд, ҳиҷоб ба маротиб шадидтар аз он чи ислом мехост вуҷуд дошт. Дар байни ин миллатҳо ваҷҳ ва каффайн ҳам пӯшида мешуд, балки дар баъзе аз миллатҳо сухан аз пӯшидани зинати зан ва чеҳраи зан набуд, сухан аз пинҳон кардани зан ва ба истилоҳ, “қоим” кардани зан буд ва ин фикр ба сурати одати сифту сахте даромада буд. Ислом гарчӣ пӯшонидани ваҷҳ ва каффайнро воҷиб накард, вале таҳрим ҳам накард, яъне ислом алайҳи пӯшонидани чеҳра қиём накард ва боз гузоштанро воҷиб нанамуд ва дар натиҷа миллатҳои ғайри араб, ки мусалмон шуданд, аз ҳамон одат ва расми дерини худ табаъият карданд. Ислом бо расми пӯшидани чеҳра ҷуз дар мавриди эҳром мухолифат надошт, балки ҳамон тавр, ки қаблан тазаккур додем, истисноии ваҷҳ ва каффайн як рухсати тасҳилӣ аст.

Руҷҳони ахлоқии тасаттур то ҳадди имкон, мавриди таваҷҷӯҳи ислом аст. Бинобар ин фаризан сирае вуҷуд дошта бошад, далел бар вуҷуби пӯшидани ваҷҳ ва каффайн намешавад.

Ба илова, чунин сирае дар замони пайғамбар ва саҳоба ва дар замони имомони атҳор вуҷуд надоштааст. Он чи аз завоёи таърих ба даст меояд ин аст, ки сираи мусалмонон дар қуруни аввалияи ислом бо сираи онҳо дар қуруни баъдӣ — махсусан пас аз ихтилоти миллати араб бо миллатҳои дигар ва бахусус пас аз таассур аз русум ва одоти Императории Руми шарқӣ аз як тараф ва русуми эронӣ аз тарафи дигар — бисёр мутафовит будааст, то он ҷо, ки барои бисёре аз муаррихони ғарбӣ, ки аз мутуни исломӣ иттилоъи саҳеҳе надоранд, ин таваҳҳум пеш омада, ки асосан ислом дастуре дар бораи пӯшиш надодааст ва ҳамаи инҳо аз хориҷи дунёи ислом ба миёни мусалмонон сироят кардааст ва мо дар бахши аввал ин китоб суханонашонро нақл кардем.

Ва албатта ҳамон тавр, ки қаблан тазаккур додем, ин сухан ёвае беш нест. Ислом дастурҳои акид дар бораи пӯшиш дорад ва фалсафаи хоссеро ҳам дар назар гирифтааст. Пас аввалан чунин сираи мустамиррае вуҷуд надоштааст ва сонияն фаразан чунин сирае дар миёни мусалмонон вуҷуд медошт, далел набуд магар он ки собит шавад амали худи маъсумин ҳам бар ҳамин минвол буда, ки албатта он ҳам собит нест, балки аз баъзе ривоятҳои гузашта маълум шуд, ки амали маъсумин низ бо он чи дар қуруни ахири исломӣ роиҷ шудааст мувофиқат надорад.

Тамассук ба сираи мусалмонон як татаббӯъи таърихии амиқе мехоҳад. Ҳазорон тағйироти тадриҷӣ ва ором амалан дар рафтори миллатҳо пайдо мешавад, ки чун тавъам бо як ҳодисаи пурсарусадо нест, таърих аз забти онҳо сукут мекунад. Дар мавриди анвоъи ба истилоҳ "мӯд"-ҳои либоси мардона дар тӯли қурун он қадр тағйирот пайдо шуда, ки қобили шумориш нест.

Бад-ин тартиб, ки мо сираро тавҷеҳ кардем, дигар наметавон онро кошиф аз сираи набавӣ ва дарсе аз Пайғамбари Акрам Саллаллоҳу алайҳи ва олиҳи донист ва ҳуҷҷат нахоҳад буд. Агар мо битавонем вуҷуди чунин сира ва равишеро аз шахси Пайғамбари Акрам Саллаллоҳу алайҳи ва олиҳи низ исбот кунем, боз ҳам далел бар вуҷуб нахоҳад шуд, фақат далел бар ҷавоз аст ва ҳаддиаксар далел бар арҷаҳият аст. Ва чунонки дар тафсири ояти:

وَأَنْ يَسْتَعْفِفْنَ خَيْرٌ لَهُنَّ

— ёдовар шудем, шакке нест, ки ҳар чи асли тасаттур бештар риоят шавад, аз назари таъмини ҳадафи шореъ беҳтар аст.

Шаҳиди Сонӣ ризвонуллоҳи алайҳи дар "Масолик" зимни баҳс аз далелҳои ин масъала, дар посухи истидлол ба сира ва иттифоқи мусалмонон чунин мегӯяд:

ودعوى اتفاق المسلمين عليه معارض بمثله ولو تم لم يلزم منه تحريم هذا المقدار لجواز استناد منعهن الى المروة والغيرة بل هو الأظهر أو على وجه الأفضليه إذ لا شک فيها

"*Иддаъои иттифоқи мусалмонон бар ҷилавгирӣ аз боз гузоштани чеҳра ва ду даст мардуд аст. Аввалан, ба далели ин ки зидди чунин иттифоқе низ нақл шудааст, яъне нақл шуда, ки сираи мусалмонон ҳамвора инчунин будааст, ки занон чеҳра ва ду дастро боз мегузоштаанд. (Қаблан эшон яке аз далелҳои мувофиқини боз гузоштани чеҳра ва ду дастро чунин баён кардаанд:*

*لإطباق الناس في كل عصر على خروج النساء على وجه يحصل منه بدو ذلک من غير نكير*

*"Амали мардум умуман дар ҳамаи асрҳо бар ин будааст, ки занон ба наҳве аз хона берун меомадаанд, ки чеҳраи онҳо намоён будааст ва касе ин амалро мункар намешумурда аст.") Сониян, бар фарз, ки қабул кунем, сираи мусалмонон бар ҷилавгирӣ аз кашфи ваҷҳ ва каффайн аст, боз далел намешавад, зеро сира вақте далел мешавад, ки решае ҷуз қабули фармони Пайғамбар дар кор набошад, то далел бар фармони Пайғамбар бишавад, вале дар инҷо эҳтимол меравад, ки решаи ин сира ҳисси ғайрат ва мардонагии афрод бошад, на итоъат аз дастури Пайғамбар ва зоҳир ҳам ҳамин аст, ки решаи ин сира ҳисси ғайрат ва мардонагӣ мардум аст. Эҳтимол ҳам меравад, ки решаи сира*

*афзалияти пӯшиш бошад, зеро шакке нест, ки ба фарзи ҷавоз, пӯшонидан афзал аст аз боз гузоштан.*”

## 2. Милок:

Далели дигаре, ки бар лузуми пӯшонидани чеҳра ва ду даст иқома шуда ин аст, ки “милок” — яъне он фалсафае, ки эҷоб мекунад соири қисматҳои бадан пӯшида бошад — эҷоб мекунад, ки чеҳра ва ду даст низ пӯшида бошад. Магар фалсафаи пӯшидани соири қисматҳои бадан ҷуз ҷанбаи фитнаангезии онҳост?! Зебоии чеҳра ва фитнаангез будани он кам аз баъзе дигар аз қисматҳои бадан нест, балки бештар аст. Бинобар ин маъқул нест, ки масалан пӯшонидани “мӯ” ба хотири зебоӣ ва фитнаангезиаш воҷиб бошад, вале пӯшонидани “рӯ”, ки марказ зебоиҳои зан аст воҷиб набошад. Дар дини муқаддаси ислом ҳар чизе, ки мӯҷиби таҳрики шаҳавот ва барҳам задани ифоф ва покдоманӣ аст, қадаған шуда, оё мумкин аст бо чунин мабное, пӯшиши чеҳра ва ду даст, махсусан чеҳра, лозим шумурда нашуда бошад?

Дар ҷавоби ин истидлол мегӯем: шакке нест, ки воҷиб набудани пӯшиши ваҷҳ ва каффайн аз ин ҷиҳат нест, ки милок ва фалсафаи аслии пӯшиш дар он вуҷуд надорад, балки ҳамчунон ки қаблан ишора кардем ва аз қудамои муфассирон низ нақл намудем, аз ҷиҳати ин аст, ки милоки дигаре эҷоб мекунад, ки дар ин маврид истисно ба вуҷуд ояд. Он милоки дигар ин аст, ки пӯшиши ваҷҳ ва каффайн агар ба таври вуҷуб пешниҳод шавад, мӯҷиби ҳараҷ ва фалаҷ ва салби имкони фаъолияти оддӣ аз зан мегардад.

Чунонки қаблан ҳам гуфтем, пӯшиши ваҷҳ ва каффайн марзи маҳбусият ва адами маҳбусияти зан аст ва мафҳуми ҳиҷоб ва асари он бо изофа кардан ва ҳазф кардани ин қисмат комилан иваз мешавад.

Барои ин ки ин баҳс беҳтар равшан шавад, бояд як истилоҳи марбут ба илми усули фиқҳро тавзеҳ диҳем:

Усулийин мегӯянд, мубоҳ бар ду қисм аст: мубоҳи иқтизоӣ ва мубоҳи лоиқтизоӣ.

Баъзе аз корҳо на дорои маслиҳате аст, ки боис шавад шореъ онро воҷиб кунад ва на дорои мафсадае аст, ки сабаб шавад ҳукм ба таҳрими он диҳад. Ин корҳо ба иллати ин ки милоке барои вуҷуб ё ҳурмат надоранд мубоҳ шумурда мешаванд ва ба ҳамин ҷиҳат онҳоро мубоҳҳои лоиқтизоӣ меноманд. Шояд аксари мубоҳот аз ин навъ бошад.

Вале бархе дигар аз корҳо иллати мубоҳ шуданаш вуҷуди ҳикмате аст, ки тархиси он корро эҷоб мекардааст, яъне агар шореъ он корро мубоҳ намекард, мафсадае лозим меомад. Ин навъ аз мубоҳотро “мубоҳи иқтизоӣ” меноманд. Дар ин навъ аз мубоҳ,

мумкин аст маслиҳат ё мафсадае дар феъл ё тарки он кор вуҷуд дошта бошад, вале шореъ ба хотири риояти маслиҳати муҳимтар, ки рухсатро эҷоб мекардааст, ҳукм ба ибоҳа карда ва аз он милоки дигар чашм пӯшидааст.

Мубоҳҳое, ки ба хотири ҳараҷ мубоҳ қарор дода шуда, аз ин қабил аст. Муқаннин (қонунгузор) дар назар гирифтааст, ки агар бихоҳад мардумро аз бархе аз корҳо манъ кунад, зиндагӣ бар онҳо душвор мешавад, аз ин рӯ аз таҳрими он чашм пӯшидааст.

Беҳтарин мисол, масъалаи талоқ аст. Шак нест, ки талоқ аз назари ислом амале нописанд ва мабғуз аст, то ҳадде, ки онро зишттарин мубоҳ ва "абғазул-ҳалол" хондааст. Дар айни ҳол шореъи муқаддас ҳукм ба таҳрими талоқ накарда, ба мард ихтиёр додааст, ки занашро талоқ бидиҳад.

Дар инҷо ин суол матраҳ мешавад, ки агар ин амал дар назари шореъи ислом мабғуз ва манфур аст, пас чаро онро ҳалол қарор додааст ва агар мабғуз нест, пас ин ҳама накӯҳиш дар бораи он чист ва асосан "абғзул-ҳалол" яъне чӣ?

Муҳаддисин ривоят кардаанд: Абуайюби Ансорӣ мехост занаш Умми Айюбро талоқ диҳад. Пайғамбари Акрам Саллаллоҳу алайҳи ва олиҳи шунид, фармуд:

إن طلاق أم أيوب لحوب

(*"Кофӣ", ҷ.6, с.55 ва "Васоил", ҷ.3, с.144*) Яъне талоқ додани Умми Айюб гуноҳи бузург аст.

Дар айни ҳол агар Абӯайюб занашро талоқ медод, Пайғамбари Акрам Саллаллоҳу алайҳи ва олиҳи намефармуд, ки ин талоқ ботил аст.

Рамзи ин матлаб чист? Оё мумкин аст чизе ба қадри як ҳаром, мабғуз ва нописанд бошад, вале дар айни ҳол мубоҳ бошад?

Бале, мумкин аст чизе ба қадри як ҳаром ва беш аз бисёре аз ҳаромҳо мабғуз бошад, вале ба хотири маслиҳате таҳрим нашавад.

Рамзи ин масъала дар боби талоқ ин аст, ки ислом намехоҳад бинои издивоҷро бар иҷбор ва илзом бигузорад ва набояд. Мард бояд ҳомӣ ва алоқаманд ба зан бошад ва зан бояд дар шакли як маҳбуб дар хона бимонад, яъне асоси конуни хонаводагӣ муҳаббат аст.

Ишқ ва алоқа иҷборбардор нест. Саҳеҳ нест, ки қонун бихоҳад занро ба зӯр ба шавҳараш бичаспонад. Вақте алоқае байни зану шавҳар вуҷуд надошта бошад, табъан зербинои конуни хонаводагӣ аз миён рафтааст, махсусан агар танаффур аз ноҳияи мард бошад, зеро сарриштаи ъулқаи хонаводагӣ дар ҷониби мард аст ва агар мард алоқаманд бошад, зан тибқи табиати худаш, ки мехоҳад ӯро дӯст бидоранд, алоқаманд мешавад. Зан ба маҳбуб доштан аҳаммият намедиҳад, ба маҳбуб будан аҳаммият медиҳад, яъне зан он

мардеро дӯст медорад, ки ӯро дӯст бидорад, марде маҳбуби ӯст, ки ӯ маҳбуби он мард бошад. Аз ин рӯ калиди ъулқаи хонаводагӣ дар дасти мард аст ва ҳамин ки алоқаи мард аз байн рафт, конуни хонаводагӣ ба таври табиӣ мунҳал аст. Чунин конунеро, ки бояд бар муҳаббат ва алоқа ва самимият устувор бошад, намешавад бо зӯр ва иҷбори қонунӣ нигаҳдорӣ кард. Зан монанди навкар ё коргар нест, ки қонуни иҷборӣ битавонад ӯро дар маҳалли кораш алорағми соҳиби кор нигаҳдорӣ кунад.

Ислом тадобире андешидааст, ки дилсардӣ ва бемеҳрӣ байни завҷайн пеш наёяд ва мард аз рӯйи шавқу рағбат парвонавор ба даври шамъи вуҷуди ҳамсараш бичархад. Аммо агар мӯҷиботи норизоӣ ва ҷудоӣ фароҳам шуд ва мард хост ҳамсарашро талоқ бидиҳад, ислом ин корро бисёр зишт медонад, вале монеъи он ҳам намешавад, зеро дигар чорае нест.

Ин як намунаи равшане аз мубоҳҳои иқтизоӣ аст.

Ғолиби истисноҳои боби ҳиҷоб аз ҳамин қабил аст, хоҳ истисноҳое, ки дар боби маҳорим аст ё истисноҳое, ки аз лиҳози микдори пӯшиш аст. Аз ин рӯ дар мавриди маҳорим (ғайри шавҳар) ҳар қадр зан пӯшидатар бошад беҳтар аст.

Таҳйиҷи шаҳват дар мавриди маҳорими дараҷаи аввал аз қабили падар ва фарзанд ва аму ва бародар тақрибан сифр аст, вале ҷозибаи зан махсусан агар ҷавон ва зебо бошад, дар маҳорими дараҷоти баъдӣ махсусан дар маҳорими сабабӣ аз қабили падарашавҳар ва писаршавҳар бетаъсир нест. Рухсати шореъ дар ин маворид барои зарурати ихтилот ва муошаратҳои зиёде аст, ки байни маҳорим иҷтинобнопазир аст. Фикр кунед агар пӯшиши зан нисбат ба бародар ва падар лозим бошад, чӣ қадр зиндагии хонаводагӣ душвор хоҳад шуд!

Дар мавриди падар ва аму ва ҳатто бародар табъан рағбати ҷинсӣ вуҷуд надорад, магар дар афроди мунҳариф ва истисноӣ, вале дар мавриди писаршавҳар умдаи милок ҳамон ъуср ва ҳараҷ аст. Агар марде зани зебо ва писари ҷавоне дорад, ҳаргиз ин писар нисбат ба зани падар монанди фарзанд нисбат ба модари худ нест. Бинобар ин мубоҳ будани тарки пӯшиш дар баробари баъзе маҳорим низ ба милоки ъуср ва ҳараҷ аст ва мо ин нуктаро, ки милоки ъуср ва ҳараҷ аст, аз ояти 58 сураи Нур истифода кардем, ки мефармояд:

طَوَّافُونَ عَلَيْكُمْ بَعْضُكُمْ عَلَى بَعْضٍ

Баъзе аз муфассирон аз қабили соҳиби “Кашшоф” низ дар зайли ҳамин ҷумла бад-ин нукта ишора кардаанд. Ҳамон тавр, ки мукаррар гуфтаем, чун ин истисноҳо аз ноҳияи ҳараҷ аст, на ин ки милоки таҳрим вуҷуд надошта бошад, бинобар ин ҳар қадр тасаттур

бештар риоят шавад, беҳтар аст, яъне ҷудоии зану мард, пӯшиш, тарки назар ва ҳар чизи дигаре, ки инсонро аз ҳарими масоили ҷинси дур мекунад, руҷҳон дорад ва модоме, ки мумкин аст, бояд муроъот гардад.

Агар касе бипурсад, дар килос ё маҷлисе, ки зану мард ҳар ду ширкат мекунанд ва занон ба қадри кофӣ пӯшида ҳастанд, оё агар як дар миён биншинанд беҳтар аст ё ин ки занҳо дар як қисмат ва мардҳо дар қисмати дигар биншинанд?

Ҷавоб ин аст, ки албатта ҷудо биншинанд, беҳтар аст.

Ба таври куллӣ, асли зарурат ва эҳтиёҷро бояд дар назар гирифт. Набояд ин тархиси шаръӣ баҳонае ба даст диҳад, ки мардон ва занони аҷнабӣ ҳаримро аз миён бардоранд ва хатари бархӯрдҳои зану мардро фаромӯш кунанд.

Ҳеч ғаризае ба саркашӣ ва ҳассосияти ғаризаи ҷинсӣ нест. Эҳтиётҳо ва тавсияҳои ислом мабнӣ бар дур нигаҳ доштани занон ва мардони аҷнабӣ то ҳудуде, ки ҳараҷ ва фалаҷ эҷод накунад, мабнӣ бар ин асли равонӣ аст. Равоншиносӣ ва равонковӣ сад дар сад ин назарро таъйид мекунад ва таърихҳо ва достонҳо ҳикоят мекунанд, ки гоҳе як бархӯрд, як талоқии нигоҳҳо дар зарфи як лаҳза асоси хонаводаеро муталошӣ кардааст.

Ба нерӯи тақво ва имон дар муқобили мӯҷиботи ҳамаи гуноҳҳо метавон такя кард, магар дар мавриди гуноҳони марбут ба ғаризаи ҷинсӣ. Ислом ҳаргиз нерӯи тақво ва имонро бо ин ки қавитарин нерӯҳои ахлоқӣ аст, як зомини кофӣ дар баробари таҳрикот ва дасоиси ин ғариза надонистааст.

Чӣ қадр олӣ ва латиф суруда Ҳофизи Шероз дар ғазали маъруф худ, ки бо ин байт оғоз мешавад:

*Нақдҳоро бувад оё, ки иёре гиранд,*

*То ҳама савмиадорон паи коре гиранд.*

— он ҷо, ки мегӯяд:

*Қуввати бозуи парҳез ба хубон мафурӯш,*

*К-андар ин хайл ҳисоре ба саворе гиранд.*

Оре, дар хайли хубон, саворе барои фатҳи ҳисоре аз тақво кофӣ аст.

## 3. Ривоят:

Далели севвум аз далелҳои касоне, ки пӯшиши ваҷҳ ва каффайнро лозим шумурдаанд, ривояте аст, ки дар китобҳои ҳадис нақл шуда ва Шаҳиди Сонӣ дар “Масолик” ба он истидлол ва сипас нақд кардааст. Мазмуни ривоят ин аст:

Дар Ҳаҷҷатулвидоъ зане барои пурсидани масъалае хидмати Расули Акрам Саллаллоҳу алайҳи ва олиҳи омад. Фазл ибни Аббос пушти сари Расули Худо савор буд. Нигоҳҳое байни он зан ва Фазл радду бадал шуд. Расули Акрам мутаваҷҷеҳ шуд, ки он ду ба ҳам хира шудаанд ва зани ҷавон ба ҷойи ин ки таваҷҷӯҳаш ба ҷавоби масъала бошад, ҳамаи таваҷҷӯҳаш ба Фазл аст, ки ҷавони наврас ва зебо буд. Расули Акрам бо дасти худ сурати Фазлро чархонид ва фармуд: зане ҷавон ва марде ҷавон, метарсам шайтон дар миёни эшон по бинихад. (*Саҳеҳи Бухорӣ, ҷ.8, с.63*)

Шаҳид ризвонуллоҳи алайҳи дар посухи ин истидлол мегӯяд: "*Ин ривоят далел бар адами вуҷуби пӯшидани чеҳра аст ва ҳатто далел бар ҷавози назар ба чеҳраи аҷнабия аст, на далел бар вуҷуби пӯшидани чеҳра ва бар ҳурмати назар.*"

Мо сухани Шаҳидро чунин тавзеҳ медиҳем: аввалан, тибқи муфоди ин ҳадис, Пайғамбари Акрам занро аз боз гузоштани чеҳрааш наҳӣ нафармуда буд, ки мунтаҳӣ бад-ин ҷараён шуд. Сониян, худи Расули Акрам зимни посух додан ба масъалаи он зан, ба чеҳраи зан нигоҳ мекард, ки мутаваҷҷеҳ шуд, он зан озмандона ба чеҳраи зебои Фазл хира шудааст. Солисан, қароини ин қисса ҳикоят мекунад, ки нигоҳи он ду ба якдигар, шаҳватолуд будааст. Шак нест, ки ингуна табодули нигоҳҳо ҳаром аст. Бад-ин ҷиҳат буд, ки Расули Акрам дасти худро ба пушти сар бурд ва чеҳраи Фазлро ба тарафи дигар баргардонид, ки дигар ӯ ба он зан нигоҳ накунад ва он зан ба ӯ. Робиъан, баъд аз ин ҷараён низ занро амр ба пӯшидани чеҳра накард, балки амалан монеъи нигоҳҳои шаҳватолуди он ду ба якдигар шуд.

Шайх Ансорӣ низ дар рисолаи "Никоҳ" пас аз он ки ин ҳадисро аз тарафи тарафдорони лузуми пӯшидани чеҳра ва ҳурмати назар нақл мекунад, мефармояд: ин ҳадис бар хилофи муддаъои онҳо бештар далолат дорад.

## 4. Хостгорӣ:

Яке дигар аз далелҳои касоне, ки пӯшиши чеҳраро лозим донистаанд ин аст, ки дар мавриди касе, ки қасди издивоҷ дорад, иҷоза дода шудааст, ки ба чеҳраи зане, ки мавриди назари ӯст нигоҳ кунад. Мафҳуми ин ҳукм ин аст, ки барои касе, ки қасди издивоҷ надорад назар кардан ҷоиз нест. Акнун мо баъзе аз ривоятҳои ин бобро зикр мекунем:

а)

عن أبي‌هريرة: كنت عند النبي، فأتاه رجل فأخبره أنه تزوج امرأة من الأنصار. فقال له رسول الله صلى الله عليه وآله وسلم: أنظرت إليها؟ قال: لا. قال: فاذهب فانظر إليها فإن في أعين الأنصار شيئا

(*Саҳеҳ Муслим, ҷ.4, с.142*) Абӯҳурайра мегӯяд: назди Расули Худо будам, ки марде омад ва гуфт: бо зане аз ансор издивоҷ кардаам. Пайғамбар Саллаллоҳу алайҳи ва олиҳи ба вай фармуд: оё он занро дидаӣ? Гуфт: на. Фармуд: бирав ӯро бибин, зеро чашми ансор маъмулан айбе дорад.

б)

عن المغيرة بن شعبة أنه خطب امرأة فقال صلى الله عليه وآله وسلم: انظر إليها فإنه أحرى أن يدوم بينكما

(*Ҷомеъи Тирмизӣ, с.175*) Муғира ибни Шӯъба аз зане хостгорӣ кард. Пайғамбари Акрам Саллаллоҳу алайҳи ва олиҳи мутталеъ шуд, ибтидо фармуд: бирав бибин, зеро агар бибинӣ ва баъд издивоҷ кунӣ, ин кор барои давоми издивоҷ шумо беҳтар аст.

в)

لا بأس أن ينظر الى وجهها ومعاصمها إذا أراد أن يتزوجها

(*“Вофӣ”, ҷ.12, с.58 ва “Васоил”, ҷ.3, с.11 ва “Кофӣ”, ҷ.5, с.365*) Вақте шахс бихоҳад бо зане издивоҷ кунад, боке нест, ки ба чеҳра ва маҳалли дастбандҳо нигоҳ кунад.

Мафҳуми мухолифи ин ҳадис ин аст, ки агар қасди издивоҷ дар кор набошад, нигоҳ кардан ҷоиз нест.

Ҷавоби ин истидлол ҳамон тавр, ки фуқаҳо гуфтаанд ин аст, ки: аввалан, нигоҳи хостгор бо нигоҳи ғайри хостгор фарқ мекунад. Хостгор ба дидаи харидорӣ ва барои харидорӣ нигоҳ мекунад ва ба истилоҳ, назари истиқлолӣ дорад ва маъмулан холӣ аз талаззуз нест. Аз ин рӯ фуқаҳо мегӯянд, нигоҳи хостгор бо илм бад-ин, ки талаззуз ҳосил мешавад, монеъе надорад. Албатта ҳадафи ӯ бояд таҳқиқ бошад, на талаззуз. Вале ғайри хостгор агар ба манзури талаззуз нахоҳад нигоҳ кунад, назараш олӣ хоҳад буд, на истиқлолӣ. Мо фарқ байни ин ду навъ назарро дар тафсири ояти 31 сураи Нур баён кардем ва хулоса ин аст: касе, ки қасди хостгорӣ надорад, набояд бо чашмони хира ва нигоҳҳои харидорӣ занро тамошо кунад ва ин мунофот надорад, ки назар ба чеҳраи зан ба таври олӣ яъне ба андозае, ки лозимаи мухотаба аст ҷоиз бошад.

Ва сониян, дар мавриди нигоҳе, ки муқаддимаи хостгорӣ аст, чунонки ривоятҳои дигар далолат дорад ва фуқаҳо ҳам фатво медиҳанд, ҷавози назар ихтисос ба чеҳра ва ду даст надорад, балки нисбат ба мутлақи зебоиҳои зан низ ҷоиз аст. Аз боби намуна ду ривоятро зикр мекунем:

1)

عبدالله بن سنان قال: قلت لأبيعبدالله عليه السلام: الرجل يريد أن يتزوج المرأة فينظر إلى شعرها؟ فقال: نعم إنما يريد أن يشتريها بأغلى الثمن

(*“Васоил”, ҷ.3, с.12, “Таҳзиб”, ҷ.7, с.435*) Абдуллоҳ ибни Синон мегӯяд: аз ҳазрати Содиқ алайҳис салом пурсидам: вақте шахс ирода дорад бо зане издивоҷ кунад, оё ҷоиз аст ба мӯйи ӯ нигоҳ кунад? Фармуд: оре, зеро ба гаронбаҳотарин қимат харидори ӯст. Яъне он чи инсон дар зиндагии заношӯӣ моя мегузорад, аз ҳар чиз гаронбаҳотар аст. Возеҳ аст, ки мурод маҳрия нест, зеро арзиши пули маҳрия гаронбаҳотарин қимат нест, балки мақсуд ин аст, ки мехоҳад бо ӯ зиндагӣ кунад ва умри хешро бо ӯ ба сар барад.

2)

عن رجل عن أبيعبدالله عليه السلام قال: قلت له: ينظر الرجل إلى المرأة يريد تزويجها فينظر إلى شعرها ومحاسنها؟ قال: لا بأس بذلك إذا لم يكن متلذذا

(*“Кофӣ”, ҷ.5, с.365, “Васоил”, ҷ.3, с.11*) Марде аз ҳазрати Содиқ алайҳис салом мепурсад: оё марде, ки қасди издивоҷ дорад, ҳақ дорад ба мӯ ва зебоиҳои зани мавриди назараш нигоҳ кунад? Фармуд: ишколе надорад машрут бар ин ки мақсудаш илтизоз набошад.

Пас маълум шуд, ҷавози назар барои хостгор, ихтисос ба чеҳра ва ду даст надорад.

Солисан, баҳси мо феълан дар лузуми пӯшидани ваҷҳ ва каффайн аст, на дар ҷавози назар барои мард.

Фаразан ривоятҳое, ки далолат мекунад, ки барои хостгор назар ба чеҳраи зани мавриди назараш ҷоиз аст, мафҳуми мухолифе дошта бошад, ки назари ғайри хостгор бар чеҳраи зан ҷоиз нест, далел бар адами ҷавози назари мард бар чеҳраи зани бегона аст, на бар вуҷуби пӯшидани зан ваҷҳ ва каффайнро.

## 5. Ояти “Ҷилбоб”:

Далели дигар, ки метавон ба он тамассук ҷуст, ояти ҷилбоб аст, ки мефармояд:

يَا أَيُّهَا النَّبِيُّ قُلْ لِأَزْوَاجِكَ وَبَنَاتِكَ وَنِسَاءِ الْمُؤْمِنِينَ يُدْنِينَ عَلَيْهِنَّ مِنْ جَلَابِيبِهِنَّ

(*Аҳзоб/59*) Эй паёмбар! Ба ҳамсаронат ва духтаронат ва ҳамсарони мӯъминин бигӯ, ки ҷилбобҳои (рӯсариҳои) хешро ба худ наздик созанд…

Ин истидлол мабнӣ бар ин аст, ки ҷумлаи “наздик созанд рӯсариҳои хешро” киноя бошад аз ин ки бо рӯсариҳо чеҳраи хешро бипӯшонанд, ҳамчунон ки бисёре аз муфассирон монанди Замахшарӣ дар “Кашшоф” ва Файз дар “Софӣ” инчунин тафсир кардаанд.

Вале мо дар яке аз фаслҳои гузашта таҳти унвони “ҳарими ифоф” собит кардем, ин тафсир ҳеч мабное надорад. Назари бархе муфассирони дигар монанди тафсири “Алмизон”-ро таъйид кардем.

То он ҷо, ки ман алъон ба хотир дорам, ҳеч фақеҳе ба ин оят ба унвони яке аз далелҳои вуҷуби сатр истинод наҷустааст.

## Ширкати зан дар маҷомеъ

Далелҳои мувофиқ ва мухолифро то он ҷо, ки лозим буд, зикр кардем. Аз маҷмӯи он чи гуфтем, ду матлаб комилан дастгир шуд. Яке ин ки ислом ба аҳаммият ва арзиши фавқулъодаи покӣ ва лузуми қонунӣ будани равобити ҷинсии зану мард чӣ ба сурати назар ва чӣ ба сурати ламс ва чӣ ба сурати шунидан ва чӣ ба сурати ҳамхобагӣ таваҷҷӯҳи комил дорад, ба ҳеч ваҷҳ розӣ намешавад бо ҳеч ному унвоне хадшае бар он ворид шавад. Аммо дунёи имрӯз ин арзиши фавқулъодаи инсониро нодида гирифтааст ва дар айни ин ки дудаш ба чашмаш меравад, намехоҳад ба рӯйи худ биёварад.

Ҷаҳони имрӯз ба номи “озодии зан” ва сареҳтар “озодии равобити ҷинсӣ” руҳи ҷавононро сахт фосид кардааст. Ба ҷойи ин ки ин озодӣ ба шукуфтани истеъдодҳо кӯмак кунад, ба шакли дигар ва ба сурати дигар ғайри он чи дар қадим вуҷуд дошт, нерӯҳо ва истеъдодҳои инсониро ҳадар додааст ва медиҳад. Зан аз кунҷи хона берун омада, аммо ба куҷо рӯ овардааст? Ба синамоҳо, канори дарёҳо, ҳошияи хиёбонҳо, маҷолиси шабнишинӣ… Зани имрӯз ба номи “озодӣ” хонаро хароб карда бидуни ин ки мадраса ё ҷойи дигарро обод карда бошад. Агар ғалат накунам, онҷоро низ хароб кардааст.

Дар асари ин бе банду борӣ ва дур афкандани қайдҳои инсонӣ, аз таҳсили ҷавонон коста шуда, ҷавонон аз таҳсил ва мадраса фирорӣ шудаанд, ҷиноятҳои ишқӣ фаровон шуда, бозори синамоҳо равнақ гирифта, ҷайби корхонадорони муваллиди лавозими ороишӣ пур шуда, арзиши раққосҳо ва раққосаҳо сад баробари донишмандон ва мутафаккирон ва муслеҳони иҷтимоӣ шудааст. Агар мехоҳед бидонед чунин ҳаст ё чунин нест, он гоҳ, ки раққосае вориди кишвар мешавад бо он гоҳ, ки донишманде назири профессор Бернорд, мутахассиси маъруф пайванди қалб, ворид мешавад муқоиса кунед ва аксуламали ҷавононро дар ҳар ду маврид бибинед.[20]

---

[20] *Дар таърихи 29.03.1348 (шамсӣ, дар замони шоҳ қабл аз инқилоб) ду ҳунарпешаи италиявӣ — ки ба қавли худашон, аз назари қонун заку шавҳар нестанд, аммо аз назари худашон заку шавҳаранд — вориди Теҳрон шуданд. Ҷавонон, аъамм аз писару духтар,*

Матлаби дигар ин ки: ислом бо ҳамаи таваҷҷӯҳе, ки ба хатари шикаста шудани ҳисори ифоф дорад — ҳамон тавр, ки равиши ин ойини поки худоӣ аст, ки як ойини мӯътадил ва мутаъодил аст ва аз ҳар ифроту тафрите ба дур аст ва умматашро "уммати васат" мехонад — аз ҷанбаҳои дигар ғофил намешавад. Занонро то ҳудуде, ки мунҷар ба фасод нашавад, аз ширкат дар иҷтимоъ наҳй намекунад. Дар баъзе маворид ширкати онҳоро воҷиб мекунад, монанди ҳаҷ, ки бар зану мард мутасовиян воҷиб аст ва ҳатто шавҳар ҳаққи мумонаъат надорад ва дар баъзе маворид ба тархис иктифо мекунад.

Чунонки медонем, ҷиҳод бар занон воҷиб нест, магар вақте, ки шаҳр ва ҳавзаи мусалмонон мавриди ҳамла воқеъ шавад ва ҷанбаи сад дар сад дифоъӣ ба худ бигирад. Дар ин сурат ҳамон тавр, ки фуқаҳо фатво медиҳанд, бар занон низ воҷиб мешавад (*р.к. ба "Масолик", аввали китоби ҷиҳод*), вале дар ғайри ин сурат воҷиб нест. Дар айни ҳол Расули Худо ба бархе аз занон иҷоза медод, ки дар ҷангҳо барои кӯмак ба сарбозон ва маҷрӯҳин ширкат кунанд. Қазоёи зиёде дар таърихи ислом дар ин замина ҳаст.[21]

Бар занон воҷиб нест, ки дар намози ҷумъа ширкат кунанд, магар он ки ҳузур ба ҳам расонанд. Баъд аз ҳузур воҷиб аст ширкат кунанд ва тарк накунанд.[22] Бар занон воҷиб нест, ки дар намоз идайн ширкат кунанд, вале аз ширкат кардан мамнӯъ намебошанд.

---

*истиқболи бесобиқае аз онон ба амал овározданд ва рӯзномаҳо мунъакис карданд. Писарону духтарони эронӣ ончунон фарёдҳои ваҳшатноке ба унвони ибрози эҳсосот кашида буданд, ки дидани аксашон дар ҳоли фарёд, бинандаро мутаваҳҳиш ва мутанаффир мекард. Рӯзномаи "Иттилоот" дар рӯзи баъд навишт: Ал Бано и Ромина Пауэр (ду ҳунарпешаи италиявӣ) дар гуфтугӯи кӯтоҳе бо хабарнигори "Иттилоот" гуфтанд: иҷтимоъи беназири духтарону писарони теҳронӣ дар баробари дари вурудии ҳутел ва телефонҳои мутаъаддиде, ки дар соати иқомати мо дар ҳутел ба мо мешавад, воқеан кори оддӣ ва рӯзонаро фалаҷ кардааст. Дар ҳеч як аз кишварҳои урупоӣ ва омрикоӣ, ки мо то кунун сафар кардаем, тарафдороне то бад-ин ҳадд алоқаманд надоштаем. Хеле хушҳол хоҳем буд иқомати ду ҳафтаии мо дар Теҳрон чанд рӯзе афзоиш ёбад.*" *Агар инҳо суқути ахлоқӣ ва далели инҳитот ва нишонаи бадбахтии наслҳои оянда нест, пас чӣ чиз хоҳад буд?*

[21] *Руҷӯъ шавад ба китобҳои мағозӣ ва сияр ва таърихҳои садри ислом. Ҳамчунин руҷӯъ шавад ба Саҳеҳи Муслим (ҷ.5, с.196-197) ва Сунани Абӯдовуд (ҷ.2, с.17) ва Ҷомеъи Тирмизӣ (с.247).*

[22] *Васоил, ҷ.1, с.456.*

Барои занони соҳиби ҳайату ҷамол ширкат дар ин маҷомеъ макрӯҳ аст.[23] Пайғамбари Акрам занони худро — бо қайди қуръа — бо худ ба сафар мебурд. Баъзе аз асҳоб низ чунин мекарданд.[24] Пайғамбари Акрам аз занон байъат гирифт, вале бо онҳо мусофаҳа накард, дастур дод, зарфи обе оварданд, дасти худро дар он фурӯ бурд ва дастур дод занон дасти хеш дар об фурӯ баранд, ҳаминро байъат шумурд.[25] Оиша гуфт, ҳаргиз дасти пайғамбар дар ҳамаи умр дасти як зани бегонаро ламс накард.

Занонро аз ташйеъи ҷаноза манъ накард гӯ ин ки онро лозим ҳам нашмурд. Расули Худо тарҷеҳ дод занон дар ташйеъи ҷаноза ширкат накунанд. Дар айни ҳол дар мавориди хоссе ширкат кардаанд ва аҳёнан намоз хондаанд. Дар ривоятҳои мо омадааст, ки вақте Зайнаб духтари бузурги Расули Акрам вафот кард, Заҳрои Марзия Саломуллоҳи алайҳо ва занони мусалмонон омаданд ва бар вай намоз хонданд.[26] Аз назари ривоятҳои шиъа, барои занони ҷавон ширкат дар ташйеъи ҷаноза макрӯҳ аст. Уламои аҳли тасаннун аз Умми Атийя нақл кардаанд, ки гуфт: Расули Акрам моро тавсия кард, ки дар ташйеъи ҷаноза ширкат накунем, вале манъ нафармуд.[27] Асмо духтари Язиди Ансорӣ, аз тарафи занони мусалмони Мадина маъмур шуд ба намояндагии онон назди Расули Худо биравад ва паёми гилояомези занони Мадинаро ба Расули Худо иблоғ кунад ва ҷавоб бигирад. Асмо вақте ворид шуд, ки Расули Худо дар миёни ҷамъи асҳоб буд. Гуфт:

“*Падару модарам қурбонат! Ман намояндаи занонам ба сӯйи ту. Мо занон мегӯем, Худованд ъазза ва ҷалла туро, ҳам бар мардон мабъус фармуд ва ҳам бар занон. Ту танҳо паёмбари мардон нестӣ. Мо занон низ ба ту ва Худои ту имон овардем. Мо занон дар хонаҳои хеш нишаста ҳоҷати ҷинсии шумо мардонро бармеоварем, фарзандони шуморо дар раҳими хеш мепарваронем. Аммо аз он тараф мебинем вазоифи муқаддас ва корҳои бузург ва арҷманд ва пураҷр ва боарзиш, ба мардон ихтисос ёфта ва мо маҳрумем. Мардонанд, ки тавфиқи ҷумъа ва ҷамоат доранд, ба иёдати беморон мераванд, дар ташйеъи ҷаноза ширкат мекунанд, ҳаҷ мукаррар анҷом медиҳанд ва аз ҳама болотар тавфиқи ҷиҳод дар роҳи Худо доранд. Дар сурате, ки вақте як мард ба*

---

[23] *Васоил, ҷ.1, с.474.*

[24] *Саҳеҳи Бухорӣ, ҷ.7, с.43. Ҳамаи муаррихон ин матлабро навиштаанд.*

[25] *Ин ҷараён низ мавриди иттифоқи муаррихон ва муфассирон аст. Муаррихон зимни вақойеъи фатҳи Макка ва муфассирон зайли ояти 12 аз сураи Мумтаҳана зикр кардаанд. Ҳамчунин “Кофӣ”, ҷ.5, с.526.*

[26] *Васоил, ҷ.1, с.156.*

[27] *Саҳеҳ Муслим, ҷ.3, с.47 ва Саҳеҳ Бухорӣ, ҷ.2, с.94 ва Сунани Абӯдовуд, ҷ.2, с.180.*

*ҳаҷ ё ҷиҳод меравад, мо занон ҳастем, ки амволи шуморо нигаҳдорӣ мекунем, барои ҷомаҳои шумо нахресӣ мекунем, фарзандони шуморо тарбият мекунем. Чӣ гуна аст, ки мо дар заҳматҳо шарики шумо мардон ҳастем, аммо дар вазоифи бузург ва муқаддас ва корҳои параҷру подош ширкат надорем ва аз ҳамаи онҳо маҳрумем?*“

Расули Акрам нигоҳе ба асҳоб кард ва фармуд:

“*Оё то кунун аз зане сухане ба ин хубӣ ва мантиқе бад-ин расоӣ дар умури дин шунидаед?*“

Яке аз асҳоб гуфт:

“*Хаёл намекунам ин сухан аз худи ин зан бошад.*”

Расули Худо ба ҷавоби ин мард эътино накард. Рӯ кард ба Асмо ва фармуд:

“*Эй зан! Он чи мегӯям, дуруст фаҳм кун ва ба заноне, ки туро фиристодаанд низ ҳолӣ кун. Пиндоштӣ, ки ҳар ки мард шуд, ба воситаи ин корҳо, ки баршумурдӣ, тавфиқи аҷру подош ва фазилатро меёбад ва занон маҳруманд? Хайр, чунин нест. Зан агар хуб хонадорӣ ва шавҳардорӣ кунад, нагузорад муҳити поки хона бо ғубори кудурат олуда шавад, аҷру подош ва фазилат ва тавфиқаш муъодил аст бо ҳамаи он корҳо, ки мардон анҷом медиҳанд*.“

Асмо зане боимон буд ва тақозои ӯ ва занони ҳамфикраш аз умқи имонашон бармехост, на аз шаҳавоти барангехташуда, ки ғолибан имрӯз мебинем. Ӯ ва ҳамфикронаш нигарони ин буданд мабодо вазоифе, ки ба ӯҳдаи онон вогузор шуда, қадру қимате надошта бошад ва ҳамаи вазоифи муқаддас ва қадру қиматдор ба мардон ихтисос ёфта бошад. Ӯ ва ҳамфикронаш тақозои мусовоти занон ва мардонро доштанд, аммо дар чӣ? Дар рабудан гӯйи фазилат ва анҷоми вазифаи муқаддас. Чизе, ки дар мухайялаи онон ҳам хутур намекард ин буд, ки шаҳавоти фардиро номи “ҳуқуқ” ниҳанд ва ҷанҷол роҳ биандозанд.

Аз ин рӯ вақте, ки он ҷавобро шунид, чеҳрааш аз хушҳолӣ барафрӯхта шуд ва бо хушҳолӣ ба сӯйи ҳамфикронаш баргашт.[28]

Дар боби ширкати занон дар ин гуна маворид, дар китобҳои ҳадис ривоятҳои зидду нақизе ворид шудааст. Аз баъзе аз онҳо мамнӯъияти шадид истифода мешавад. Аммо соҳиби “Васоил”, ки худ муҳаддиси мутабаҳҳире аст, бо таваҷҷӯҳ ба маҷмӯъи осор ва ривоятҳои исломӣ мегӯяд:

---

[28] *Усуд ал-ғоба, ҷ.5, с.398-399. Ин достон дар китобҳои ҳадис ва тафсир низ нақл шудааст.*

*“Аз маҷмӯъи ривоятҳо истифода мешавад, ки барои занон равост, ки барои маҷолиси азо ё барои анҷоми ҳуқуқи мардум[29] ё ташйеъи ҷаноза берун раванд ва дар ин маҷомеъ ширкат кунанд, ҳамчунон ки Фотима алайҳас салом ва ҳамчунин занони имомони атҳор дар мисли ин маворид ширкат мекардаанд.*

*Пас ҷамъ байни ривоятҳо ҳукм мекунад, ки ривоятҳои манъро ҳамл бар кароҳат кунам.”*[30]

Пайғамбари Акрам занонро иҷоза медод, ки ба хотири ҳоҷате, ки доранд берун раванд ва кори хешро анҷом диҳанд. Савда, духтари Зумъа, ҳамсари Расули Худо, зане баландболо буд. Як шаб бо иҷозаи Расули Худо аз хона ба хотири коре берун омад. Бо ин ки шаб буд, Умар ибни Хаттоб Савдаро ба хотири баландболоиаш шинохт. Умар дар ин ҷиҳат таъассуби шадиде дошт ва ҳамвора ба пайғамбар тавсия мекард, иҷоза надиҳад занонаш берун раванд. Умар бо лаҳни хашине ба Савда гуфт: ту хаёл кардӣ, ки мо туро нашинохтем?! Хайр шинохтем. Пас аз ин дар берун омадани худ диққати бештаре бикун. Савда аз ҳамон ҷо мурочеат кард ва моҷароро ба арзи Расули Худо расонд, дар ҳоле, ки Расули Худо машғули шом хӯрдан буд ва устухоне дар дасташ буд. Тӯле накашид, ки ҳолати ваҳй бар он ҳазрат ориз шуд. Пас аз бозгашт ба ҳолати оддӣ фармуд:

إنه قد أذن لكن أن تخرجن لحوائجكن

[31] Ончунонки маҷмӯан аз таърихҳо ва нақлҳои ҳадисӣ бармеояд, дар миёни саҳобаи Расули Худо, Умар ибни Хаттоб — ҳамчунон ки муқтазои табиатҳои хушку хашин аз тирози ӯст — дар мавриди занон фавкулъода сахтгир ва тарафдори хонанишинии куллии онҳо будааст.

Ҷоҳиз дар “Ал-баёну ват-табйин” (*ҷ.2, с.90 ва ҷ.3, с.155*) аз Умар нақл мекунад, ки:

أكثروا لهن من قول «لا» فإن «نعم» ليضرهن على المسألة

Бештар ба занҳо “на” бигӯед, зеро “бале” ононро дар хоҳиш ҷарийтар мекунад.

---

[29] *Дар “Биҳор ал-анвор” ҷилд, 11, сафҳаи 118 ривояте аз “Кофӣ” аз ҳазрати Мӯсо ибни Ҷаъфар алайҳимас салом нақл мекунад ба ин мазмун:*

كان أبي يبعث أمي وأم فروة تقضيان حقوق أهل المدينة

*Яъне падарам Имом Содиқ модари ман ва модари худашро мефиристод, ки ҳоҷоти дармондагони Мадинаро анҷом диҳанд.*

[30] *Васоил, ҷ.1, с.72.*

[31] *Саҳеҳ Муслим, ҷ.7, с.6 ва Саҳеҳ Бухорӣ, ҷ.7, с.49 ва ҷ.8, с.66.*

Дар Тафсири “Кашшоф”, зайли ояти 53 сураи Аҳзоб менависад:

“*Умар хеле алоқаманд буд, ки занони Расули Худо дар парда бошанд ва берун наравaнд, зиёд ин матлабро ба миён мегузошт. Ба занони пайғамбар мегуфт: агар ихтиёр бо ман буд, чашме шуморо намедид. Як рӯз бар онон гузашт ва гуфт: охир шумо бо соири занон фарқ доред, ҳамчунон ки шавҳари шумо бо соири мардон фарқ дорад. Беҳтар аст ба парда даршавед. Зайнаб ҳамсари Расули Худо гуфт: писари Хаттоб! Ваҳй дар хонаи мо нозил мешавад ва он гоҳ ту нисбат ба мо ғайрат меварзӣ ва таклиф муайян мекунӣ?!*“

Дар Сунани Ибни Моҷа —

باب ما جاء في البكاء على الميت

— ҳадиси шумораи 1587 менависад: “*Расули Худо дар ташйеъи ҷанозае ширкат кард. Зане аз касони мутаваффо ширкат карда буд. Умар бар он зан наҳиф зад. Расули Худо фармуд: велаш кун эй Умар! Чашм гирён ва дил доғдор ва аҳд қариб аст*.“

Аз ин гуна ҷараёнҳо дар таърихи зиндагии Умар зиёд ёфт мешавад. Ҳатто нақл кардаанд, ки: “*Отика, ҳамсари Умар, доиман бо ӯ барои рафтан ба масҷид дар кашмакаш буд. Умар намехост ӯ ширкат кунад, аммо ӯ исрор дошт ширкат кунад. Отика намехост наҳйи шавҳарашро тамарруд кунад, Умар ҳам намехост наҳйи сареҳ кунад, дилаш мехост вақте, ки дар муқобили тақозои Отика сукут мекунад, Отика ба масҷид наравад. Ин буд, ки дар муқобили дархости Отика сукут мекард ва лаб аз лаб намеҷунбонид. Аммо Отика мегуфт, ба Худо қасам, модоме, ки сареҳан наҳй накунӣ, хоҳам рафт ва мерафт*.”

Дар Саҳеҳ Бухорӣ аз Ибни Аббос нақл мекунад, ки гуфт: “*Сахт моил будам фурсати муносибе ба чанг оварам ва аз Умар бипурсам, он ду зан, ки дар Қуръон дар бораи онон омадааст:*

إِنْ تَتُوبَا إِلَى اللَّهِ فَقَدْ صَغَتْ قُلُوبُكُمَا

[32] *киҳо ҳастанд? То он ки дар сафари ҳаҷ ҳамроҳи ӯ шудам. Як рӯз фурсате пеш омад, зимни ин ки оби вузӯ рӯйи дасташ мерехтам, гуфтам: ё амирулмӯъминин! Он ду зан, ки Худованд дар Қуръон ба онҳо ишора мекунад ва мефармояд:*

---

[32] *Таҳрим/4: “Агар тавба кунед (баҷо ва лозим аст), зеро дилҳои шумо мунҳариф шудааст.” Ин оят марбут ба ду нафар аз занони Расули Акрам аст, ки Расули Худо як матлаби сиррӣ ба онон гуфт ва онон муртакиби хато шуданд ва фош карданд.*

***إِنْ تَتُوبَا إِلَى اللَّهِ فَقَدْ صَغَتْ قُلُوبُكُمَا***

*— кадоманд? Гуфт: аҷаб аст аз ту, ки чунин пурсише мекунӣ. Онҳо Оиша ва Ҳафса мебошанд. Он гоҳ худи Умар достонро инчунин тафсил дод: ман ва яке аз ансор дар қисмати болои шаҳри Мадина, ки бо масҷид ва маркази Мадина фосила дошт, манзил доштем. Ман ва ӯ бо ҳам қарор гузошта будем ба навбат, як рӯз дар миён, ҳар кадом аз мо ба масҷид ва маркази Мадина биравем ва агар чизи тозае рух дода буд, ба иттилоъи дигарӣ бирасонем. Мо, мардуми Қурайш то дар Макка будем, бар занони хеш мусаллат будем*[33]*, аммо мардуми Мадина баръакс буданд, занони онон бар эшон тасаллут доштанд. Тадриҷан ахлоқи занони Мадина дар занони мо асар кард. Як рӯз ман ба ҳамсарам хашм гирифтам. Ӯ бар хилофи интизор, ҷавоби маро пасдод. Гуфтам: ҷавоби маро пасмедиҳӣ?! Гуфт: хабар надорӣ, ки занони пайғамбар рӯяшон бо ӯ боз аст ва бо ӯ яку ду мекунанд ва гоҳ яке аз онон як рӯзи тамом бо пайғамбар қаҳр мекунад. Аз шунидани ин сухан сахт нороҳат шудам, гуфтам ба Худо қасам касе, ки бо пайғамбар чунин кунад, бадбахт шудааст. Фавран либос пӯшидам ва омадам ба шаҳр ва бар духтарам Ҳафса ворид шудам, гуфтам: шунидаам шумо гоҳе як рӯзи тамом пайғамбарро нороҳат мекунед? Гуфт: бале. Гуфтам: духтаракам! Бечора шудӣ, чӣ итминоне дорӣ, ки Худованд ба хотири паёмбараш бар ту хашм нагирад? Духтаракам! Аз ман бишнав: баъд аз ин на бо пайғамбар тундӣ кун ва на аз ӯ қаҳр кун, ҳар чи мехоҳӣ, ба худам бигӯ. Агар мебинӣ рақибат (Оиша) аз ту зеботар аст, нороҳат набош. Қазия гузашт. Дар он айём мо нигарони ҳамлаи ғассониҳо аз ҷониби Шом будем. Шунида будем, онон омодаи ҳамла ба мо ҳастанд. Як рӯз, ки навбати рафиқи ансорӣ буд ва ман дар хона будам, шабҳангом дидам дари хонаи маро муҳкам мекӯбад ва мегӯяд: ӯ дар хона аст? Ман сахт дар ҳарос шудам. Омадам берун. Гуфт: ҳодисаи бузурге рух дода. Гуфтам: ғассониҳо ҳамла карданд? Гуфт: на, аз он бузургтар. Гуфтам: чӣ шуда? Гуфт: паёмбар занони хешро якҷо тарк гуфтааст! Гуфтам: бечора шуд Ҳафса. Қаблан пешбинӣ мекардам ва ба худи Ҳафса ҳам гуфтам. Субҳи зуд либос пӯшидам ва барои намози субҳ ба масҷид рафтам ва бо паёмбар намози ҷамоат хондам. Паёмбар баъд аз намоз ба утоқи махсусе, ки ба худаш таъаллуқ дошт рафт ва аз ҳама канорагирӣ кард.*

---

[33] *Дар ривояти дигаре, ки Саҳеҳ Муслим, ҷ.4, с.190 нақл мекунад, Умар мегӯяд:*

***والله إن كنا في الجاهلية ما نعد للنساء أمرا حتى أنزل الله تعالى فيهن ما أنزل وقسم لهن ما قسم***

*Яъне ба Худо, мо дар ҷоҳилият барои занон шаъне қоил набудем, то Худованд (дар Қуръон) дар бораи онон оятҳое нозил кард ва ҳуқуқ ва баҳраҳое бароишон қоил шуд.*

*Ман ба суроғи Ҳафса рафтам. Мегирист. Гуфтам: чаро мегирӣӣ? Ба ту нагуфтам ин қадр паёмбарро озор надиҳед?! Хуб, оё шуморо талоқ дод? Гуфт: намедонам, ҳамин қадр медонам аз ҳама канорагирӣ кардааст. Омадам ба масҷид, наздики минбари паёмбар, дидам гурӯҳе гирди минбар ҷамъ шуда мегирянд. Қадре бо онҳо нишастам. Чун хеле нороҳат будам, рафтам ба тарафи утоқи пайғамбар. Як сиёҳ дами дар буд. Гуфтам: ба пайғамбар бигӯ Умар иҷозаи воруд мехоҳад. Рафт ва баргашт ва гуфт: гуфтам, аммо пайғамбар сукут кард. Баргаштам ва рафтам миёни мардуме, ки гирди минбарро гирифта буданд. Муддате нишастам. Натавонистам ором бигирам. Думартиба омадам ва ба дарбон гуфтам: барои Умар иҷоза бигир. Рафт ва баргашт ва гуфт: аз пайғамбар бароят иҷоза хостам, аммо пайғамбар сукут кард. Барои севвумин бор рафтам миёни мардуме, ки гирди минбар ҷамъ буданд ва аз нороҳатии пайғамбар нороҳат буданд. Боз ҳам натавонистам ором бигирам. Навбати севвум омадам ва ба василаи он дарбони сиёҳ иҷозаи вуруд хостам. Ғулом рафт ва баргашт ва гуфт: боз ҳам пайғамбар сукут кард. Маъюсона муроҷеат кардам. Ногаҳон фарёди ҳамон дарбони сиёҳро шунидам, ки маро мехонд. Гуфт: биё, ки пайғамбар иҷоза дод. Вақте, ки ворид шудам, дидам пайғамбар бар рӯйи шенҳо ба паҳлӯ хобида ва бар як муттако аз лифи хурмо такя карда сангарезаҳо бар ҷисмаш асар гузоштааст. Салом кардам. Истодам ва гуфтам: ё Расулаллоҳ! Мегӯянд, ҳамсарони хешро талоқ додаӣ, рост аст? Гуфт: на. Гуфтам: "Аллоҳу Акбар". Ҳамон тавр, ки истода будам, шурӯъ кардам ба сухан гуфтан ва мақсудам ин буд сари шӯхиро боз кунам. Гуфтам: ё Расулаллоҳ! Мо, мардуми Қурайш то дар Макка будем, бар занони хеш мусаллат будем, омадем ба ин шаҳр ва аз бахти бад, занони ин шаҳр бар мардонашон тасаллут доштанд. Паёмбар аз шунидани ин ҷумла табассуме кард. Ба сухани худам идома додам ва гуфтам: ман қаблан ба духтарам Ҳафса гуфта будам, ки агар Оиша аз ту қашангтар ва маҳбубтар аст, нороҳат набош. Бори дигар пайғамбар табассум кард. Чун дидам табассум кард, нишастам, ба атроф нигоҳ кардам, ҳеч чизе дар он ҷо ба чашм намехӯрд ҷуз сето пӯсти гӯсфанд. Гуфтам: ё Расулаллоҳ! Дуо кун Худованд ба уммати ту тавсиъа иноят фармояд, ончунонки Форс ва Рум ғарқ дар неъматанд. Пайғамбар, ки такя карда буд, фавран нишаст, фармуд: инҳо далели лутфи Худо нест. Онҳо неъматҳои хешро дар ҳамин дунё аз Худо гирифтаанд. Гуфтам: аз гуфтаи худам пушаймонам. Барои ман талаби мағфират кун. Аз ин пас пайғамбар як моҳ аз занони хеш дурӣ ҷуст, бад-он ҷиҳат, ки розеро Ҳафса назди Оиша ошкор карда буд (на бад-он ҷиҳат, ки Умар мепиндошт, ки чун занони пайғамбар забондароз шуда буданд ва пайғамбарро нороҳат мекарданд ва пайғамбар дар муқобили онҳо сукут мекард). Баъд*

*аз як моҳ, пайғамбар назди занони хеш баргашт. Ояти тахйир нозил шуда буд, ки ҳар кадом аз ҳамсарони Расули Худо аз идомаи ҳамсарӣ норозӣ ҳастанд, пайғамбар онҳоро дар ниҳояти хушӣ, бо кӯмаки фаровони молӣ, дар корашон озод бигузорад, ҳар ҷо мехоҳанд, бираванд ва бо ҳар кас мехоҳанд, издивоҷ кунанд ва ҳар кадом моиланд бо ҳамин вазъи фақирона бисозанд, ба зиндагӣ бо пайғамбар идома диҳанд. Ҳамаи онҳо дар камоли ризоят гуфтанд: мо Худо ва пайғамбарро интихоб мекунем ва ифтихори ҳамсарии Расули Худоро аз даст намедиҳем.*”[34]

Оре, ин аст равиши ислом дар миёни ифроту тафритҳо. Ҳамон тавр, ки гуфтем, ислом ба хатароти ношӣ аз равобити ба истилоҳ озоди ҷинсӣ комилан огоҳ аст. Ниҳояти муроқабатро дар бархӯрдҳои занон ва мардони аҷнабӣ дорад. То ҳудуде, ки мунҷар ба ҳараҷ ва фалаҷ нашавад, тарафдори дур нигаҳ доштани занон аз мардон аст.

Ислом дар айни ин ки ба занон иҷозаи ширкат дар масоҷидро медиҳад, дастур медиҳад ба сурати мухталит набошад, маҳаллҳо аз якдигар ҷудо бошад. Мегӯянд, Пайғамбари Акрам дар замони ҳаёти хеш ишора кард, ки дари вурудии занон ба масҷид, аз дари вурудии мардон муҷаззо бошад. Рӯзе ишора ба яке аз дарҳо кард ва фармуд:

**لو تركنا هذا الباب للنساء**

Яъне хуб аст ин дарро ба бонувон ихтисос бидиҳем. Баъдҳо Умар сареҳан наҳй кард, ки мардон аз он дар ворид шаванд.[35] Ва низ мегӯянд: Пайғамбари Акрам дастур дод, ки шабҳангом, ки намоз тамом мешавад, аввал занҳо берун бираванд, баъд мардҳо. Расули Худо хуш намедошт, ки зану мард дар ҳоли ихтилот аз масҷид берун раванд, зеро фитнаҳо аз ҳамин ихтилотҳо бармехезад.

Расули Худо барои ин ки бархӯрд ва истикоке рух надиҳад, дастур медод мардон аз васат ва занон аз канори кӯча ё хиёбон бираванд.[36] Як рӯз Расули Худо дар беруни масҷид буд. Дид мардон ва занон бо ҳам аз масҷид берун омаданд. Ба занҳо хитоб кард ва фармуд: беҳтар ин аст шумо сабр кунед, онҳо бираванд. Шумо аз канор биравед ва онҳо аз васат.[37]

Фуқаҳо ба ҳамин муносибат фатво медиҳанд, ки ихтилоти мардон ва занон макрӯҳ аст. Марҳум Оятуллоҳ Сайид Муҳаммад Козими Таботабоии Яздӣ (қуддиса сирруҳ) дар “Урватул-вусқо”, фасли аввал, масъалаи 49 мегӯяд:

---

[34] *Саҳеҳ Бухорӣ, ҷ.7, с.36-38 ва Саҳеҳ Муслим, ҷ.4, с.192-194.*

[35] *Сунани Абӯдовуд, ҷ.1, с.109.*

[36] *Кофӣ, ҷ.5, с.518.*

[37] *Сунани Абӯдовуд, ҷ.2, с.658.*

**يكره اختلاط الرجال بالنساء إلا للعجائز**

Яъне мухталит шудани мардон ва занон макрӯҳ аст магар дар мавриди пиразанон.

Ростӣ, агар касе бемордил набошад, тасдиқ мекунад, ки роҳи ислом роҳи мӯътадил ва мутаъодиле аст. Ислом дар айни ин ки ниҳояти муроқабатро барои покии равобити ҷинсӣ ба амал овардааст, ҳеч гуна монеъе барои бурузи истеъдодҳои инсонии зан ба вуҷуд наёвардааст, балки коре кардааст, ки агар ин барнома дур аз ҳар ифроту тафрите иҷро шавад, ҳам руҳияҳо солим мемонад ва ҳам равобити хонаводаҳо самимитар ва ҷиддитар мегардад ва ҳам муҳити иҷтимоъ барои фаъолияти саҳеҳи марду зан омодатар мешавад.

## Тавсияҳои ахлоқӣ

Дар "Кофӣ" бархе ривоятҳо бад-ин мазмун нақл шуда, ки таваҷҷӯҳи мард ба замин аст ва таваҷҷӯҳи зан ба мард, пас занонро дар ҳисори хона қарор диҳед.

Худи соҳиби "Кофӣ" мӯътақид аст, ки мақсуд ин аст, ки ҳар чи зудтар онҳоро дар ҳисори издивоҷ қарор диҳед.

Вале як идда ривоятҳои дигар вуҷуд дорад, ки мумкин аст онҳоро тавсияи ахлоқӣ ба мардон нисбат ба занон шумурд, ки аз хатароти тамосҳои мардон бо занон огоҳ бошанд. Соҳиби "Васоил" ин ривоятҳоро бар истеҳбоб ҳамл кардааст. Мо қисмати умдаи онҳоро зикр мекунем:

а) Амирулмӯъминин Алӣ алайҳис салом ба фарзандаш Имом Муҷтабо чунин тавсия мефармояд:

**واكفف عليهن من ابصارهن بحجابک إياهن، فإن شده الحجاب أبقى عليهن، وليس خروجهن بأشد من إدخالک عليهن من لا يوثق به عليهن وإن استطعت أن لا يعرفن غيرک فافعل**

(*"Наҳҷул-балоға", номаи 31, васияти маъруфи амирулмӯъминин ба Имом Ҳасан*) То метавонӣ коре кун, ки зани ту бо мардони бегона муошарат надошта бошад. Ҳеч чиз беҳтар аз хона занро ҳифз намекунад. Ҳамон тавр, ки берун рафтани онон аз хона ва муошарат бо мардони бегона дар хориҷи хона барояшон музир ва хатарнок аст, ворид кардани ту марди бегонаро бар ӯ дар дохили хона ва иҷозаи муошарат дар дохили хона низ музир ва хатарнок аст. Агар битавонӣ коре кунӣ, ки ҷуз ту марди дигареро нашиносанд, чунин кун.

Ин як тавсияи ахлоқӣ аст. Уламои ислом ин ҷумларо ба шакли як тавсияи ахлоқӣ талаққӣ кардаанд. Агар мо будем ва чунин таъбироте, бидуни шак он чи истинбот мешуд, беш

аз “тавсияи ахлоқӣ” буд, балки беш аз лузуми сатри ваҷҳ ва каффайн буд, он чи истинбот мешуд ҳамон аст, ки мо аз он ба ҳабси зан дар хона таъбир кардаем. Вале иллати ин ки фуқаҳо ба мазмуни чунин ҷумлаҳо фатво надодаанд, далелҳои қатъии дигар аз оятҳо ва ривоятҳо ва сираи маъсумин бар хилофи муфоди зоҳири ин таъбирот аст ва ба истилоҳ, зоҳири ин ҷумлаҳо “муъразун ъанҳу”-и асҳоб аст. Аз ин рӯ ин ҷумлаҳо ҳамл ба тавсияи ахлоқӣ шудааст ва арзиши ахлоқӣ дорад, на фиқҳӣ.

Он чи фуқаҳо аз амсоли ин ҷумлаҳо истинбот кардаанд ин аст, ки ин гуна ҷумлаҳо иршод ба ҳақиқати руҳӣ ва равонӣ дар равобити ду ҷинс аст ва шак нест, ки ҳақиқатиро баён мекунад. Робитаи зану марди аҷнабӣ сахт хатарнок аст, гиле аст, ки пилон бар он мелағзанд.

Он чи ислом лоақал ба сурати як амри ахлоқӣ тавсия мекунад ин аст, ки то ҳадди мумкин иҷтимоъи маданӣ ғайримухталит бошад.

Ҷомеаи имрӯз зиёнҳои иҷтимоъи мухталитро ба чашми худ мебинад. Чӣ лузуме дорад, ки занон фаъолиятҳои худро ба истилоҳ “дӯш ба дӯш”-и мардон анҷом диҳанд. Оё агар дар ду саффи ҷудогона анҷом диҳанд, нақсе дар фаъолият ва кори онон рух медиҳад?

Асари ин дӯш ба дӯшиҳо ин аст, ки ҳар ду ҳамдӯшро аз кор бозмедорад ва ҳар якро ба ҷойи таваҷҷӯҳ ба кор, мутаваҷҷеҳи “ҳамдӯш” мекунад, то он ҷо, ки ғолибан ин ҳамдӯшиҳо ба ҳумоғӯшӣ мунтаҳӣ мегардад.

б) Ҳадисе аст аз ҳазрати Заҳро алайҳас салом. Ҳарчанд фуқаҳо бад-ин ҳадис истинод намекунанд, аммо метавонад тавҷеҳи саҳеҳе дошта бошад. Хулосаи ҳадис ин аст: “*Рӯзе Расули Худо аз мардум пурсиданд: чӣ чиз барои зан аз ҳар чиз беҳтар аст? Касе натавонист посух бигӯяд. Ҳасан ибни Алӣ алайҳис салом кӯдак ва дар маҷлис ҳозир буд. Қиссаро барои модараш Заҳро Саломуллоҳи алайҳо нақл кард. Заҳро фармуд: аз ҳама чиз беҳтар барои зан ин аст, ки марди бегонаеро набинад ва марди бегонае ҳам ӯро набинад.” (“Васоил”, ҷ.3, с.9, нақл аз “Кашфул-ғумма”*)

Ин ҳадис низ тавсияи ахлоқӣ аст ва арҷаҳияти дур будани зану мардро баён мекунад.

Мо қаблан гуфтаем, тамоми тархисҳои исломӣ дар ин замина ба хотири ҷилавгирӣ аз ҳараҷ ва мазиқа аст. Арҷаҳияти ахлоқии пӯшиш, дур будани зану мард, вуҷуди ҳарим миёни он ду дар ҳудуди имкон, сари ҷойи худ боқӣ аст.

в) Расули Акрам ба Алӣ алайҳис салом фармуд:

**يا علي أول نظرة لک والثانية عليک لا لک**

[38] Яъне аввалин нигоҳ муфти туст, аммо нигоҳи дуввум ба зиёнат мебошад, на ба судат. Дар ин ки ин ҳадис дар мақоми баёни ҳукм аст ё дар мақоми баёни асаре, ки табъан дар нигоҳ ҳаст, ихтилофи назар аст. Бархе монанди Муҳаққиқ, соҳиби “Шаройеъ” ва Аллома Ҳиллӣ гуфтаанд, ин ҳадис мутаъарризи ҳукм назар аст. Муфоди ҳадис ин аст, ки нигоҳи аввал ҷоиз аст ва нигоҳи дуввум ҳаром. Баъзе дигар гуфтаанд, мақсуд ин аст, ки нигоҳи амдӣ мутлақан ҳаром аст. Нигоҳи аввал аз он назар ҷоиз аст, ки амдӣ нест.

Вале ҳақиқат ин аст, ки ин ҳадис дар мақоми тавсияи тарки назари шаҳавонӣ ва талаззузӣ аст, ки қатъан ҳаром аст ва аз маҳалли баҳс хориҷ аст. Ин ҳадис мехоҳад ин матлабро бигӯяд, ки инсон чашмаш ба зане меафтад ва аҳёнан хушаш меояд, мехоҳад бори дуввум нигоҳ кунад ва лаззат бибарад. Навбати аввал чун талаззузи ғайри амдӣ аст, монеъе надорад, аммо навбати дуввум чун ба қасди талаззуз аст, ҷоиз нест.

г) Имом Содиқ фармуд:

**النظر سهم من سهام إبليس مسموم وكم نظرة أورثت حسرة طويلة**

(*“Васоил”, ҷ.3, с.24*) Яъне нигоҳ кардан тире аст заҳролуд аз ноҳияи шайтон. Чӣ бисёранд нигоҳҳое, ки баъдҳо ҳасратҳо ва таъассуфҳои тӯлонӣ ба дунболи худ овардаанд.

Дар ҳадиси дигар омадааст:

**زنا العينين النظر**

(*“Кофӣ”, ҷ.5, с.559 ва “Васоил”, ҷ.3, с.24*) Яъне зинои ду чашм нигоҳ аст.

Ин ду ҳадис низ нозир ба нигоҳҳои шаҳватолуд аст ва мумкин аст тавсияи ахлоқӣ бошад ба эҳтиёт.

## На ҳабс ва на ихтилот

Аз он чи маҷмӯан баён шуд, маълум гашт он чи ислом мегӯяд, на он чизе аст, ки мухолифони ислом исломро бад-он муттаҳам мекунанд, яъне маҳбусияти зан дар хона

---

[38] *“Васоил”, ҷ.3, с.24. Дар Сунани Абӯдовуд, ҷ.1, с.496 бад-ин иборат омадааст:*

***يا علي لا تتبع النظرة بالنظرة فإن لک الأولى وليست لک الآخرة***

*Дар баъзе ривоятҳои шиъа низ, ки дар “Васоил” нақл шуда қариб ба ҳамин мазмун омадааст.*

ва на низоме аст, ки дунёи ҷадид онро пазируфтааст ва авоқиби шуми онро мебинад, яъне ихтилоти зану мард дар маҷомеъ.

Ҳабси куллии зан дар хона, навъе муҷозот буд, ки ба таври муваққат дар ислом барои занони бадкор муқаррар шуд:

وَاللَّاتِي يَأْتِينَ الْفَاحِشَةَ مِنْ نِسَائِكُمْ فَاسْتَشْهِدُوا عَلَيْهِنَّ أَرْبَعَةً مِنْكُمْ فَإِنْ شَهِدُوا فَأَمْسِكُوهُنَّ فِي الْبُيُوتِ حَتَّى يَتَوَفَّاهُنَّ الْمَوْتُ أَوْ يَجْعَلَ اللَّهُ لَهُنَّ سَبِيلًا

(*Нисо/15*) Заноне аз шумо, ки муртакиби зино мешаванд, чаҳор шоҳид бар онон бигиред. Агар чаҳор шоҳид шаҳодат доданд (ба тартибе, ки ба тафсил дар суннат баён шуда ва фиқҳ мутасаддии он аст) ононро дар хона ҳабс кунед, то умрашон ба поён расад ё Худо роҳи дигаре барояшон муайян кунад.

Муфассирон мегӯянд: мақсуд аз “роҳи дигар” ишора бад-ин аст, ки ин ҳукм муваққат аст ва дар оянда ҳукми дигаре барои онон хоҳад омад. Ояти 2 аз сураи Нур, ки ҳукм зонӣ ва зонияро баён кардааст, ҳамон аст, ки ин оят бо ишора онро ваъда додааст.

Мақсуд ин аст, ки ислом бо ихтилот мухолиф аст, на бо ширкати зан дар маҷомеъ ҳарчанд бо ҳифзи ҳарим.

Ислом мегӯяд: на ҳабс ва на ихтилот, балки ҳарим. Суннати ҷории мусалмонон аз замони Расули Худо ҳамин будааст, ки занон аз ширкат дар маҷолис ва маҷомеъ манъ намешудаанд, вале ҳамвора асли “ҳарим” риоят шудааст. Дар масоҷид ва маҷомеъ, ҳатто дар кӯча ва маъбар, зан бо мард мухталит набудааст. Ширкати мухталити зану мард дар бархе маҷомеъ, монанди бархе машоҳиди мушаррафа, ки дар замони мо маҳалли издиҳоми фавқулъода аст, бар хилофи марзийи шореъи муқаддаси ислом аст.

## Фатвоҳо

То инҷо далелҳои мувофиқ ва мухолифи пӯшиш ва назар ва ҳам равиши дақиқ ва мӯътадили ислом дар маҷмӯъи равобити занон ва мардон тибқи мадорики китобу суннат равшан шуд ва маълум шуд далелҳои мазбур адами вуҷуби сатри ваҷҳ ва каффайнро тавҷеҳ месозад ва ҳам ҷоиз будани нигоҳеро, ки аз рӯйи талаззуз набошад ва рибае ҳам дар кор набошад, тақвият мекунад.

Акнун бояд бибинем фатвоҳо чист? Ҳар кас мехоҳад бидонад уламои ислом аз садри аввал то кунун дар ин ду масъалаи муҳим чӣ гуна фатво додаанд.

Аввалан, назари фуқаҳои ислом дар бораи пӯшиши ваҷҳ ва каффайн чист? Ва сониян, дар бораи назар чӣ назаре доранд?

Дар ин ки пӯшидани ваҷҳ ва каффайн лозим нест, зоҳиран дар миёни тамоми уламои исломӣ аъамм аз шиъа ва суннӣ ихтилофе нест. Фақат як нафар аз уламои аҳли тасаннун ба номи Абӯбакр ибни Абдурраҳмон ибни Ҳишом назари мухолиф дорад, он ҳам маълум нест, ки назараш дар мавриди намоз аст ё дар мавриди номаҳрам.

Дар бораи чеҳра ҳеч гуна ихтилофе нест, аҳёнан баъзе аз уламо дар бораи дастҳо то муч ва ё дар бораи поҳо то соқ ихтилоф кардаанд, ки оё ҷузъи истисно ҳаст ё нест.

Дар миёни масоили фиқҳӣ шояд камтар масъалае инчунин пайдо шавад, ки ин гуна мавриди иттифоқи назар миёни уламои ислом аъамм аз шиъа ва суннӣ буда бошад.

Пеш аз он ки нақли ақвол кунем, ду матлаб бояд зикр шавад: яке ин ки масъалаи пӯшишро фуқаҳо дар ду ҷо тарҳ мекунанд. Яке дар боби намоз, аз боби ин ки дар намоз воҷиб аст, ки зан тамоми бадани хешро бипӯшонад, хоҳ номаҳраме вуҷуд дошта бошад ва ё вуҷуд надошта бошад. Дар инҷо ин суол пеш меояд, ки оё ваҷҳ ва каффайн ҳам дар намоз бояд пӯшида бошад ё на? Дигар дар боби никоҳ, ба муносибати баҳс аз ин ки хостгор то чӣ ҳудуде ҳақ дорад ба зани мавриди назари худ нигоҳ кунад. Дар инҷо низ маъмулан як баҳси куллӣ дар бораи пӯшиш ва ё дар бораи ҷавоз ва адами ҷавози назар мешавад.

Бинобар ин аз назари фиқҳ ду навъ "сатр" дорем: сатри салотӣ, яъне пӯшише, ки дар намоз бояд ба кор бурда шавад, ки албатта шароите дорад аз қабили ин ки пок бошад, ғасбӣ набошад ва ғайра. Ва сатри ғайри салотӣ, ки дар муқобили мардони бегона бояд риоят шавад ва шароити хосси намозро надорад. Баъдан хоҳем гуфт, ки зоҳиран ихтилофе нест дар ин ки сатри салотӣ ва ғайри салотӣ аз назари миқдор ва ҳудуди пӯшиш бо ҳам тафовут надоранд.

Матлаби дуввум ин ки фуқаҳо истилоҳе доранд, мегӯянд: бадани зан ҷуз чеҳра ва ду даст "аврат" аст. Мумкин аст ин таъбир дар назари баъзеҳо зананда ҷилва кунад рӯйи ин ҷиҳат, ки бигӯянд: "аврат" яъне як чизи зишт ва мустақбаҳ. Оё аз назари фиқҳи исломӣ бадани зан ҷуз чеҳра ва ду даст, як чизи зишт ва мустақбаҳ аст?!

Посух ин аст, ки калимаи "аврат" ба маънии як чизи зишт ва қабеҳ нест. Аз ин рӯ ба ҳар амри зишт ва қабеҳе "аврат" гуфта намешавад ва мутақобилан калимаи "аврат" дар мавориде ба кор бурда мешавад, ки ҳеч гуна мафҳуми қубҳ ва зиште надорад.

Масалан дар Қуръони Карим дар достони ғазваи Аҳзоб, ки ишора ба баҳонаҷӯии бархе заъифулимонҳо мекунад, мефармояд:

وَيَسْتَأْذِنُ فَرِيقٌ مِنْهُمُ النَّبِيَّ يَقُولُونَ إِنَّ بُيُوتَنَا عَوْرَةٌ وَمَا هِيَ بِعَوْرَةٍ إِنْ يُرِيدُونَ إِلَّا فِرَارًا

(*Аҳзоб/13*) Яъне як даста аз онон, аз пайғамбар иҷозаи муроҷеат мехоҳанд ва мегӯянд: хонаҳомон беҳифоз аст, ҳисори кофӣ надорад ва ҳол он ки хонаҳояшон беҳифоз нест, ҷуз фирор қасде надоранд.

Дар инҷо калимаи "аврат" дар мавриди хона ба эътибори беҳифоз будани он ба кор рафтааст ва бадеҳӣ аст, ки ҳеҷ гуна мафҳуми қубҳ ва зиште дар инҷо вуҷуд надорад. Дар ояти 58 сураи Нур, ки қаблан тафсир шуд, се вақти хилват (қабл аз намози субҳ, нимрӯз, баъд аз ъишо) ба эътибори ин ки афрод дар ин вақт либосҳоро аз тан берун меоваранд ва ҳифозе надоранд, ба номи "се аврат" хонда шудааст.

Соҳиби "Маҷмаъул-баён", ки аз лиҳози шикофтани маъонии луғатҳо, дар миёни муфассирон беназир ва дар миёни ғайри муфассирон камназир аст, дар зайли ояти 13 сураи Аҳзоб он ҷо, ки луғатро маънӣ мекунад мегӯяд:

والعورة كل شيء يتخوف منه في ثغر أو حرب، ومكان معور ودار معورة إذا لم تكن حريزة

Аврат, ба ҳар чизи осебпазир, ки мавриди нигаронӣ аст гуфта мешавад, аз қабили нуқоти сарҳадӣ ва ё як амри марбут ба ҷанг. Макони муъаввар ва хонаи муъаввар яъне хонае, ки истеҳком надорад ва осебпазир аст.

Пас маълум мешавад, ин таъбири фиқҳӣ муштамил бар навъе таҳқир намебошад. Ба зан аз он ҷиҳат "аврат" гуфта мешавад, ки монанди хонае беҳисор аст ва осебпазир мебошад ва бояд дар ҳисори пӯшиш қарор гирад.

Акнун биравем бар сари нақли ақволи фуқаҳо. Аллома дар "Тазкиратул-фуқаҳо", китоби ассалот (намоз) мефармояд:

"*Ҷамиъи бадани зан аврат аст ҷуз чеҳра, ба иҷмоъи ҷамиъи уламо дар ҷамиъи шаҳрҳо ҷуз Абӯбакр ибни Абдурраҳмон ибни Ҳишом, ки тамоми бадани занро аврат донистааст ва сухани ӯ ба ҳукми иҷмоъ мардуд аст. Аз назари уламои мо (шиъа), ду даст то муч низ монанди чеҳра аст ва аврат нест. Молик ибни Анас ва Шофеӣ ва Авзоъӣ ва Суфёни Саврӣ дар ин ҷиҳат бо уламои шиъа ҳамақидаанд, зеро Ибни Аббос дар тафсири сухани Худо:*

*وَلَا يُبْدِينَ زِينَتَهُنَّ إِلَّا مَا ظَهَرَ مِنْهَا*

*— ваҷҳ ва каффайнро тавъаман ҷузъи истисно шумурдааст. Аммо ба ақидаи Аҳмади Ҳанбал ва Довуди Зоҳирӣ каффайн бояд пӯшида шавад. Ва сухани Ибни Аббос кофӣ аст дар радди сухани онҳо.*"

Аллома баъд сухани худро дар бораи қадамайн идома медиҳад, ки оё бояд пӯшида бимонад ё на?

Чунонки мулоҳиза мешавад, фуқаҳои ислом дар боби сатри салотӣ, ба ояти сураи Нур тамассук мекунанд, ки марбут ба намоз нест, зеро он чи дар намоз лозим аст пӯшида шавад, ҳамон аст, ки дар муқобили номаҳрам бояд пӯшида шавад ва шояд агар баҳсе бошад, дар ин аст, ки оё дар намоз, зоид бар он чи дар муқобили номаҳрам бояд пӯшида шавад, лозим аст пӯшида шавад ё на? Аммо дар ин ки он чи дар намоз лозим нест пӯшида шавад, дар муқобили номаҳрам ҳам лозим нест пӯшида шавад, баҳсе нест.

Ибни Рушд дар китоби "*Бидоятул-муҷтаҳид*" (*ҷ.1, с.111*) мегӯяд: "*Ақидаи аксари уламо бар ин аст, ки бадани зан ҷуз чеҳра ва ду даст то муч, аврат аст. Абӯҳанифа мӯътақид аст, ки қадамайн низ аврат шумурда намешавад. Ва Абӯбакр ибни Абдурраҳмон ибни Ҳишом мӯътақид аст, ки тамоми бадани зан било истисно аврат аст.*"

Дар китоби "Ал-фиқҳ ъалал-мазоҳибил-хамса" (*с.113*), таълифи шайх Ҷавод Муғния мегӯяд: "*Уламои ислом иттифоқи назар доранд, ки бар ҳар як аз зану мард лозим аст он чиро дар хориҷи намоз бояд бипӯшад, дар ҳоли намоз ҳам бояд бипӯшад. Ихтилоф дар ин аст, ки оё дар намоз миқдоре зоид бар он чи дар хориҷи намоз бояд пӯшида шавад, лозим аст пӯшида шавад ё на? Он чи дар зан мавриди баҳс аст ин аст, ки оё ваҷҳ ва каффайн ё миқдоре аз онҳо дар намоз лозим аст пӯшида шавад — бо он ки дар хориҷи намоз лозим нест — ё лозим нест? Ва он чи дар мард мавриди баҳс аст ин аст, ки оё зиёда бар мобайни ноф ва зону лозим аст дар намоз пӯшида шавад?*"

Он гоҳ чунин мегӯяд: "*Ба ақидаи уламои шиъаи имомия, бар зан дар ҳоли намоз ҳамон қадр воҷиб аст бипӯшад, ки дар ғайри намоз бояд аз номаҳрам бипӯшад…*"

Нақли суханони уламо дар ин замина ба тӯл меанҷомад. Уламои гузашта дар китобҳои худ агар баҳс кардаанд, ба ҳамин гуна назар додаанд, ки гуфта шуд. Маъмулан фуқаҳо масъалаи пӯшишро дар боби "салот" ва масъалаи назарро дар боби "никоҳ" мутаъарриз шудаанд.

Аҷиб ин аст, ки баъзе аз бузургони фуқаҳои муосир пиндоштаанд, ки ақидаи Аллома дар "Тазкира" ин аст, ки пӯшидани чеҳра воҷиб аст[39] ва ин иштибоҳ аст. Аллома дар

---

[39] *Дар "Мустамсакул-ъурво" (ҷ.5, с.190-192)-и Оятуллоҳ Ҳаким, пас аз он ки далелҳои адами лузуми пӯшишро тақвият мекунанд, мефармоянд:*

ومن ذلک يظهر ضعف ما عن التذكرة من المنع وقواه في الجواهر

*Зоҳиран соҳиби "Ҷавоҳир" низ назараш ба масъалаи назар аст, на вуҷуби сатр. Ба ҳар ҳол ин нисбат ба Аллома дар "Тазкира" қатъан саҳеҳ нест.*

“Тазкира” дар масъалаи “ҷавози назар”, бо дигарон ихтилоф дорад — чунонки хоҳем гуфт — на дар масъалаи пӯшиш.

Аммо масъалаи ҷавоз ва адами ҷавоз назар: Аллома дар “Тазкиратул-фуқаҳо”, китоби никоҳ мегӯяд: “*Назари мард ба зан ё ба воситаи ҳоҷат ва зарурат аст (монанди касе, ки қасди хостгорӣ дорад) ё ҳоҷат ва зарурате дар кор нест. Агар ҳоҷат ва зарурат дар кор нест, назар ба ғайри ваҷҳ ва каффайн ҷоиз нест. Аммо ваҷҳ ва каффайн, агар хавфи фитна дар кор аст, назар ба онҳо низ ҷоиз нест ва агар хавфи фитна дар кор нест, ба ақидаи Шайх Тӯсӣ монеъе надорад, вале макрӯҳ аст. Аксари шофеия низ ҳамин ақидаро доранд, вале ба ақидаи баъзе аз шофеия, назар ба ваҷҳ ва каффайн ҳаром аст*.“

Аллома пас аз он ки далелҳои ин идда аз шофеияро нақл мекунад, мегӯяд: “*Ба ақидаи ман низ назар бар ваҷҳ ва каффайн ҳаром аст.*“

Муҳаққиқ дар “Шаройеъ” мегӯяд: “*Назар ба чеҳра ва ду даст як бор ҷоиз аст ва такрораш ҷоиз нест. Шаҳид дар “Лумъа” ва Аллома дар баъзе китобҳояш, ҳамин ақидаро интихоб кардаанд.*”

Маҷмӯан дар боби назар бар ваҷҳ ва каффайн, се қавл аст:

а) Мамнӯъият мутлақан. Аллома дар “Тазкира” ва чанд нафари маъдуди дигар ва аз он ҷумла соҳиби “Ҷавоҳир” ин ақидаро интихоб кардаанд;

б) Ҷавози назар як навбат ва мамнӯъияти такрори назар. Муҳаққиқ дар “Шаройеъ” ва Шаҳиди Аввал дар “Лумъа” ва Аллома дар баъзе дигар аз китобҳояш тобеъи ин назаранд;

в) Ҷавоз мутлақан. Шайх Тӯсӣ, Кулайнӣ, соҳиби “Ҳадоиқ”, шайх Ансорӣ, Нароқӣ дар “Мустанад” ва Шаҳиди Сонӣ дар “Масолик” ин назарро таъйид мекунанд. Шаҳиди Сонӣ дар “Масолик” ин қавлро таъйид ва далелҳое, ки шофеия бад-он тамассук кардаанд ва мавриди писанди Аллома воқеъ шудааст рад мекунад, вале дар охир мегӯяд: *“Шак нест, ки қавл ба таҳрим, тариқи эҳтиёт ва саломат аст.*“

То инҷо ақидаи қудамои уламои исломро дар бораи пӯшиш ва ҳам дар бораи назар зикр кардем.

Аммо уламои мутааххир:

Марҳум Оятуллоҳ Сайид Муҳаммад Козими Таботабоии Яздӣ дар “Ъурватул-вусқо” роҷеъ ба масъалаи пӯшиш дар ғайри намоз мегӯяд: “*Бар зан воҷиб аст тамоми бадан хешро ҷуз ваҷҳ ва каффайн аз ғайри маҳорим бипӯшад.” (Ъурватул-вусқо, китоби салот, фасли сотир*)

Дар бораи масъалаи назар мегӯяд: “Бар мард ҷоиз нест назар ба зани аҷнабӣ, ҳамчунон ки бар зан ҷоиз нест назар ба марди аҷнабӣ. Ҷамоате ваҷҳ ва каффайнро истисно карда

гуфтаанд: мутлақан назар бар онҳо ҷоиз аст. Баъзе дигар гуфтаанд: назар як бор ҷоиз аст ва беш аз як бор ҷоиз нест. Аҳват мамнӯъият аст мутлақан.” (*Ъурватул-вусқо, китоби никоҳ, масъалаи 31)*

Аммо фуқаҳои мутааххир ва муосир ғолибан дар ин ду масъала аз изҳори назари сареҳ дар рисолаҳои амалия худдорӣ кардаанд ва маъмулан тариқи эҳтиёт мепӯянд.

Дар миёни уламои мутааххир ва муосир, ҳазрати Оятуллоҳ Ҳаким домат баракотуҳ дар рисолаи “Минҳоҷус-солеҳин”, китоби никоҳ, масъалаи севвум, фатвои сареҳ доранд ва ваҷҳ ва каффайнро сареҳан истисно мекунанд. Эшон мефармоянд: “*Ҷоиз аст назар ба касе, ки қасди тазвиҷи ӯро дорад. Ҳамчунин ҷоиз аст назар ба занони аҳли зимма — ба шарти адами талаззуз — ва ҳамчунин занони бепарво, ки наҳйи онҳо асар надорад — ба шарти адами талаззуз — ва ҳамчунин заноне, ки ба ваҷҳе маҳрам мебошанд. Ва назар ба ғайри инҳо ҳаром аст магар бар чеҳра ва ду даст то муч, он ҳам ба шарти адами талаззуз.*”

## Ҳисси эҳтиёт

Бегумон ҳисси эҳтиёт яке аз мӯҷиботи парҳез аз фатво ба ҷавози назар ва адами лузуми пӯшиш аст. Ҳар касе дар виҷдони худ медонад, ки ду хасиса яке дар мард ва яке дар зан вуҷуд дорад. Дар зан алоқаи шадид ба табарруҷ ва худоройӣ ва худнамойӣ ва дар мард ҳаваси чашмчаронӣ ва назарбозӣ. Ба қавли маҷаллаи “Тавфиқ”: ин ки шуъаро занро ба “сарв” ташбеҳ кардаанд на аз ҷиҳати эътидоли қомат аст, балки аз ин ҷиҳат аст, ки зан монанди сарв тобистону зимистон надорад, зимистон ва тобистон бараҳна ва урён берун меояд ва аз осеби сармо бокаш нест.

Дар мавриди сифати худнамоии занон ва хасисаи чашмчаронии мардон, Уилям Дюрант менависад:

“*Дар миёни аъмоли инсонӣ аҷибтар аз ин нест, ки мардон пирона сар ба дунболи занон биафтанд ва занон то дами гӯр омодаи маъшуқ шудан ва маҳбуб будан бошанд. Дар рафтори инсонӣ амре пойдортар ва собиттар аз нигоҳи мардон ба занон нест. Бибин ин ҷонвари маккор чӣ гуна муроқиби шикори хеш аст, дар ҳоле, ки худро ба хондани рӯзнома машғул доштааст, гӯш ба гуфтораш фаро дор ва бибин, ки чӣ гуна дар бораи сайди ҷовидонии ӯст. Хаёл ва тасаввурашро дар назар ор, ки чӣ гуна парвонавор ба даври шамъ мечархад? Чаро? Ин амр чӣ гуна сурат мегирад? Решаҳои ин майли амиқ дар чист ва чӣ мароҳилеро мепаймояд, то ба марҳилаи шукӯҳу ҷунуни феълии худ мерасад?*“

Оре, ин ҳақиқатро, ки гуфтем, наметавон аз назар дур дошт ва аз тарафе медонем, ки асли ифоф ва тақво ба таври қатъ яке аз усули мусаллами ислом ва аз пояҳои қонунҳои иҷтимоъи манзилӣ аст.

## Кетмон ё изҳор?

Рӯйи ҳамин ҳисоб дар ин масъала амалан ду ҷараёни мухолиф ба вуҷуд омадааст. Яке ин ки соҳибони фатво дар асри ахир бо мушоҳидаи авзоъу аҳволи мавҷуд сахт дар умқи виҷдони худ метарсанд, ки фатво ба адами вуҷуби сатри ваҷҳ ва каффайн ва адами ҳурмати назар бар ваҷҳ ва каффайн бидиҳанд, аз ин рӯ тариқи саломат мепӯянд ва бо як "ъалал-аҳват" (бино бар эҳтиёт) худро наҷот медиҳанд.
Ҷараёни дуввум ин аст, ки баъзе дигарро ақида ин шуда, ки ҳарчанд аз назари ҳақиқат ва воқеъ, матлаб ҳамин аст, вале бо мулоҳизоти асру замон, ки мардум дунболи баҳона мегарданд, ки қайдҳои ифофро ба ҳар шакл ва ба ҳар сурат дур бирезанд, бояд қисмате аз воқеиётро кетмон кард, ки мӯҷиби баҳона нашавад.
Дуруст аст, ки ислом пӯшиши чеҳра ва ду дастро воҷиб накардааст, вале набояд инро ба мардум гуфт, зеро бо шунидани ин матлаб на танҳо чеҳра ва дастҳоро намепӯшанд, сару сина ва поҳо то болои зонуро ҳам нахоҳанд пӯшид.
Ин ҷост, ки фалсафаи "кетмон" ва муҳофизакорӣ по ба миён мениҳад. Фалсафаи кетмон ихтисос ба ин масъала надорад, иддае назири ин ақидаро дар боби истимоъи ахбори радио ва хариду фурӯши он низ доштанд.
Пас аз интишори китоби "Достони ростон" яке аз уламои Хавзистон номае ба ман навишт. Ин марди олим зимни ин ки аз ин китоб таҷлил карда онро бисёр судманд ташхис дода буд ва эътироф карда буд, ки ҳамаи достонҳоро бо асл татбиқ карда дуруст ёфтааст, пешниҳод карда буд, ки дуто аз достонҳоро бардорам, зеро мавриди суистифода воқеъ мешавад: яке, достони тақсими кор, ки марбут ба ҷараёни тақсим кардани Расули Худо корҳои хонаро миёни ҳазрати Амир алайҳис салом ва ҳазрати Заҳро алайҳас салом аст. Расули Акрам Саллаллоҳу алайҳи ва олиҳи корҳои берунро ба Алӣ ва корҳои дохилиро ба Заҳро вогузор мекунад ва ҳазрати Заҳро дар набудани ҳазрати Амир баъзе аз корҳои хориҷии он ҳазратро ба ӯҳда мегирад. Яке дигар, достони "Ҳатто бардафурӯш", ки ҷумлае дорад Расули Худо дар мазамматӣ бардафурӯшӣ.
Ин марди олим ба ман тавсия карда буд, ин ду достонро дар айни ин ки аслу асос дорад, аз он китоб бардорам, зеро достони аввали мӯҷиби суистифодаи касоне мешавад, ки

мӯътақиданд зан метавонад аз манзил берун биравад ва достони дуввум мавриди суистифодаи мухолифони бардагӣ мешавад.

Ман мункири ин асли куллӣ нестам, ки аҳёнан агар гуфтани ҳақиқате сабаби инҳирофи мардум аз он ҳақиқат бишавад, набояд гуфт, зеро гуфтан барои иршоди мардум ба ҳақиқат аст, на барои ин ки василаи дур шудан аз ҳақиқат бишавад. Албатта кетмони ҳақоиқ ҳаром аст. Қуръони Карим мефармояд:

**إِنَّ الَّذِينَ يَكْتُمُونَ مَا أَنْزَلْنَا مِنَ الْبَيِّنَاتِ وَالْهُدَى مِنْ بَعْدِ مَا بَيَّنَّاهُ لِلنَّاسِ فِي الْكِتَابِ أُولَئِكَ يَلْعَنُهُمُ اللَّهُ وَيَلْعَنُهُمُ اللَّاعِنُونَ**

(*Бақара/159*) Касоне, ки ҳақоиқи фуруд омада аз ҷониби моро пас аз он ки мо гуфта ва баён кардаем, кетмон мекунанд, Худо ва ҳар лаънаткунандае ононро лаънат мекунад.

Лаҳни оят фавқулъода шадид аст. Қуръони Карим дар камтар мавзӯе ба андозаи ин мавзӯъ бо чунин лаҳни шадид ва хашмноке сухан гуфтааст.

Дар айни ҳол, ман мӯътақидам мақсуд ин аст, ки мардум ҳақоиқро ба хотири манофеъи худ кетмон накунанд, вале ин ки ҳақиқатро ба хотири худи ҳақиқат (ва албатта дар шароити маҳдуд ва муваққат ва муайяне барои фирор аз суистифода) изҳор накунем, машмули ин оят нест. Ба иборати дигар, дурӯғ гуфтан ҳаром аст, аммо рост гуфтан ҳамеша воҷиб нест, яъне аҳёнан дар мавориде бояд сукут кард.

Ман мӯътақидам, ингуна маслиҳатандешиҳо агар бар мабнои масолеҳи воқеии ҳақоиқ бошад, на бар мабнои ҳифзи манофеъи афрод ва ашхос ва асноф ва табақот, монеъе надорад.

Аммо сухан дар ин аст, ки маслиҳатандешиҳое аз қабили фатво надодан ба ҷавози хариду фурӯши радио ё ба адами вуҷуби пӯшидани чеҳра ва ду даст оё як маслиҳатандешии саҳеҳ ва оқилона аст ва натиҷаи саҳеҳ медиҳад ё хайр? Оё воқеан ҷараёни амр ин аст, ки табақае аз занон чеҳра ва ду дасти худро мепӯшанд ва бо гуфтани ин ҳақиқат чеҳра ва дастҳо ва сипас тамоми баданро урён хоҳанд кард? Ё ҷараёни амр баръакс аст, яъне бисёре аз мардҳо ва занҳо хаёл мекунанд, ки аз назари мазҳабӣ асоси кор ин аст, ки чеҳраи зан гушуда набошад ва вақте, ки чеҳра гушуда шуд, кор гузаштааст. (“Об, ки аз сар гузашт, чӣ як ваҷаб ва чӣ сад ваҷаб”) Ва аз тарафи дигар, пӯшидани чеҳраро ғайриамалӣ ва аз назари мантиқ ғайриқобили дифоъ мебинанд ва ҳеҷ фалсафа ва истидлоле ҳам наметавонанд барои он зикр кунанд, аз ин рӯ аз сар то по лухт мешаванд.

Ақидаи баъзе аз коршиносони иҷтимоӣ ин аст, ки иллати ин ифрот ва бебанду бори таваҳҳумҳои ғалате аст, ки иҷтимоъ дар бораи ҳиҷоб доштааст. Иллат ин буда, ки ҳақоиқ

гуфта нашудааст. Агар ҳамон тавр, ки ислом худ гуфтааст гуфта мешуд, кор ба инҷоҳо, ки кашидааст кашида намешуд. Ин ҷо аз он ҷоҳост, ки бояд гуфт: “Аз поп католиктар набояд буд”, “Косаи аз ош гармтар саҳеҳ нест”.

Қуръони Карим дар сураи Ҳуҷурот мефармояд:

يَا أَيُّهَا الَّذِينَ آمَنُوا لَا تُقَدِّمُوا بَيْنَ يَدَيِ اللَّهِ وَرَسُولِهِ

(*Ҳуҷурот/1*) Яъне эй мӯъминин! Аз Худо ва Расули Худо ҷилав наяфтед.

Мақсуд аз ҷилав афтодан аз Худо ва пайғамбар ин аст, ки кори диндорӣ ва муқаддасмаобиро ба ҷойе расонем, ки Худо ва Расул нагуфтаанд ва бихоҳем аз пайғамбар ҳам ҷилавтар ҳаракат кунем.

Амирулмӯъминин Алӣ алайҳис салом мефармояд:

إن الله حدّد حدودا فلا تعتدوها وفرض فرائض فلا تتركوها وسكت عن أشياء لم يسكت عنها نسيانا فلا تتكلّفوها

(*“Наҳҷул-балоға”, ҳикмати 105*) Худованд ҳудуду марзҳое қарор додааст, аз онҳо таҷовуз накунед (муҳаррамоте қарор дода, онҳоро нақз накунед) ва воҷибот ва фароизе қарор дода онҳоро тарк накунед ва дар бораи баъзе чизҳо сукут кардааст (на онҳоро ҳаром карда ва на воҷиб), ин сукут аз рӯйи фаромӯшӣ набудааст, балки хостааст шумо дар он мaворид озод бошед, пас шумо худро дар он заминаҳо ба такаллуф ва машаққат наяндозед ва аз пеши худ барои худ ба номи дин ва Худо таклиф дуруст накунед.

Пайғамбари Акрам Саллаллоҳу алайҳи ва олиҳи дар ҳадисе, ки дар “Ҷомеъус-сағир” нақл кардааст мефармояд:

إن الله يحبّ أن يؤتى رخصه كما يكره أن يؤتى معصيته

Худованд ҳамон тавр, ки нохуш медорад он чиро наҳй кардааст мардум анҷом диҳанд, дӯст дорад он чиро иҷоза додааст ва биломонеъ шумурда, мардум онро ҳамон тавр биломонеъ талаққӣ кунанд; аз пеши худ чизеро, ки Худованд мамнӯъ накардааст, мамнӯъ нашуморанд.

Ин ҳадис бад-ин иборат низ нақл шудааст:

إن الله يحبّ أن يؤخذ برخصه كما يحبّ أن يؤخذ بعزائمه

Худованд дӯст дорад ҳар чизеро, ки мубоҳ қарор додааст ва рухсат фармуда мардум онро мубоҳ шуморанд, ҳамчунон ки дӯст дорад ҳар чиро наҳй кардааст, нораво ба шумор оваранд.

Мумкин аст назари ман иштибоҳ бошад. Мукаррар гуфтаам, ки дар ин гуна масоил, ки масъалаи фаръӣ аст, ҳар кас бояд фатвои марҷаъи тақлиди худро бихоҳад ва амал кунад.

Вале аз назари он чи ба номи маслиҳатандешӣ унвон мешавад, ки мегӯянд, маслиҳат нест гуфта шавад ҳарчанд ҳақиқат бошад, ақидаи ман бар хилофи ин маслиҳатандешӣ аст. Ман маслиҳатро дар гуфтани ҳақиқат медонам. Он чи маслиҳат эҷоб мекунад ҷуз ин нест, ки бояд ин хаёлро аз сари занони имрӯз хориҷ кунем, ки мегӯянд, ҳиҷоб дар асри ҳозир ғайриамалӣ аст; собит кунем, ки ҳиҷоби исломӣ комилан мантиқӣ ва амалӣ аст.
Сониян, кӯшиш кунем, ки дар фаъолиятҳои фарҳангӣ, иҷтимоӣ, беҳдоштӣ, воҳидҳои ихтисосӣ барои занон ба вуҷуд оварем ва бо фаъолиятҳои мухталит ва воҳидҳои мухталит, ки тақлиди аҳмақонае аз урупоиён аст, мубориза кунем. Танҳо дар ин сурат аст, ки занон шахсияти воқеии худро бозхоҳанд ёфт ва ба номи озодӣ ва мусовот, абзор ва бозича ва аҳёнан василаи итфоъи шаҳвати мардон қарор нахоҳанд гирифт.

## Ду масъалаи дигар

Ду масъалаи дигар дар боби муошарати зану мард боқӣ монда, ки бад нест онҳоро низ баррасӣ кунем. Яке, масъалаи шунидани садои зан аст ва дигар, масъалаи даст додан бо ӯст.
Дар масъалаи аввал, зоҳиран мусаллам аст, ки шунидани садои зан дар сурате, ки талаззуз ва риба дар кор набошад, ҷоиз аст. Марҳум Оятуллоҳ Сайид Муҳаммад Козими Таботабоии Яздӣ дар "Ъурватул-вусқо", боби никоҳ, фасли аввал, масъалаи 39 мефармояд:

لا بأس بسماع صوت الأجنبية ما لم يكن تلذذ ولا ريبة من غير فرق بين الأعمي والبصير وإن كان الأحوط الترک في غير مقام الضرورة، ويحرم عليها إسماع الصوت الذي فيه تهييج للسامع بتحسينه وترقيقه، قال تعالى: فلا تخضعن بالقول فيطمع الذي في قلبه مرض

Шунидани садои зан дар сурате, ки талаззуз ва риба набошад ҷоиз аст, вале дар айни ҳол модоме, ки зарурате нест, тарки он беҳтар аст. Ва бар зан ҳаром аст, ки бихоҳад савти худро нозук кунад ва некӯ созад ба тавре, ки таҳрикомез бошад, чунонки Худои Мутаъол дар Қуръон хитоб ба занони Пайғамбари Акрам Саллаллоҳу алайҳи ва олиҳи мефармояд: дар ҳарф задан садоро нозук ва муҳайиҷ накунед, ки мӯҷиби тамаъи бемордилон гардад.
Масъалаи ҷавози истимоъи садои зан ҷузъи мусалламот аст ва далели он сираи қатъӣ байни мусалмонон ва зарурӣ будан ва махсусан сираи қатъии таърихии Расули Худо ва имомони атҳор аст.

Илова бар ин, мафҳуми ояти мазкур ин аст, ки ҳарф задане, ки дар он киришма ва ноз ба кор наравад ҷоиз аст, яъне худи ин оят далел бар ҷавози ҳамсухан шудани зану марди аҷнабӣ аст.

Танҳо Шаҳиди Аввал аст, ки дар “Лумъа” мефармояд:

ويحرم سماع صوت الأجنبيهة

Ва баъзе аз фуқаҳои муосир эҳтимол додаанд, ки хатое аз нуссох рух додааст ва масалан –

لا يحرم

— ро

يحرم

— навиштаанд.

Дар мавриди масъалаи дуввум шакке нест, ки ҳатто дар сурате, ки талаззуз ва риба ҳам набошад, даст додани зану марди аҷнабӣ ҷоиз нест, магар ин ки ҷомае ҳоил бошад монанди дасткаш. Дар ин масъала, ҳам дар ривоятҳо ва ҳам дар фатвоҳои фуқаҳо иттифоқи калима мебошад. Дар баъзе аз ривоятҳо илова бар ин ки қайд шуда, ки мусофаҳа бидуни ҳоил набошад, изофа шуда, ки бояд дастро фишор надиҳанд. Марҳуми Сайид дар “Ъурватул-вусқо” баъд аз масъалаи пеш мефармояд:

لا يجوز مصافحة الأجنبية، نعم لا بأس بها من وراء الثوب

Даст додан бо зани бегона ҷоиз нест, вале агар ҷомае ҳоил бошад, монеъе надорад.

Бадеҳӣ аст, ки ҷоиз будани даст додан бо зани бегона дар сурати ҳоил будани ҷома ё дасткаш, машрут ба ин аст, ки талаззуз ва рибае дар кор набошад, аммо агар талаззуз ва риба дар кор бошад. ҳамон тавр, ки баъзе аз фуқаҳои дигар дар ҳошияи “Ъуватул-вусқо” ёдоварӣ кардаанд, қатъан ҳаром аст.

*Поёни китоб*